**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА»**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

ТДУ 021.13+23+025.4.03+027.023 (575.3)
ТКБ 78.30+78.342
Ш-31

**ЗАФАРИ ШАРИФ**

# ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ КИТОБХОНА - ОМИЛИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ОН (ДАР МИСОЛИ КИТОБХОНАҲОИ ДАВЛАТИЮ ОММАВИИ ТОҶИКИСТОН)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дарачаи илмии доктори фалсафа PhD**,** доктор аз рӯйи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои педагогӣ,
дотсент Шосаидзода С. Ҳ.

**Душанбе – 2025**

## МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО..........................................................................3**

**МУҚАДДИМА..................................................................................................4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ……………………………………......9**

**БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ОММАВӢ ВА ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО........................20-82**

1.1. Заминаҳои таърихии ташаккули таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо...........................................................................................20

1.2. Фаъолияти китобхона ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ……………………………………………...……………………42

1.3. Асосҳои назариявии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ……………………………………….......56

**БОБИ II. КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ДАВЛАТИЮ ОММАВӢ……………………………………….....…......................83-146**

2.1. Ташаккули консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ……………………………...…...83

2.2. Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ……………………………….....106

2.3. Татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо………………...........................................126

**ХУЛОСА…………………………………………………………....…….147**

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ...............................................................................................150**

**НОМГӮЙИ АДАБИЁТ……………………………………………………153**

**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ………………...170**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон

ҲҶТ– Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АМСБРСК – Агентии миллии Созмони байналмилалии рақамгузории стандарти китоб-Хонаи китоби Тоҷикистон

ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон

ДДФСТ – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода

ДМТ – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

КДБҶ – Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар

КМТ – Китобхонаи миллии Тоҷикистон

КМЭТ – Китобхонаи миллии электронии Тоҷикистон

КОА – Комиссияи олии аттестатсионӣ

ПИТФИ – Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилоот

РҚД– Рақами қайди давлатӣ

СМК – Системаи марказонидашудаи китобхонаҳо

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ТДУ – Таснифоти даҳгонаи универсалӣ

ТИМ - Таъмини инноватсионӣ-методӣ

ТКБ – Таснифоти китобхонавӣ-библиографӣ

ФИМ – Фаъолияти инноватсионӣ-методӣ

# МУҚАДДИМА

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот.** Таъмини рушди устувору босуботи Ҷумҳурии Тоҷикистон, расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ бе истифодаи мақсаднок ва ҷорӣ намудани навгониҳо дар тамоми соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии мамлакат имконнопазир аст. Дар ин росто, китобхонаҳо ба сифати ниҳодҳои масъули иҷтимоию фарҳангӣ ва иттилоотии ҷомеа, ки дар раванди ташаккули ҷаҳонбинии илмии афроди ҷомеа, рушди тафаккури техникӣ, пайванди илм бо истеҳсолот ва, хусусан, ҷалби насли наврас ба ихтироъкорию навоварӣ нақши калидӣ мебозанд, истисно шуда наметавонанд.

Бо дарназардошти муҳиммияти масъала ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон санаи 8 январи соли 2025 Фармон дар бораи «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон намудани солҳои 2025-2030-ро имзо намуданд, ки ин масъулияти китобхонаҳоро ҳамчун ниҳодҳои муҳимми иттилоърасони ҷомеа дар ин самт боз ҳам бештар намуда, тамоюлоти инноватсионию методии фаъолияти онҳоро ҳамчун омили асосии баланд бардоштани сатҳу сифати ҳизматрасонии китобдорию библиографӣ ба илму истеҳсолот қувват ва шиддат мебахшад.

Вобаста ба рисолати хоси иҷтимоии хеш китобхонаҳо ба тақвияту густариши равандҳои инноватсионии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла рушди иқтисоди миллӣ мусоидат намуда, «шарик»-и фаъол дар тавлиди намудҳои муосири технология, маҳсулоти нав ва дастрас гардонидани самараи ниҳоии иҷтимоию иқтисодии онҳо ба истеъмолкунандагон ба шумор меравaнд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар ҷаласаи якуми Шурои илм, маориф ва инноватсияи назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 15.04.2021), изҳор доштанд, ки «фаъолияти самарабахши илмиву технологӣ ва инноватсионӣ шарти зарурии

таъмин намудани рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба ҳисоб меравад» [170].

Аз ин рӯ, стратегия ва муҳтавои фаъолияти китобдорӣ, қабл аз ҳама, ба ноил шудан ба сатҳу сифати нави хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ, яъне ба бунёди амсилаи инноватсионию методие ниёз дорад, ки барои расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ равона карда шудааст. Бинобар ин, моделсозии маҷмуи равандҳои китобдорию библиографӣ бо истифода аз инноватсияҳо дар фаъолияти китобхонаи муосир аз ҷумлаи воситаҳои нисбатан тавонои амалисозии самтҳои афзалиятноки рушд маҳсуб мешавад.

Вобаста ба ин, дигаргуниҳои куллии соҳаи китобдорӣ, ки дар натиҷаи таҳаввулоти азими ҷомеаи соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва раванди ҷаҳонишавии фазои иттилоотии муосир рух дод, масъалаи такмили пайвастаи заминаи методию методологии фаъолияти рӯзмарраи китобхонаҳоро ба миён гузошт, ки он омили муҳимтарини рушди инноватсионӣ ва воситаи боэътимоди баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба шумор меравад.

Аҳаммияти таъмини инноватсионию методии субъектҳои инноватсионӣ, ҳамчун омили таконбахши рушди устувори кишвар, аз ҷумла фаъолияти китобхонаҳо дар қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ» (16.04.2012, № 822), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (1.08.2003, №32), «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикитон № 392, аз 1.10.2016), «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 354, аз 30.05.2015), «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №227, аз 30.04.2011), дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаву барномаҳо бо далелҳо асоснок карда шудааст.

Вобаста ба ин, таҳқиқи заминаҳои таърихӣ, назариявӣ ва методии раванди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳо, инчунин, омӯзиши

тамоюлҳои рушди он дар марҳилаи муосири пешрафти ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон бағоят муҳим ва мубрам мебошад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Мавҷудияти шумораи ниҳоят зиёди таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ оид ба инноватсия аз он шаҳодат медиҳад, ки дар доираи назарияи мазкур консепсияҳои гуногун ташаккул ёфтаанд. Хусусияти байнифаннии ин соҳаи дониш барои ташаккули назарияи инноватсия дар чанде аз самтҳои илм ва амалия замина фароҳам овардааст. Аз ин ҷост, ки дар назарияи инноватсия муносибат ва принсипҳои мухталифи илмҳои гуногун баръало ба назар мерасанд, ки онро дар таҳқиқоти олимону мутахассисони зерини соҳаи сотсиология (А. Пригожин, П. Сорокин, Г. Тард), иқтисодиёт ва идоракунӣ (А. Ансофф, П. Друкер, Н.Д. Кондратев, С. Кузнетс, Й. Шумпетер), психология (Б.Г. Ананев, А.К. Маркова, Н.А. Подимов), педагогика, аз ҷумла таҳсилот (К. Ангеловский, С.А. Баранникова, В.А. Бордовский, М.В. Кларин, С.В. Кузмин, В.С. Лазарев, Г.В. Лямина, Т.В. Мисюрко, В.А. Михайлов, С.В. Михайлов, Б.Д. Паташев, М.М. Поташник, В.А. Сластенин), фалсафа (В.Б. Агранович, П.Л. Зеленова, С.Е. Крючкова, Т.А. Столярова ва дигарон) метавон мушоҳида кард.

Китобхонашиносии шуравӣ ва рус дар самти омӯзиши равандҳои инноватсионӣ дорои таҷрибаи ғанӣ мебошад. Асару мақолаҳои М.И Акилина, М.Г. Анисимова, С.А. Бражникова О.В. Ветчанова, Н.Л. Голубева, А.А. Графова Е.Н. Гусева, Е.Ю. Елисина, Н.С. Карташов, Е.Ю. Качанова, Е.С. Мартин, И.Ю. Матвеева, С.Г. Матлина, О.А. Ратникова, Е.В.Романова, С.С. Серейчик, Н.А. Толканюк, Д.М. Сукерблат, Н.Т. Чуприна ва дигарон сарчашмаҳои умдаи омӯзиши мавзуи мавриди таҳқиқ ба шумор рафта, дар онҳо моҳияти инноватсияҳо, ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии идоракунии инноватсияҳои китобдорӣ, шароитҳо, самтҳои ташаккул ва рушди назарияи инноватикаи китобдорӣ мавриди баррасии амиқи илмӣ қарор гирифтаанд.

Муҳаққиқон Ю.Б. Авраева, С.А. Басов, Б.Н. Бачалдин, А.Н. Ванеев, Е.В. Василевская, Ю.Н. Дрешер, Е.А. Ермакова, Р.З. Зотова, Г.М. Кормишина, И. С. Пилко, З.В. Руссак, И.М. Суслова, В.Р. Фирсов ва дигарон асару

мақолаҳои хешро ба таҳқиқи масъалаҳои моҳияти хадамоти методӣ, таҳлили вазъ, мушкилот, консепсияҳои муосири илмӣ ва баъзе масъалаҳои вобаста ба дурнамои такмили фаъолияти инноватсионӣ ва методии китобхонаҳо ихтисос додаанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии Ю.Б. Авраеева, Н.В. Борисова, Л.Н Голенок, Л.Л. Диденко, Е.А. Ермакова, Е.Ю. Качанова, Е.С. Мартин, И.Ю. Матвеева, Нгуен Тхи Лан Тхан, Б. Нуриев, О.А. Ратникова, З.В. Руссак, Н.А. Толканюк, Н.Т. Чуприна ҷанбаҳои гуногуни инноватикаи китобдорӣ, аз ҷумла татбиқи равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо инъикос ёфта, муҳаққиқон татбиқи равандҳои инноватсиониро ҳамчун омили муҳим дар таъмини самаранокӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати барои истифодабарандагон матлуби хизматрасонии китобдорию библиографӣ асоснок кардаанд.

Муҳаққиқону мутахассисони тоҷик низ оид ба масъалаҳои роҳбарии илмӣ-методӣ ба фаъолияти китобхонаҳо асару мақолаҳои зиёд эҷод намудаанд, ки омӯзиш ва таҳлилу натиҷагирии илмии тавсия ва пешниҳодҳои онҳо барои роҳандозии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар замони муосир муҳим мебошад. Асару мақолаҳои Н. Давлатов, С. Ғоибназаров, Қ. Ғуломзода (Қ. Авғонов), С. Ғуломшоев, Ш. Комилзода (Ш. Тошев), С. Муҳиддинов, С. Одинаев, А.Ҳ. Раҳимов, Ҷ. Раҷабов, Б. Сайфуллозода (Б. Холов), С. Сулаймонӣ, Ҷ. Файзализода, Р.Шарофзода (Р. Шаропов), З.М. Шевченко, Ҷ. Шерматов, С Шосаидзода (С. Шосаидов), Г.Э. Шукурова ва дигарон ба масъалаҳои ташаккули низоми роҳбарии методӣ дар ҷумҳурӣ, омӯзиши таҷрибаи пешқадами роҳбарии методӣ ба китобхонаҳои илмӣ, давлатию оммавӣ, аз ҷумла бачагона бахшида шудаанд.

Дар мақолаҳои илмӣ ва илмию методии С. Ғоибназаров. Ҷ. Раҷабов, З.М. Шевченко ва Г.Э. Шукурова ҷанбаҳои таърихии фаъолияти методии китобхонаҳо, аз ҷумла марҳилаҳои ташаккул ва рушди низоми роҳбарии методӣ инъикос ёфтаанд, ки барои таҳқиқоти мо бағоят муҳим буданд.

Барои китобхонашиносии тоҷик даҳсолаи дуюми асри XXI дар омӯзиши масъалаҳои вобаста ба равандҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобдорӣ, аз ҷумла бозсозӣ ва такмили низоми таъмини методии фаъолияти китобхонаҳо марҳилаи нисбатан сермаҳсул ба шумор меравад. Дар ин давра асару мақолаҳои илмии Ё. Бердизода, Б. Боев, Қ. Бӯризода, (Қ. Бӯриев, Г. Бутаева, Ш. Комилзода (Ш. Тошев), Г. Маҳмудов, А. Ниёзов, Н. Раҷабова, Б. Сайфуллозода (Б. Холов), Н. Умарова, С. Шосаидзода (С. Шосаидов), инчунин, дастурҳои таълимӣ (Зафари Шариф ва С. Шосаидзода) ва маҷмуаҳои илмӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ ба табъ расида, дар ин самт таҳқиқи якчанд мавзуи илмии махсусан маблағгузоришуда оғоз гардид.

Таҳлили осори илмӣ, илмию методӣ ва таълимию методии соҳаи китобдорӣ аз замони шуравӣ то имрӯз, аз ҷумла дар Тоҷикистон собит менамояд, ки новобаста аз ҷолибияти таҳқиқоти равандҳои инноватсионию методии фаъолияти китобдорӣ ва коркард шудани он мавзуи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ дар Тоҷикистон, ба таври мушаххас мавриди таҳқиқоти мустақил қарор нагирифтааст. Махсусан, ҷанбаҳои таърихии фаъолияти инноватсионӣ-методӣ, вазъи имрӯза, ҳамбастагии таҷрибаи таърихӣ бо дастовардҳои муосири фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо, тамоюлҳои рушди он ба пажуҳиши ҷиддӣ ва консептуалӣ ниёз доранд.

Дар баробари ин, таҳлили назариявӣ ва омӯзиши раванди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон бархе номувофиқатии ҷиддии зеринро ошкор намуд: ихтилоф миёни мавҷудияти неруи бузурги фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо, афзудани талаботи кормандони китобхонаҳо ба ёрии инноватсионӣ-методӣ, аз як тараф ва мавҷуд набудани таҳқиқоти махсуси илмӣ оид ба мавзуи мазкур, аз тарафи дигар, ихтилофи миёни равандҳои доимовусъатёбандаи ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ, пайваста такмил ёфтани роҳу воситаҳои муосири иттилоърасонӣ, ки ба мақому манзалати иҷтимоӣ ва ҷойгоҳи китобхона дар низоми иттилоотии мусоир таъсир мерасонад, аз як сӯ ва мавҷуд набудани

консепсияи илман асосноки таъмини рушди инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, аз сӯйи дигар, ихтилофи миёни робитаи таърихии таҷрибаи ғаноманди пешқадами илмӣ-методии китобхонаҳои даврони шуравӣ ва дастоварду арзишҳои муосири фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳои муосир ва зарурати асосноксозии илмии ҳамбастагии онҳо барои таъмини рушди устувори китобхонаҳои Тоҷикистон.

Таҳлилу омӯзиш ва мушаххас намудани роҳу воситаҳои бартарафсозии номувофиқатии мазкур проблемаи таҳқиқоти моро муайян намуда, дар ҷараёни баррасии он асосҳои таърихӣ ва методологию назариявии ташаккули раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор гирифта, ҳамзамон, дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқоти эмпирикӣ консепсияи дурнамои рушди раванди мазкур таҳия ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуҳои илмӣ:** Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо «Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 354, аз 30 майи соли 2015), «Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон № 227, аз 30.04.2011), қонун ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ робитаи мустақим дошта, муаллиф яке аз иҷрокунандагони мавзуи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии ДДФСТ ба номи М. Турсунзода зери унвони «Таҳқиқи салоҳияти инноватсионии китобдорон дар раванди хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ» (солҳои 2020-2024) бо рақами қайди давлатии РКД 0121TJ1274 мебошад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ:

**Мақсади асосии таҳқиқот.** Асосноксозии назариявии амсилаи такмили таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Бо дарназардошти мақсади таҳқиқот **вазифаҳои зерин** муайян карда шуданд:

- омӯзиш ва ҷамъбасти таҷрибаи таърихии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ;

- ошкор намудани хусусияти таъмини илмӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ даврони шуравӣ ва раванди ташаккули он;

- муайян ва асоснок намудани роҳу воситаҳои эҷодкорона ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадами таъмини илмию методии фаъолияти китобхонаҳои даврони шуравӣ дар амалияи китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон;

- ошкор намудани монеаҳои асосии раванди ҷоринамоии инноватсияҳо дар китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо;

- мушаххас намудани меъёрҳои асосии арзёбии самаранокии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;

- таҳлил ва арзёбии натиҷаи озмоиши таҳқиқоти анҷомёфта ва таҳияи амсилаи (амсилаи) консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;

- дар заминаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоиши таҷрибавӣ таҳия намудани пешниҳодҳо ҷиҳати амалисозии амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ.

**Объекти таҳқиқот** - фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот –** раванди ташаккули заминаҳои таърихӣ ва асосҳои назариявии таъмини инноватсионӣ-методӣ ҳамчун омили рушди фаъолияти китобхонаҳо.

**Фарзияи таҳқиқот** – таъмини самараноки инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон дар мавриде ба омили муҳимми рушди китобхонаҳо табдил хоҳад ёфт, ки, агар:

- заминаҳои таърихии ташаккули низоми роҳбарии илмию методӣ ба китобхонаҳо таҳлилу ҷамъбаст гардида, самтҳои асосии таъмини ҳамбастагии он бо дастовардҳои муосири таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо аз ҷиҳати назариявӣ исбот карда шавад;

- зарурати ҳамбастагии се самти фаъолияти марказҳои методӣ: илмӣ, инноватсионӣ ва методӣ дар раванди таъмини самаранокӣ ва сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шавад;

- меъёрҳои асосии арзёбии самаранокии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ муайян карда шаванд;

- амсилаи консептуалии ташаккул ва рушди салоҳияти инноватсионӣ-методии китобдорон тахия гардида, роҳҳои дар амал ҷорӣ намудани он тавассути таҳқиқоти таҷрибавӣ озмуда шавад;

- идоракунии инноватсияҳо ҳамчун ҷузъи таркибии такмили амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо аз ҷиҳати назариявӣ асоснок ва роҳҳои татбиқи он муқаррар карда шавад.

**Методҳои таҳқиқот.** Барои ҳалли вазифаҳои таҳқиқот ва санҷиши фарзияҳои ибтидоӣ аз маҷмуи методҳои назариявӣ ва эмпирикии зерин истифода бурда шуд:

- назариявӣ – барои таҳлили сарчашмаҳои таърихӣ, фалсафӣ-методологӣ, психологӣ, педагогӣ (анализ, синтез, муқоиса, хулосабарорӣ, мураттабсозӣ, моделсозӣ).

- эмпирикӣ: пурсиш, таҳлили мавод оид ба фаъолияти китобхонаҳо ва марказҳои методӣ, суҳбат, мушоҳида, мусоҳиба, худбаҳодиҳӣ, хулосаи экспертӣ, озмоиши педагогӣ, методҳои омории таҳлили маълумот ва нишондиҳандаҳои миқдорӣ.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқот тули солҳои 2017-2024 дар се марҳила гузаронида шуд**.**

**Дар зинаи аввали таҳқиқот (солҳои 2017-2019)** адабиёт оид ба мавзуи таҳқиқот мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода шуд; дастгоҳи мафҳумӣ-

категориявии таҳқиқот ташаккул дода шуда, мавзуи таҳқиқот интихоб ва аз ҷиҳати назариявӣ таҳлилу баррасӣ гардид; мақсад, вазифаҳо, объект, предмет ва фарзияҳои таҳқиқот муайян карда шуда, роҳҳои имконпазири ҳалли онҳо мушаххас карда шуд.

**Дар марҳилаи дуюми таҳқиқот (солҳои 2020-2021)** таҷрибаи марказҳои ёрии методӣ ба китобхонаҳо дар даврони шуравӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, вазъи муосири таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳлил ва имкониятҳои кадрӣ, моддию техникӣ ва илмию эҷодии марказҳои бузурги методӣ дар ин самт муайян карда шуд; дастгоҳи истилоҳотии таҳқиқот ташаккул ёфта, методҳои таҳқиқот интихоб гардиданд.

**Дар марҳилаи сеюми таҳқиқот (солҳои 2022-2024)** қисми назариявии таҳқиқот такмил ёфта, озмоиши таҷрибавии таҳқиқот (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда ва назоратӣ) гузаронида шуд; натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ тавассути методҳои оморӣ ва математикӣ таҳлил ва ҷамъбаст карда шуданд; шароитҳои педагогии амалисозии консепсияи дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ санҷида шуданд; коркарди ниҳоии хулосаву тавсияҳои илмӣ ва ороишу барасмиятдарории диссертатсия анҷом дода шуд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот –** назарияи инноватсия (С. Арджирис, К. Девис, Р. Данкан, Н.И. Лапина, А.И. Пригожин ва дигарон); таълимот оид ба инноватсия ҳамчун падидаи мураккаби иҷтимоӣ (В.Б. Агранович, П.Л. Зеленов, С.Е. Крючкова, Т.А. Столярова ва дигарон); фарҳанги инноватсионӣ (А. Валеева, Д. Вахитов ва дигарон); моҳият ва сохтори фаъолияти инноватсионӣ (В.И. Загвязинский, В.С. Лазарев, А.К Маркова, М.М. Поташник ва дигарон);

**Асосҳои методологии таҳқиқот** - муносибати субъектҳо нисбат ба навгониҳо (К. Ангеловски, А. Неймер, С. Поляков, Э. Роджерс ва дигарон); инноватикаи китобдорӣ (С.Г. Матлина, А. Толканюк, Н.Т. Чуприна, С. Шосаидзода ва дигарон); муносибати бонизом нисбат ба таҳқиқи фаъолияти

инноватсионӣ-методии китобхона К.Б. Авраева, С.А. Басов, Б.Н. Бачалдин, С.А. Бражникова, А.Н. Ванеев, Н.С. Карташов, Е.Ю. Качанова С.Г. Матлина, З.В. Руссак, Ю.Н. Столяров, И.М. Суслова, Е.А. Фенелонов ва дигарон).

**Сарчашмаи маълумотро** осори илмии таърихӣ, фалсафӣ, педагогию психологӣ, китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ, асноди меъёрии ҳуқуқие, ки фаъолияти китобдорӣ, аз ҷумла равандҳои инноватсионию методиро дар соҳаи мазкур танзим мекунанд, ташкил медиҳанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ оид ба омӯзиши афкору андешаи китобдорону истифодабарандагони китобхонаҳо, кормандони марказҳои методӣ ва коршиносони соҳаи китобдорӣ ташкил медиҳад. Омӯзиш ва таҳлили илмии фикру андеша ва пешниҳоду тавсияҳои респондентони мазкур, инчунин, суҳбат ва мушоҳидаи илмӣ таҳқиқотро бо маълумоти муҳимми илмӣ таъмин намуда, барои собит намудани фарзияи таҳқиқот ва таҳияи консепсияи илмии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон заминаи боэътимодро фароҳам овардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Корҳои озмоишӣ, асосан, дар муассисаҳои давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар» (КДБҶ ба номи М. Миршакар), Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ, китобхонаҳои вилоятӣ дар Суғд, Хатлон, ВМКБ, инчунин, системаи марказонидашудаи китобхонаҳои ноҳияҳои Восеъ, Дӯстӣ, Панҷ, Норак, Файзобод, Рӯдакӣ, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Роштқалъа гузаронида шуданд. Дар ҷараёни таҳқиқот 205 нафар китобдорон, 33 нафар кормандони (методистони) марказҳои методӣ иштирок доштанд. Дар таҳқиқоти озмоишӣ ба сифати коршиносон омӯзгорони кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «ДФСТ ба номи М. Турсунзода» ва кормандони Пажуҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПИТФИ) ширкат варзиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** аз инҳо иборат аст:

- зарурати омӯзиши таҷрибаи таърихии марказҳои методӣ ва таъмини ҳамбастагии он бо дастовардҳои муосири фаъолияти инноватсионӣ-методӣ ба сифати омили муассири баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ва рушди устувори китобхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон собит карда шудааст;

- таҷрибаи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ ҷиҳати таъмини фаъолияти бонизоми инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳлил карда шуда, ҷиҳатҳои мусбат ва манфии он, аз ҷумла сатҳи омодагии марказҳои методӣ ва китобдорон ҷиҳати ҷоринамоии навгониҳо ошкор карда шудаанд;

- бо дарназадошти хусусиятҳои хоси Ҷумҳурии Тоҷикистон омилҳои асосии монеасози раванди ҷоринамоии инноватсияҳо дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ муайян ва роҳҳои асосии бартараф намудани онҳо илман асоснок карда шудааст;

- функсияи зинаҳои гуногуни хадамоти инноватсионӣ-методӣ ҳамчун унсури муҳимтарини инфрасохтори фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо мушаххас карда шуда, методикаи ташхиси фазои инноватсионӣ ва интихоби стратегияи муносиби ҷоринамоии дигаргуниҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ асоснок ва пешниҳод карда шудааст.

- амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳия гардида, шароитҳои амалисозии он дар раванди озмоиши таҷрибавӣ санҷида шуда, самтҳои асосии татбиқи он дар амалияи китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон муайян карда шудааст.

**Нуктаҳои асосӣ, ки ба дифоъ пешниҳод мешаванд**:

1. Амсилаи консептуалии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон, ки пайваста дар ҳоли рушд ва

такомул карор дорад, аз ҷузъиёти зерин иборат аст: сатҳи миллӣ, минтақавӣ (вилоятӣ, музофотӣ (водӣ)), шаҳрӣ ва ноҳиявӣ.

2. Зарурати таҳқиқи илмӣ ва такмили низоми мазкурро барои китобхонаҳои Тоҷикистон фазои муосири иттилоотӣ ва дигаргуниҳои азими ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи соҳибихтиёр муайян менамояд.

3. Сатҳу сифат ва самаранокии низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон аз омӯзиши амику интиқодии таҷрибаи таърихии фаъолияти марказҳои методӣ, таъмини ҳамбастагии он бо консепсияҳо ва дастовардҳои низоми муосири таъмини инноватсионӣ-методӣ алоқамандии зич дорад.

4. Мазмун ва моҳияти таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар амалисозии муносибати инноватсионӣ нисбат ба фаъолияти китобхона, гузаронидани таҳқиқоти озмоишӣ барои муайян намудани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ, сатҳи салоҳият ва фарҳанги инноватсионии китобдорон, азрёбии неру, дараҷаи омодагии кормандони марказҳои методӣ, ташаккули низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, ки китобдорро ба ташаббускорӣ, эҷодиёт, навҷӯйӣ ва навоварӣ раҳнамун месозанд, ифода меёбад.

5. Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи истифодаи услубҳои методологии муносибати бонизом, синергетикӣ, ба муҳит ва шахс нигаронидашуда ташаккул меёбад.

6. Дар раванди амалисозии стратегияи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бояд таҷрибаи пешқадами инноватсионии китобхонаҳои кишварҳои пешрафта ҳамчун ғоя ва намунаи арзишманд барои рушду такомули раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо пазируфта шуда, ба шароит ва хусусияти хоси китобхонаҳои Тоҷикистон мутобиқ гардонида шаванд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот аз он иборат аст, ки:**

- маҷмуи донишҳои назариявии китобхонашиносии ватанӣ оид ба фаъолияти марказҳои методӣ бо асосҳои нави илмии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо мукаммал мегардад;

- назария ва методикаи хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба истифодабарандагони китобхона дар самти баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти китобхона бо ғояи назариявӣ-методологии таъмини инноватсионӣ-методӣ ғанитар мегардад;

- барои коркарди илмӣ ва тавсеаи функсияи марказҳои методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ дар самти ҷоринамоии навгониҳои китобдорӣ заминаи иловагии назариявӣ фароҳам меояд;

- барои муайян намудани роҳҳои ҳалли проблемаҳои илмии «монеаҳои раванди инноватсионӣ», «ташаккули салоҳияти инноватсионии китобдорон», «ташаккули фарҳанги инноватсионии китобдор» ва амсоли инҳо имконияти васеъ пайдо мегардад;

- консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо барои таҳияи нуктаҳои асосии асноди стратегии рушди соҳаи китобдорӣ ва таҳқиқоти оянда дар самти инноватикаи китобдорӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** аз он иборат аст, ки дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳо, тавсия ва пешниҳодҳои мушаххаси он:

- барои таъмини фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо дар шароити доимовусъатёбандаи рақобати бозори иттилоотӣ заминаҳои воқеӣ фароҳам меоянд;

- раванди идоракунии ҳайати китобхона дар шароити рушди инноватсионӣ самарабахш гардида, ҳавасмандии китобдорон барои зоҳир намудани ташаббусҳои инноватсионӣ бештар мегардад;

- барои омодасозӣ ва баланд бардоштани сатҳи салоҳияти инноватсионии мутахассисониояндаи соҳаи китобдорӣ маводди нави таълимӣ фароҳам оварда шудааст (бо пешниҳоди диссертант дар ДДФСТ ба

номи М.Турсунзода таълими фанни «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» ба роҳ монда шуда, дастури таълимӣ ва барномаи фан таҳия гардидааст);

- барои азнавсозии фаъолияти марказҳои ёрии методӣ ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ, роҳандозии бонизоми инноватсияҳои китобдорӣ, омӯзишу ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами инноватсионӣ, вусъати ташаббусҳои эҷодиву инноватсионии китобдорон ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ заминаи мусоид фароҳам меояд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Саҳеҳият ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба асосноксозии илмию методологии нуктаҳои муҳимтарини назариявии таҳқиқот, мутобиқати методҳои таҳқиқ бо ҳадафу вазифаҳои он, ҳамбастагии мақсаду вазифаҳои таҳқиқ, кофӣ будани шумораи маводди мавриди пажуҳиш, дақиқияти маълумот, ҳаҷми интишороти довталаб асос ёфта, дар ин замина тавассути санҷиши озмоишии фарзия бо истифода аз пешниҳодҳои дар амал ҷоришудаи муаллиф натиҷаҳои асосноки илмӣ ба даст омада, тавсияҳои амалӣ манзур гардиданд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 6D091000 – Кори китобдорӣ (6D091001 – Китобхонашиносӣ, библиографишиносӣ ва китобшиносӣ):

Банди 2. Масъалаҳои таҳқиқ ва коркард дар соҳаи назария, таърих методология, созмондиҳӣ, технологияҳо, идоракунӣ ва таъмини техникии фаъолияти китобхонавӣ, библиографӣ; аҳаммияти ҳаллу фасли комплексии проблемаҳои ихтисоси мазкур барои иқтисодиёти миллӣ, илм, фарҳанг ва маориф; ҷоринамоии навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ, библиографӣ; истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, омодасозӣ ва азнавтайёркунии кадрҳо, истифодаи таҷрибаи пешқадами китобдорӣ;

Зербанди 2.7-уми банди 3 - Методологияи таҳқиқот дар кори китобдорӣ ва ҷанбаҳои методологии фаъолияти китобдорӣ-библиографӣ, китобшиносӣ;

Зербанди 2.8. банди 3 – Коркардҳои сотсиологӣ дар кори китобдорӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҷустуҷӯ ва таҳлили амиқи сарчашмаҳои гуногун оид ба мавзуъ, таҳияву асосноксозии илмии нуктаҳои муҳимтарини мавзуъ, муайян намудани объекту предмет, мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, ташкилу баргузории кори озмоишӣ-таҷрибавӣ, коркарду ҷамъбаст ва тафсири илмии натиҷаҳои он маҳсули чандинсола ва бевоситаи фаъолияти илмию таҳқиқотии муаллиф мебошад. Таҳия ва пешниҳоди амсилаи консептуалии дурнамои рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон ва озмоиши таҷрибавии он саҳми шахсии муаллифи диссертатсия маҳсуб меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои таҳқиқот солҳои 2016-2024 дар конференсияҳои гуногуни илмию назариявӣ ва илмию амалии сатҳи байналмилалӣ, ҷумҳуриявӣ, донишкадавӣ, семинарҳо ва мизҳои мудаввар баррасӣ ва тасвиб гардиданд.

Натиҷаҳои таҳқиқот, инчунин, дар ҷараёни таълими фанни «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» дар ДДФСТ ба номи М. Турсунзода, ки аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст, мавриди истифода қарор гирифта, инчунин, дар дастури таълимии «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» [19-М] ва барномаи таълимии фанни мазкур инъикос ёфтаанд.

Диссертатсия дар ҷаласаи кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «ДДФСТ ба номи Мирзо Турсунзода» (протоколи №4, аз 24 декабри соли 2024) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи таҳқиқот.** Натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот дар 18 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1 дастури таълимӣ (дар ҳаммуалифӣ) интишор шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мантиқи таҳқиқот мувофиқ буда, аз муқаддима, ду боб, 6 зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст**.** Мазмуни диссертатсия дар 172 саҳифаи чопи компютерӣ инъикос ёфтааст. Дар матни диссертатсия 8 ҷадвал, 1 расм ва 5 диаграмма ҷой дода шудааст. Рӯйхати ададбиёт аз 170 номгӯй иборат аст.

# БОБИ I. ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХӢ-НАЗАРИЯВИИ РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ОММАВӢ ВА ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО

## 1.1. Заминаҳои таърихии ташаккули таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо

Омили муҳимтарин ва ангезаи асосии омӯзиши таърих ҳамеша кӯшиш барои ба даст овардани нуктаи арзишманд, таҷрибаи ибратбахш, ошкор намудани равобити мантиқии қонуниятҳои инкишоф - ҳаводиси гузашта бо падидаҳои имрӯза ва, дар ин замина, мушаххас намудани тамоюлҳои рушди оянда мебошад. Аз ин рӯ, моҳият ва мундариҷаи «идроки таърихӣ», яъне раванди ба даст овардани дониши таърихӣ дар шакли назариявӣ ва эмпирикӣ барои муқоисаи таҷрибаи дирӯза бо имрӯза ва тарҳрезии ҷараёни андӯхти таҷрибаи оянда ниҳоят зарур мебошад. Сарфи назар намудани воқеияти гузашта имкон намедиҳад, ки марҳилаҳои раванди пайдоиш, ташаккул ва рушди бонизому бардавоми объекти мавриди таҳқиқ дар ҳамбастагии ногусатанӣ баррасӣ гарданд. Дар заминаи дониши таърихӣ тасаввурот оид ба объекти омӯзиш васеътар, имконияти тафсири маводди таърихӣ ва муқоисаи он бо падидаҳои нав фарохтар ва тарҳрезии самтҳои рушдиояндаи он боз ҳам мушаххастар мегардад. Дониши таърихӣ барои боз ҳам васеътар намудани ҳудуди замонии объекти мавриди таҳлил имкон фароҳам меорад.

Дар ҳамин радиф, омӯзиши таҷрибаи пешқадами марказҳои илмӣ-методии соҳаи китобдории замони шуравӣ барои такмили фаъолияти методӣ ва дар ин замина фароҳам овардани шароит барои вусъат бахшидан ба раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз манифиат холӣ нест. Мавриди зикр аст, ки имрӯз аксарияти кулли китобхонаҳои Тоҷикистон дар фаъолияти худ ба таҷрибаи замони шуравӣ такя менамоянд. Дар ин самт фаъолияти методии китобхонаҳо низ истисно нест. Аммо як қисми муҳаққиқону китобдорони тоҷик ба таҷрибаи замони шуравӣ бо ҳисси нобоварӣ, қисми дигар бошад

истифодаи ин таҷрибаро барои китобхонаҳои Тоҷикистон ҳатто, зарарнок меҳисобад.

Аз ин рӯ, омӯзиши назариявии масъала, муайяннамоии ҷиҳатҳои мусбату манфии ин таҷриба яке аз масъалаҳои муҳимми илмӣ ба ҳисоб рафта, барои аниқ намудани мавқеи илми китобхонашиносии ватанӣ бағоят муҳим аст.

Мутаассифона, аз муҳаққиқони китобхонашиноси тоҷик ягон нафар нисбати ин масъала таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир накардаааст. Бинобар ин, дар таҳқиқоти мазкур мо кӯшиш намудем, ки то ҳадди имкон баъзе паҳлӯҳои фаъолияти илмӣ-методии собиқ марказҳои бузурги методии шуравиро, ки аз нигоҳи мо барои китобхонаҳои Тоҷикистон муфид аст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор диҳем.

Мавриди зикри хос аст, ки новобаста аз камбудиву мушкилот имрӯз низоми расонидани ёрии илмӣ-методӣ ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон (қаблан низоми ягонаи роҳбарии методӣ ба китобхонаҳо унвон дошт), ки асоси он дар замони шуравӣ гузошта шудааст, яке аз дастовардҳои муҳимми соҳаи китобдории мамлакат ва ҷузъи таркибии идоракунии давлатии соҳаи мазкур ба шумор меравад.

Шоистаи зикр аст, ки ҳанӯз дар ибтидои асри XX дар низоми таъмини илмӣ-методии китобхонаҳои Россия самтҳои зерин ташаккул ёфта буданд: «таъсиси иттиҳодияҳои ихтиёрии китобдорон, гузаронидани анҷумани машварати кормандони китобхонаҳо, мубодилаи нашрияҳои чопӣ, аз ҷумла феҳристу ҳисобот дар байни китобхонаҳо, ташкили шуъбаҳои китобхонашиносӣ дар назди китобхонаҳо ва ғайра. Маҳз дар ҳамин давра иттиҳодияҳои китобдорӣ доираи фаъолияти хешро васеъ намуда, аввалин Анҷумани умумироссиягӣ оид ба кори китобдорӣ, курсҳои китобдории Москва баргузор гардида, маҷаллаи «Библиотекарь» интишор ёфт [130, с. 19].

Дар замони шуравӣ роҳбариии методӣ тибқи нишондоди қарорҳои съездҳои ҲКИШ ва Ҳукумати шуравӣ оид ба масъалаҳои идеологӣ, рушди

илму фарҳанг, маориф ва дигар соҳаҳои хоҷагии халқ, қарори Комиссияи давлатии байниидоравии китобдории назди Вазорати маданияти СССР, дастуру тавсияҳои вазорату идораҳои давлатӣ, мақомоти маркази ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар асоси «Низомнома оид ба фаъолияти китобдорӣ дар СССР» (1984) [9, с. 5-14.] ба роҳ монда шуда буд.

Дар даврони шуравӣ низоми ягонаи роҳбарии методӣ тамоми шабакаи китобхонаҳои мамлакатро фаро гирифта, барои истифодаи тарзу услубҳои илман асосноки кор дар фаъолияти онҳо мусоидат менамуд. Татбиқи амалии роҳбари методӣ тавассути таҳия ва ҷоринамоии асноди танзимкунанда ва стандартҳо, дастуру тавсияҳои методӣ, расонидани ёрии мустақими методӣ, иштирок дар низоми такмили ихтисоси китобдорон, санҷиши фаъолияти китобхонаҳо ва назорати иҷрои қарорҳо таъмин мегардид. Яъне кори илмӣ-методӣ дар миқёси мамлакат, минтақаҳо ва соҳаҳо ба роҳ монда шуда буд. Низоми роҳбарии методӣ аз зернизомҳои соҳавӣ ва идоравӣ иборат буд.

Роҳбарии умумии методиро ба тамоми китобхонаи мамлакат новобаста аз тобеияти идоравӣ Вазорати маданияти СССР тавассути муассисаи асосӣ – Маркази умумиитифоқии методӣ - Китобхонаи давлатии СССР ба номи В.И. Ленин амалӣ менамуд.

Мундариҷа ва ташкили кори илмӣ-методиро дар солҳои аввали Ҳокимияти шуравӣ Анҷумани якуми умумироссиягӣ оид ба таҳсилоти беруназмактабӣ (1919), декрети СКХ РСФСР «Дар бораи марказонидани кори китодорӣ дар РСФСР (1920), Анҷумани якуми китобдорони РСФСР (1924), Конференсияи китобхонаҳои илмӣ (1924) муайян намуданд. Бо дарназардошти хусусияти давлатию ҳизбӣ ва принсипи ягонаву марказонидашудаи роҳбарию назорати фаъолияти китобдорӣ дар ин давра ва солҳои минбаъда дар забони касбии олимону мутахассисони соҳаи китобдорӣ истилоҳоти «роҳбарии методӣ ба китобхонаҳо», «роҳбарӣ ба фаъолияти китобдорӣ», «роҳбарӣ ба китобхона», «роҳбарии хониш» ва амсоли инҳо серистеъмол гардида, мавқеи устувор пайдо карданд.

Ҳамоҳангсозии фаъолияти методӣ вобаста ба тамоми самтҳои фаъолият – таҳияи нашрияҳои методӣ, ташкили чорабиниҳо бо мақсади такмили ихтисоси кормандони китобхонаҳо, баргузории ҳамоишҳои муштарак - ҷаласаву семинарҳо, конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ташриф ба китобхонаҳо, истифодаи муштараки таҷрибаи пешқадами китобдорӣ ва ғайра ба роҳ монада шуда буд.

Ҳадафи асосии ҳамоҳангсозии фаъолияти методӣ ин, қабл аз ҳама, мушаххасгардонӣ ва муттаҳидсозии уҳдадории китобхонаҳо – марказҳои методӣ, ҷиҳати расонидан ёрии методӣ ба китобхонаҳо, аз байн бурдани такроршавии амалиёт дар фаъолият, тақсимоти мақсадноки неруҳҳо, муайянсозии самтҳои асосии кори методӣ дар мамлакат, минтақа ва соҳаҳои алоҳида буд.

Асоси ҳамоҳангсозиро мутобиқгардонии нақшаҳои кори методӣ, таҳияи нақшаҳо ва созишномаҳои ҳамоҳанги ҳамкорӣ ташкил медод. Дар ин нақшаҳо чорабиниҳои муҳимтарини китобхонаҳо (ҳам чорабиниҳои алоҳида ва ҳам чорабиниҳои муштарак) инъикос мегардиданд. Чунин тарзи ташкили кор ба китобхонаҳо имкон медод, ки нашрияҳои методиро якҷоя истифода баранд, сафарҳои кории муштарак ташкил намоянд, дар гузаронидани чорабиниҳои оид ба такмили ихтисоси китобдорон ҳамкорӣ намоянд ва ғайра.

Бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти методӣ дар назди Шурои китобдорӣ зеркомиссияҳо оид ба кори методӣ ташкил карда шуда буданд, ки ба ҳайати он намояндагони китобхонаҳои умумииттифоқӣ – марказҳои методӣ, мутахассисони варзидаи соҳаи кори методӣ, устодони макотиби олӣ шомил буданд.

Зеркомиссия масъалаҳои муҳимтарини роҳбарии методии китобхонаҳои мамлакатро мавриди баррасӣ қарор дода, номгӯй ва мақоми асноди умумидавлатиеро, ки фаъолияти методиро танзим менамуданд муайян ва ҳисоботи вазорату идораҳоро оид ба самтҳои гуногуни кори методӣ қабул

менамуд. Мақоми кории комиссия – шуъбаи илмӣ-методии Китобхонаи давлатии СССР ба номи В.И. Ленин буд.

Ба раванди танзими ҳамкории китобхонаҳо дар самти кори методӣ асноди байниидоравӣ: низомнома оид ба азназаргузарониии китобхонаҳо, стандартҳои давлатӣ, ҳуҷҷатҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат менамуданд, зеро асноди номбурда қаблан бо тамоми ҷонибҳои манфиатдор мувофиқа ва тасдиқ карда мешуданд.

Татбиқи самтҳои асосии фаъодияти методӣ тавассути шаклу услубҳои гуногун ба роҳ монда шуда буд. Шаклҳои нисбатан маъмули ёрии методӣ – дастурдиҳии (инструктажи) методӣ (маслиҳатдиҳӣ, тақризу эродҳо, даъвати китобдорон ба марказҳои методӣ ва амсоли ин), ташриф ба китобхона, таъмин намудани китобхонаҳо бо нашрияҳои методӣ ба шумор мерафтанд.

Дастурдиҳии методӣ ин яке аз шаклҳои ёрии методӣ ба китобхонаҳо ба шумор рафта, ёрии методиро вобаста ба хусусияти хоси китобхонаи алоҳида мушаххас менамуд. Дастурдиҳии методӣ ҳангоми ташриф ба китобхона тавассути маслиҳатдиҳӣ дар китобхона – маркази методӣ, дар ҷаласаву конференсияҳо, семинару практикумҳо амалӣ мегардид.

Ду намуди маслиҳатдиҳии методӣ: инфиродӣ ва гурӯҳӣ низ маҳсули таҷрибаи марказҳои методии даврони шуравӣ мебошад. Ин ду намуд метавонанд хаттӣ ва шифоҳӣ бошанд. Маслиҳатдиҳии инфиродӣ дар мавридҳое гузаронида мешуд, ки, агар ягон масъалаи алоҳида пайдо гардад. Маслиҳатдиҳии хаттӣ ва шифоҳии гурӯҳӣ тибқи нақшаи пешакӣ ва мавзуӣ барои тамоми китобдорони минтақа ва ё гурӯҳи алоҳида шавқовар гузаронида мешуд. Маслиҳатдиҳии гурӯҳӣ, одатан, дар арафаи ягон ҷаласа, конференсия, семинар ё ба таври мустақилона гузаронида мешуданд. Маслиҳатдиҳии гурӯҳӣ, инчунин, дар мавридҳое гузаронида мешуд, ки, агар зарурати шарҳу эзоҳи ягон масъала барои китобдорон ба миён ояд. Масалан, ҷоринамоии ҷадвалҳои таснифотии китобхонавӣ-библиографӣ (ББК), ҷоринамоии қоидаҳои нав, тартибдиҳии тасвири библиографӣ ва ғайра. Эроду тақризҳо дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ аз ҷониби методистон нисбат ба

нақшаҳо, ҳисобот, протоколи конференсияи хонандагон, шабҳои адабӣ ва ғайра манзур мегардиданд. Асноди мазкур аз тарафи китобхонаҳои минтақаҳо ба марказҳои методӣ пешниҳод мегардиданд.

Қабл аз таҳияи эроду тақризҳо нисбат ба нақшаву ҳисобот методист маводди заруриро таҳлил намуда, мувофиқати онҳоро ба мақсаду вазифаҳои китобхона санҷида, ҷиҳатҳои мусбату манфии онро муайян менамуд, сипас, камбудиҳоро ошкор намуда, роҳҳои бартараф намудани онҳо ва самтҳои татбиқи ҷиҳатҳои мусбати онҳоро дар амалияи дигар китобхонаҳо нишон медод.

Ташрифоварӣ ба китобхонаҳо (сафарҳои хизматӣ) яке аз шаклҳои самараноки ёрии методии даврони шуравӣ маҳсуб меёбад. Онҳо ба ду намуд: фронталӣ ва мавзуӣ тақсим мешаванд.

Дар замони шуравӣ методистон ба китобхона бо мақсадҳои гуногун ташриф меоварданд: бо мақсади санҷиши фаъолияти он (тамоми самтҳои фаъолияти китобхона ё самти алоҳидаи фаъолияти он), расонидани ёрии методӣ оид ба ягон масъалаи мушаххас.

Самти дигар ва нисбатан самараноки фаъолияти марказҳои методии замони шуравӣ, ҳамзамон яке аз шаклҳои пуртаъсири ёрии методӣ ба китобхонаҳои минтақаи мушаххас ин таҳияи ва паҳн намудани нашрияҳои методӣ (дастури методӣ, тавсияи методӣ, дастурҳои методӣ ва методӣ-библиографӣ) ба шумор меравад.

Нашрияҳои методӣ дар шакли варақа, лавҳа, брошюра ва китоб таҳия ва чоп мегардиданд. Дар онҳо, одатан, тартиби татбиқи самтҳои асосии фаъолияти китобхона ва иҷрои функсияҳои алоҳидаи китобхона, сохторҳо ва кормандони он меъёрбандӣ гардида, моҳияти равандҳо ва тартиби иҷрои амалиёти технологӣ муайян карда мешуданд; мундариҷаи кори китобхона барои давраи муайян вобаста ба воқеаҳои муҳимми сиёсӣ муайян карда шуда, услубҳо, тарзу усулҳои фаъолият мушаххас гардида, тартиби ҷоринамоии стандартҳо ва тавсияҳои методӣ ба таври оқилона интихоб мегардид. Ҳамзамон, тарзу услубҳои нисбатан самарабахши тарғиби китоб ва

роҳбарии хониш, созмондиҳӣ ва технологияи фаъолияти китобдорӣ вобаста ба таҷрибаи пешқадам пешниҳод мегардиданд.

Яке аз масъалаҳои муҳимтарине, ки дар даврони шуравӣ дар самти фаъолияти илмӣ-методии китобхонаҳо ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир мегардид, ин ҷоринамоии тарҷрибаи пешқадами китобдорӣ буд. Он чӣ гуна дар амал татбиқ мегардид? Фаъолият дар самти ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами китобдорӣ, асосан, дар асоси санади «Тартиби муайяннамоӣ ва ҷоринамоии таҷрибаи пешқадами кор дар низоми китобхонаҳои Вазорати маданияти СССР», ки соли 1984 тасдиқ гардида буд, ба роҳ монда шуда буд.

Аз таҷрибаи марказҳои методии замони шуравӣ бармеояд, ки ҷоринамоии таҷрибаи пешқадам дар кори китобхонаҳо ин, пеш аз ҳама, раванди комплексӣ (муҷтамеъ) буд. Барои татбиқи он, қабл аз ҳама, лоиҳаи қарор (фармон)-и мақомоти идоракунандаи фаъолияти китобдорӣ оид ба ҷоринамоии таҷрибаи мушаххаси пешқадами китобдорӣ, тарғиби таҷриба, таълими китобдорон дар бораи чунин таҷриба, расонидани ёрии методӣ ба китобдорон барои ҷоринамоии таҷриба, назорати раванди ҷоринамоӣ ва ҷамъбасти натиҷаҳои ҷоринамоии таҷрибаи пешқадам тахия мегардид.

Пас аз анҷоми ҷоринамоии таҷрибаи пешқадам тибқи муқаррарот ҳар як вазорату идора оид ба натиҷаҳои ҷамъбасти фаъолият ба моқомоти идоракунандаи соҳаи китобдорӣ ҳисобот пешниҳод менамуд.

Самти дигари фаъолияти методӣ дар даврони шуравӣ ин таҳлили фаъолияти китобхона ё шабакаи китобхонаҳо буд. Мақсади таҳлил ин ошкор намудани чизи асосӣ, нав ва пешқадам дар кори китобхонаҳо, яъне он дастоварде, ки бояд тарғиб ва дар фаъолияти китобхонаҳо ҷорӣ гардад. Зимнан сабаби камбудиҳо ошкор гардида, роҳҳои бартарафсозии онҳо муайян карда мешуд. Масалан, таҳлили фаъолияти як китобхонаи мушаххас дар асоси нақшаи фаъолият, ҳисоботи хаттӣ ва оморӣ, рӯзномаи кории он, формулярҳои хонандагон, протоколҳои чорабиниҳои оммавӣ, маводди натиҷаи тафтишот ва ғайра гузуронида мешуд. Меъёри асосии таҳлили фаъолияти китобхонаҳо самтҳои маданӣ-равшаннамоӣ ва иттилоотӣ буд.

**Таҳлили шуморавӣ** ин таҳлили маълумоти оморӣ буд, ки баёнгари фаъолияти гуногунҷабҳаи китобхона ба шумор меравад. Чунин таҳлил дар заминаи нишондодҳои нақша ва иҷрои онҳо, таҳлили тағйирёбӣ ва сохтори нишондиҳандаҳо (дар якчанд сол, таҳлили муқоисавии маълумотҳои алоҳида) гузаронида мешуд.

**Таҳлили сифатӣ** низ гузаронида мешуд, ки вазифаи асосии он таҳлили мундариҷаи кори китобхона ва хусусиятҳои хоси он буд. Ба хизматрасонии тафрикии (дифференсиалии) хонандагон, гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардид. Муайян карда мешуд, ки оё ба гурӯҳҳои алоҳидаи хонандагон хизмат расонида мешавад, дар самти хониши умумӣ ва касбӣ, худомӯзӣ ба хонандагон кумак расонида мешавад, сатҳи корҳои инфиродӣ ба хонандагон чӣ гуна аст? Хизматрасонии ахборотдиҳӣ-библиографӣ, мундариҷаи корҳои оммавӣ дар кадом сатҳ қарор доранд?

Натиҷаи фаъолияти таҳлилии (аналитикии) марказҳои методӣ дар шакли хаттӣ ё ба тарзи шифоҳӣ ба самъи китобдорон расонида мешуд. Тарзи шифоҳии дастрасгардонии натиҷаҳои фаъолияти аналитикии марказҳои методӣ дар ҳамоишҳои муштараки китобдорон – конференсияҳо, семинарҳо, машваратҳои гурӯҳӣ ва ғайра тарғиб мегардид.

Дар хотимаи натиҷаҳои фаъолияти аналитикии марказҳои методӣ дигаргуниҳо дар самти рушди китобхонаҳо муайян гардида, дастоварду камбудиҳо нисбат ба солҳои гузашта муқоиса карда мешуданд. Муайян карда мешуд, ки оё дастоварҳои китобхона нисбат ба соли гузашта беҳтар гардидаанд? Дар радифи ин корҳо, инчунин, муқаррар карда мешуд, ки оё нишондиҳандаҳои китобхона дар соли ҷорӣ дуруст муайян шудаанд, бо ибораи дигар, воқеияти нишондиҳандаҳои нақшавӣ муайян мегардид. Тарзи банақшагирии чорабиниҳои оммавӣ, муҳиммияти мавзуи чунин чорабиниҳо, гуногунрангии онҳо, тарзу усулҳои мухталифи тарғиби китоб ва дигар моводди иттилоотӣ низ мавриди таҳлили марказҳои методӣ қарор дода мешуд.

Дар тавсифоти марказҳои методӣ шаклу услубҳои нисбатан маъмул ва асоснокшудаи кор дар китобхонаҳо инъикос гардида, камбудиҳо ошкор ва роҳҳои бартарафсозии онҳо ба таври мушаххас муайян мегардид. Марказҳои методӣ муайян менамуданд, ки чаро як қисми китобхонаҳо дар ин ё он самти фаъолият пешсаф мебошанд ва баръакс, ин ё он китобхона дар самти мазкур қафомонда аст, сабаби қафомониву норасогиҳо ва роҳу усулҳои бартарафсозии онҳо муайян карда мешуд.

Шоистаи зикр аст, ки тамоми ин дастовардҳои фаъолияти илмӣ-методӣ дар замони шуравӣ туфайли ташкили дурусту оқилона ва дар заминаи илмӣ устувор имконпазир гардидаанд. Имрӯз, бо гузашти айём, баъзе муҳаққиқон фаъолияти илмӣ-методии даврони шуравиро зери интиқоди шадид қарор медиҳанд. Албатта, ин интиқодҳо то андозае асоси воқеӣ доранд. Масалан, яке камбудиҳои ҷиддии фаъолияти марказҳои методии даврони шуравӣ ин ҷанбаи идеологӣ доштани кори методӣ буд. Вале танҳо бо ҳамин сабаб пурра инкор намудани дастовардҳои кори методии даврони шуравӣ аз рӯйи адолат нест. Зеро сарчашмаи асосии фаъолияти китобдории кишварҳое, ки пас аз байн рафтани империяи абарқудрати шуравӣ соҳибистиқлол гардиданд, аз ҳамин давра ибтидо мегирад. Дар даврони соҳибистиқлоли хеш ин кишварҳо дар соҳаи китобдорӣ ба таҷрибаи даврони шуравии хеш такя намуда, бисёр дастовардҳои он айёмро ҳангоми бунёди низоми миллии китобдории худ сарфи назар накарданд.

Бинобар ин, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд дар ин радиф истисно набошад. Барои исботи ин фикр танҳо хотирнишон намудани ҳамин нукта кофист, ки имрӯз дар Тоҷикистон тамоми низоми ташкили фаъолияти китобхонаҳои давлатии оммавӣ дар заминаи принсипи марказонидан ба роҳ монда шудааст. Мутаассифона, китобдорони тоҷик на дар замони шуравӣ ва на дар даврони истиқлолияти давлатӣ аз афзалиятҳои низоми марказонидашудаи фаъолияти китобдорӣ ба таври бояду шояд баҳрабардорӣ карда натавонистем. Аз ҳамин нуқтаи назар, таҳлилу омӯзиши комёбиҳои фаъолияти методии даврони шуравӣ барои ташкили самарабахши раванди

фаъолияти илмӣ-методии китобхонаҳои Тоҷикистон аҳаммияти назариявӣ ва амалиро молик аст. Дар ин самт таҳлили илмӣ, интиқодӣ ва интихоби оқилонаи шаклу усулҳои самарабахш басо муҳимманд.

Дар баробари ин, ба инобат гирифтани хусусиятҳои хоси низоми китобдории Ҷумҳурии Тоҷикистон низ зарур аст. Масалан, Тоҷикистон кишварест, ки қисми муайяни китобхонаҳо дар шароити баландкӯҳ фаъолият менамоянд, дар таркиби истифодабарандагони китобхонаҳо модарони серфарзанд, кӯдакону наврасон афзалият доранд. Мусаллам аст, ки ин хусусиятҳо ба ташкили раванди фаъолияти китобдорӣ ва фаъолияти илмӣ-методии китобхонаҳо бетаъсир намемонад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки таҷрибаи кори методии марказҳои бузурги илмӣ-методии замони шуравӣ ба таври амиқ омӯхта шавад, имкониятҳои татбиқи таҷрибаи пешқадами онҳо дар фаъолияти имрӯзаи китобхонаҳои Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шавад.

Китобхонаҳои Тоҷикистон низ дар самти фаъолияти методӣ дорои таҷрибаи ғании таърихӣ мебошанд. Баробари таъсиси китобхонаҳои калонтарини ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, китобхонаҳои марказии шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва дар солҳои соҳибистиқлолӣ Китобхонаи миллӣ ба масъалаи фаъолияти методӣ пайваста таваҷҷуҳи хоса зоҳир мегардад. Дар асару мақолаҳои олимону мутахассисони соҳа С. Ғоибназаров [67], Ҷ. Раҷабов [94], С. Сулаймонов [38], Г.Э. Шукурова [127], Н.Х. Бобоҷонова [52], Л.Г. Козирева [80] мавзуи мазкур бештар инъикос ёфтааст. Тавре ки собиқ директори Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ (ҳоло Китобхонаи миллии Тоҷикистон) Н.Х. Бобоҷонова қайд менамояд, «соли 1950 дар сохтори Китобхона шуъбаи методӣ таъсис ёфт» [52, с. 12]. Он тавассути нашри маводи дастурӣ-методӣ, ёрии амалӣ дар маҳалҳо, иштирок дар ташкил ва баргузории семинарҳо, расонидани кумак ба китобхонаҳои ҷумҳурӣ оғоз намуд» [67, с.46]. Ба андешаи С. Ғоибназаров, «то ин давра функсияи расонидани ёрии методӣ ба китобхонаҳои ҷумҳуриро Саридораи сиёсию маърифатии Комиссариати маорифи халк (Главполитпросвет

Наркомпроса) ба зимма дошт. Вале бо дарназардошти вазъият Саридораи сиёсию маърифатӣ аз уҳдаи ташкили шабакаи китобхонаҳо ва таъмини онҳо бо адабиёт бо душворӣ мебаромад» [67, с.46]. Аз ин рӯ, дар бораи расонидани кумаки амалии методӣ ё умуман, фаъолияти муназзами методӣ ҳарф задан амри маҳол буд.

Яке аз аввалин кӯшишҳои даврабандии фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон дар мақолаи С. Ғоибназаров [67, с.46] ба назар мерасад. Муаллиф ҳар як марҳилаи фаъолияти методии китобхонаҳоро бо бурду бохти он тавсиф намудааст. Ба андешаи номбурда, марҳилаи аввали фаъолияти методии китобхонаҳо дар Тоҷикистон аз қабули қарори КИМ ИҶШС «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ дар ИҶШС» (1934) оғоз гардидааст.

Давраи дуюм, тавре ки аллакай зикр гардид ва ин андешаро С. Ғоибназаров низ ҷонибдорӣ менамояд, соли 1950, яъне бо таъсиси шуъбаи методӣ дар сохтори Китобхонаи давлатии РСС Тоҷикистон ба номи А. Фирдавсӣ оғоз меёбад. Вале дар ин давра дар ҷумҳурӣ як маркази ягонаи роҳбарӣ ба фаъолияти методии китобхонаҳо вуҷуд надошт. Чунин вазъият ба сатҳу сифати фаъолияти методӣ таъсири манфӣ мерасонид. Бо мақсади баланд бардоштани сатҳи фаъолияти методии китобхонаҳо ва ҳамоҳангсозии ин фаъолият дар миқёси ҷумҳурӣ «бо фармони Вазорати фарҳанги РСС Тоҷикистон аз 14 январи соли 1960 роҳбарии методӣ ба фаъолияти китобдорӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти китобхонаҳои тамоми идораҳо ба зиммаи Китобхонаи давлатии ҷумҳуриявии ба номи А. Фирдавсӣ, дар вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳо ба зиммаи китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ вогузор карда шуд» [67, с.52]. Ҳамин тавр, бо қабули санади мазкур давраи сеюми фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон оғоз мегардад. Ба андешаи мо, бо дарназардошти он ки мақолаи С. Ғоибназаров соли 1977 чоп гадидааст, муаллиф имкони таҳлили ҳамаҷонибаи марҳилаи мазкури фаъолияти методиии китобхонаҳо ва муайян намудани муҳлати анҷоми онро надошт. Аз ин нуқтаи назар, даврабандии фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон, ки аз ҷониби С. Ғоибназаров анҷом дода шудааст, мукаммал

нест ва асоси мустаҳками илмӣ надорад. Зеро давраҳои рушди фаъолияти методиро танҳо бо қабули ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд намудан аз нигоҳи илмӣ нодуруст аст. Албатта, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пешрафти фаъолияти методӣ такони муайян мебахшад, вале таъсири омилҳои дигарро дар ин самт сарфи назар набояд кард. Аз ҷониби дигар, тули солҳои 70-90-уми асри гузашта, яъне то оғози соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти методии китобхонаҳои Тоҷикистон тағйироти зиёд рух доданд.

Аз ин рӯ, таҳлили ҳамаҷонибаи онҳо барои даврабандии илмии мавзуъ, оғози пажуҳишҳои нав дар ин самт мусоидат хоҳад кард. Вале ин мавзуи таҳқиқоти алоҳида ва хеле густурда мебошад. Мутаассифона, муҳаққиқони ватанӣ то имрӯз оид ба ин масъала ягон иқдоми мушаххас наандешидаанд. Ҳол он ки омӯзиши ҳамаҷонибаи мавзуи мазкур барои андӯхти таҷрибаи таърихӣ, ошкор кардани монеаву камбудиҳо, дастовардҳо, муайян намудани самтҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолияти методии китобхонаҳо мусоидат хоҳад кард.

Ба андешаи мо, марҳилаи сифатан нави фаъолияти методии китобхонаҳо дар кишвари мо аз давраи соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон оғоз мегардад. Дар ин давра дар мамлакат як қатор рӯйдодҳои муҳим ба вуқуъ омаданд, ки на танҳо ба фаъолияти методӣ, балки ба тамоми самтҳои соҳаи китобдорӣ таъсири амиқ расониданд, онро замонавӣ гардониданд.

«Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун оғози марҳилаи сифатан нави ташаккули миллати тоҷик муҳаққиқону мутахассисони соҳаи китобдориро водор намуд, ки арзишҳову суннатҳои мавҷудаи китобдориро бо зеҳни тоза дар заминаи унсурҳо ва анъанаҳои арзишманди миллӣ бо истифода аз афкори ғановатманди китобдории ҷаҳон, таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои кишварҳои мутараққӣ ва меъёрҳои байналмилалӣ такмил диҳанд» [45, с. 9].

Падидаҳои ташаккулёбии сиёсати китобдории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолии кишвар ба назар

мерасиданд. Дар ин самт нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон хеле барҷаста аст. Дар радифи иқдомҳои наҷиб ба сӯйи эҳёи фарҳанги китобдорию рушди китобхонаҳо мулоқотҳои таърихии Президенти Тоҷикистонро бо аҳли зиё метавон ба сифати Консепсия ва Барномаи рушди стратегии соҳаи китобдорӣ арзёбӣ намуд.

Дар ин росто, муҳимтарин пайомадҳои истиқлолияти давлатӣ дар соҳаи китобдорӣ қабули «Консепсияи маданияти Тоҷикистон» (13.03.1992), «Консепсияи Китобхонаи миллии Тоҷикистон» (1992, [41], пайдоиши консепсияҳои алтернативӣ [27; 101], қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи табъу нашр» (27.12.1993), «Дар бораи фарҳанг» (13.12.1997), «Дар бораи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста ба он» (13.11.1998), «Дар бораи иттилоот» (10.05.2002), «Дар бораи ҳифзи иттилоот» (2.12.2002), «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» (1.08.2003), қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳтар намудани вазъи Китобхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи А.Фирдавсӣ» (14.08.2003, №361), «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (30.12.2005), қабули барномаҳои давлатии рушди соҳаи китобдорӣ, ташкили ассотсиатсияҳои касбии китобдорон, чопи рӯзномаву маҷаллаҳои соҳавӣ – «Китобдор», «Роҳнамои дониш», «Хирад», «Дунёи китоб» аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷомеаи китобдории тоҷик бо шарофтаи фазои созгори замони истиқлол соҳиби имкониятҳои васеъ барои ибрози андеша ва эҷодиёти илмӣ гардиданд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ»[5] барои ташаккул, татбиқи амалию самарабахши сиёсати китобдорӣ, аз ҷумла таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар мамлакат заминаҳои боз ҳам устувортари ҳуқуқӣ фароҳам овард, ки онҳо ҷавобгӯи талаботи меъёрҳои байналмилалии қонунгузорӣ мебошанд.

Яке аз масъалаҳои воқеан муҳим ин тавсеаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ оид ба фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо мебошад. Дар шароити ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ин фаъолият бояд чӣ гуна ҷараён

гирад, кадом мавзуҳоро инъикос намояд, самтҳои асосӣ ва афзалиятноки рушди ин соҳа кадоманд, кадом мақомот ё ташкилоту муассисаҳо дар ин самт масъуланд? Ҳамаи ин саволҳо ва боз проблемаҳои зиёде оҷилан ҳалталаб мебошанд.

Аз ин ҷост, ки солҳои охир фаъолияти методии китобхонаҳо предмети омӯзиши муҳаққиқону мутахассисони соҳаи китобдорӣ гардидааст. Пас аз пош хурдани империяи абарқудрати Шуравӣ аксарияти китобхонаҳои кишварҳои узви ИДМ бо мақсади омӯзиш ва дарёфти моҳияти инноватсияҳо ва мусоидат ҷиҳати татбиқи онҳо дар фаъолияти хеш ба майдони озмоиш табдил ёфтаанд. Зеро маҳз марказҳои методӣ дар дарёфт, омӯзиш ва ҷоринамоии инноватсияҳои китобдорӣ пешоҳанг буданд.

Яке аз хусусиятҳои хоси замони муосир ин таҳаввулот – ибтикорот, азнавсозӣ, дигаргунсозӣ аст. Ин хусусият тамоми самтҳои ҳаёт ва соҳаҳои фаъолияти инсонро фаро гирифтааст. Ҷомеаи китобдории ҷаҳон кайҳо дарк намудааст, ки дурнамои рушди самаранок танҳо насиби ҳамон китобхонаҳое хоҳад буд, ки роҳи инноватсионӣ, роҳи азнавсозиро интихоб намудаанд. Дигаргуниҳои муосири китобдорӣ, ки бо вусъати бозгаштнопазир неруи созанда пайдо кардаанд, асосан, дар заминаи истифодаи самараноки дастовардҳои илмҳои гуногун ба вуқуъ меоянд. Аммо, онҳо дорои хусусияти барҷастаи соҳавӣ буда, ин махсусият аз характери ғайритиҷоратии фаъолияти китобдорӣ, инчунин, рисолат ва вазифаҳое, ки ҷомеа бар дӯши китобхона вогузор намудааст, ҳамзамон, аз омилҳои дохилии муассисаҳои китобдорӣ бармеоянд. Чунин вазъият муҳаққиқону коршиносон ва кормандони соҳаи китобдориро водор менамояд, ки тарзу усулҳо, методҳо ва воситаҳои инноватсиониро ба фаъолияти китобдорӣ мутобиқ созанд, ҳамзамон, дар раванди омӯзиш ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар ҷустуҷӯйи роҳҳои нав, тарзу усулҳои замонавӣ, воситаҳои муосир ва муносибати ҷиддӣ бошанд.

Дар шароити ислоҳоти ҷиддии фаъолияти китобхонаҳо, ки асоси ташкили хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотии аҳолиро фаро мегирад, маҳз

ибтикороти методист, маҳорати эҷодӣ ва муносибати инноватсионии ӯ ҳамчун омили муҳимми мавҷудият ва баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолияти китобхонаҳои деҳот боқӣ мемонад. Зиёда аз ин, дар шароити иқтисоди бозорӣ оянддаи ин муассисаҳои дастраси умум аз бисёр ҷиҳат ба ташкили самараноки хадамоти методии сатҳи миллӣ, вилоятӣ ва шаҳрию ноҳиявӣ вобаста аст.

Дар марҳилаи ислоҳот асоси фаъолияти самараноки методӣ аз донишу малака ва маҳорати мутахассис вобаста аст. Яъне, оё вай қодир аст, сари вақт хавфҳои иҷтимоӣ ва фармоишоти ҷомеаро нисбат ба фаъолияти китобхона дарк намояд ва вобаста ба он сари вақт аксуламал нишон диҳад?

Бинобар ин, агар китобдор шахси эҷодкор набошад, ин тавсияҳоро бидуни ягон тағйирот ба инобат мегирад ва дар амал татбиқ мекунад, вале агар дар замираш эҷодгариву ташаббус ниҳон ва боистеъдод бошад, тавсияҳои методӣ, аз ҷумла, инноватсионӣ-методӣ моҳияту муҳтавои дигар пайдо мекунанд.

Бинобар ин, ба андешаи инҷониб бо дарназардошти ислоҳоти аксарияти соҳаҳои фаъолият вазифаи асосии методистони тамоми сатҳҳо (миллӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрию ноҳиявӣ) аз инҳо иборат аст:

- ташаккули сиёсати давлатии китобдорӣ (аз ҷумла, дар сатҳи миллӣ, вилоят, шаҳр ва ноҳия), таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқие, ки ба ҳифз ва рушди шабакаи китобхонаҳо ва тамоми анвои захираи онҳо – молиявӣ, ҳуҷҷатӣ, яъне фонд, кадрӣ, моддӣ-техникӣ мусоидат менамояд;

- рушди муттасили касбии мутахассисон: муҳтавои умумии фаъолияти тамоми марказҳои методӣ бояд аз он иборат бошад, ки бо истифода аз тамоми имкониятҳо нагузоранд, ки китобхонаҳо дар марҳилаи ислоҳоти ҷиддии тамоми самтҳои ҳаёти ҷомеа ғайрифаъол бошанд. Зеро маҳз методистон саъю талош меварзанд, ки онҳоро ба ҷараёни ислоҳот ҷалб намоянд ва ба раванди он таъсир расонанд;

- мониторинги фаъолияти китобхонаҳои вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ ва деҳотӣ, таҳияи тавсияҳое, ки ба такомули фаъолияти онҳо равона карда шудааст, ҷустуҷӯ, таҳия ва истифодабарии навгониҳо;

- автоматикунонии равандҳои китобдорӣ, бунёди фазои ягонаи иттилоотӣ-китобдорӣ (миллӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ).

Функсияи методии китобхонаҳои Тоҷикистон дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ», оиннома ва низомномаи китобхона-марказҳои методии сатҳҳои гуногун инъикос ёфтааст. Аз ин рӯ, зимни татбиқи функсияи методии худ, аз ҷумла, расонидани ёрии методӣ онҳо ба муносибатҳои шартномавӣ бо китобхонаҳои дигар ё бо муассисон ниёз надоранд.

Масалан, солҳои охир дар бисёр китобхонаҳои Федератсияи Россия шуъбаҳои методӣ барҳам дода шуданд. То имрӯз баҳсу мунозираҳо оид ба проблемаи «хадамоти методӣ бояд чӣ гуна бошад?» идома доранд. Чунин муносибат аслан беасос ва ғайри қобили қабул аст. Зеро дар ин самт, аллакай, ислоҳоти ҷиддӣ ба вуҷуд омад. Муҳаққиқонояндаи хадамоти методиро ба табдилёбии онҳо ба муассисаҳои касбии консалтингӣ, ки дар реҷаи технологияҳои нави иттилоотӣ фаъолият намуда, нисбат ба сатҳи фарҳанги иттилотии китобдорон ва таҳсилоти муттасили онҳо масъул мебошанд, вобаста медонанд. Аз таҳлил адабиёти илмӣ бармеояд, ки айни замон беш аз 20 анвои хадамоти методӣ маълуманд. Имрӯз ба ҷойи шуъбаҳои маъмулии илмӣ-методӣ шуъбаҳои маркетинг ва фаъолияти инноватсионӣ фаъолият доранд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз китобхона-марказҳои методӣ ба таснифот ниёз доранд. Зеро тақсимоти китобхонаҳо аз рӯи принсипи марзӣ дар шароити рушди бемайлони компютерикунонӣ ва иттилоотонӣ дастовардҳои воқеӣ ва неруи иттилоотӣ-технологиро инъикос карда наметавонад. Масалан, дар Россия бештар ҳамон хадамоти методие самаранок рушд ёфтааст, ки нақши марказҳои экспертизаи касбӣ ва озмоишоти тахассусӣ, сертификатсияи кадрҳоро иҷро намуда, озмоишгоҳҳои эҷодӣ ва мастер-

классҳо (дарсҳои маҳорат), клубу маҳфилҳои мубоҳисавии касбии методистонро ташкил кардааст. Ҳамин гуна марказҳои методӣ дар шаҳрҳои Екатеринбург, Брянск, Ярославл, Белгород ва ғайра самаранок фаъолият доранд.

Масъулони марказҳои методиии Федератсияи Россия кайҳо дарк кардаанд, ки касби методист ба касбҳои нисбатан мураккаби китобдорӣ шомил аст ва фаъолияти методӣ дониши амиқи таърих ва вазъи муосири фаъолияти китобдорӣ, азхуд намудани методҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмӣ-методиро тақозо мекунад. Воқеан, фаъолияти методӣ кори эҷодиест, ки ҷустуҷӯйи пайвастаи роҳҳои нави баланд бардоштани сифату самаранокии хизматрасонии китобдорию иттилоотиро талаб мекунад. Методист дар бисёр холатҳо бояд масъалаҳои гуногуни назария ва амалияро, ки дар адабиёти соҳавӣ ба қадри кофӣ инъикос наёфтаанд, мустақилона ҳаллу фасл намояд. Дар баробари ин, вай бояд дорои дониши амиқи касбӣ, қобилиятҳои ташкилотчигӣ ва педагогӣ бошад.

Проблемаи дигар ва бағоят муҳим дар ин самт - таҷҳизонидани марказҳои методӣ бо технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии тамоми кормандони марказҳои номбурда мебошад.

Масъалаи дигаре, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад, ин таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии фаъолияти методии китобхонаҳо, таъмини робитаи ногусастании фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ ва инноватсионӣ-методӣ ба шумор меравад.

Зеро фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо раванди гуногунҷанба буда, фарогири самтҳои мухталиф мебошад. Ҳар як самти ин фаъолият дорои хусусиятҳои хос аст. Гуногунҷанбагии фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона аз васеъшавии доираи хизматгузориҳои (сервиси) он алоқамандии зич дорад. Агар раванди инноватсионӣ ҳамчун ҷузъи таркибии фаъолияти методии китобхона танҳо ба азхуднамоии навгониҳо дар фаъолияти хеш маҳдуд шуда бошад, пас ин раванд дар

китобхонаи марказӣ, яъне маркази методӣ ба паҳннамоии навгониҳо дар фаъолияти шабакаи китобхонаҳо равона карда мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маркази асосии омӯзиш, иттилоърасонӣ оид ба навгониҳо, ёрӣ расонидан ба китобдорон дар самти азхуднамоии навгониҳои китобдорӣ дар сатҳи миллӣ барои тамоми шаклу намудҳои китобхонаҳо новобаста ба тобеияти идоравӣ ва шакли моликият - Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар сатҳи вилоятҳо - китобхонаҳои вилоятӣ, дар сатҳи шаҳрҳо – китобхонаҳои марказии шаҳрӣ, дар сатҳи ноҳия – китобхонаҳои марказии ноҳиявӣ ба шумор меравaнд. Аммо, дар амалия ҳолатҳое ба назар мерасанд, ки баъзан бо ташаббуси марказҳои алоҳидаи методии соҳавӣ ё китобхонаҳои бачагона ва мактабӣ навгониҳо ошкор, омӯхта ва татбиқ карда мешаванд. Ин, аллбата, боиси дастгирист, вале набояд фаромӯш кард, ки марказҳои бузурги методии сатҳи баланд дорои имконияту неруҳои пурқуввати илмӣ мебошанд. Ин имконият медиҳад, ки ҳар як навгонӣ ҳамаҷониба омӯхта шавад ва роҳҳои нисбатан самараноки татбиқи он муайян карда шавад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар самти ҷорӣ намудани навгониҳо ин бартараф намудани ақидаи манфии баъзе китобдорон нисбати истифодаи навгониҳо ва муқобилияти психологии онҳо вобаста ба тағйирот, дигаргуниҳо мебошад. Яъне, навгониҳоро китобдорон танҳо вақте қобили қабул меҳисобанд, ки агар зарурати онҳоро барои фаъолияти хеш дарк намоянд. Ташаккули эътимоди китобдорон нисбати зарурияти ҷоринамоии навгониҳо ин пеш аз ҳама, вазифаи методист мебошад. Дар менеҷменти китобдорӣ ин мафҳум ҳамчун «идоракунии навгониҳо» маъмул аст. Дар ин маврид китобдорон нақши ташаббускор, таҳиягар ва таблиғотчии инноватсияҳоро иҷро мекунанд, ки ин раванд аз марҳилаҳои зерин иборат мебошад:

- интихоби навгонӣ барои паҳннамоӣ;
- озмоиши навгонӣ;
- таҳия ва паҳннамоии тавсияҳо барои ҷоринамоии навгониҳо;

- таълими (омӯзонидани) китобдорон вобаста ба услубҳои истифодаи навгониҳо;

- ёрии методӣ ба китобдорон ҷиҳати азхуднамоии навгониҳо.

Бо назардошти он ки дар интихоби навгониҳо китобдорон ҳуқуқи мустақилият доранд, марказҳои методӣ кӯшиш менамоянд, ки китобдоронро бо иттилооти зарурӣ оид ба навгониҳо таъмин намоянд. Чунин иттилоот дар заминаи маводи фактологӣ, ки тавассути мониторинги методӣ ҷамъоварӣ гардидааст, ташаккул меёбад. Ин иттилоот оид ба тамоми навгониҳоест, ки ошкор гардида, ба таври мусбат арзёбӣ ва дастгирӣ ёфтаанд. Чунин иттилоот ба таври шифоҳӣ (дар семинарҳо, машваратҳои гурӯҳӣ, курсҳои китобдорон ва ғайра), инчунин, тавассути дастрас гардонидани бюллетенҳои иттилоотӣ оид ба навгониҳо паҳн карда мешавад.

Бо мақсади татбиқи фаъолонаи навгониҳои нисбатан муҳимме, ки аз озмоиш гузаштаанд, тавсияҳои методӣ таҳия мегарданд. Ҳамзамон, бо мақсади татбиқи фаъолонаи навгониҳо аз шаклу намудҳои дигар – коромӯзӣ, практикумҳо, семинар, семинар-тренингҳо ва ғайра низ истифода бурда мешавад.

Имрӯз яке аз самтҳои асосии фаъолияти марказҳои методии тамоми зинаҳо бояд ташкили таҳсилоти муттасил бошад. Ин маънои онро дорад, ки сатҳи таҳсилоти касбии китобдорони тамоми синну сол (яъне на танҳо мутахассисони ҷавон, балки китобдорони собиқадор ва ғайра) бояд ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ бошад. Барои расидан ба ин ҳадаф марказҳои методӣ бояд китобхонаро ба маркази таълиму тарбияи китобдорон табдил диҳанд. Ин, аз як тараф, барои худомӯзии китобдорон зарур аст, аз ҷониби дигар, китобхонаи оммавӣ бо истифода аз донишҳои касбии китобдорони худ метавонад барои ташкили таҳсилоти муттасили истифодабарандагони китобхона шароитҳои мусоид фароҳам орад.

Хулосаи мазкур аз таҳлили фаъолияти марказҳои методии мамлакат – Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба

номи М. Миршакар, Пажуҳишгоҳи фарҳанг ва иттилоот, китобхонаҳои вилоятӣ ва марказии шаҳру ноҳияҳо, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ-озмоишӣ бармеояд.

Таҳлили натиҷаи таҳқиқоти озмоишӣ таҷрибавӣ нишон дод, ки дар фаъолияти марказҳои номбурда новобаста аз пешрафти фаъолияти китобдорӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз камбудиҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Фаъолияти онҳо то имрӯз аз қолабҳои замони шуравӣ пурра берун набаромадааст, таҷрибаи пешқадами фаъолияти методии кишварҳои мутараққии олам омӯхта намешавад, дар ин марказҳо мутахассисони касбӣ намерасанд, маводди илмӣ-методии онҳо ба талаботи замон ҷавобгӯ нест, ба китобхонаҳо ёрии амалии методӣ расонида намешавад. Илова бар ин, ду маркази бузурги методии китобхонаҳои ҷумҳурӣ - Муассисаи давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар функсияҳои оинномавии худро ҳамчун марказҳои илмӣ-методӣ ба таври мукаммал иҷро намекунанд. Тарзи фаъолияти онҳо бо услуби кухна: фармонфармой-маъмурӣ ба роҳ монда шудааст. Дар чунин шароит бозсозии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, махсусан, китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки ба тибқи таъиноти хеш ба аксарияти аҳолии кишвар хизмат мерасонанд, ногузир мегардад. Ба андешаи муҳаққиқи варзидаи рус Анатолий Николаевич Ванеев, «пешниҳод нисбати барҳам додани роҳбарии методӣ ҳанӯз барвақт аст, вале оид ба тағйироти куллии функсияҳои он ҳарф задан зарур мебошад» [19, с. 321]. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳалли мусбати ин масъала боз ҳам муҳимтар аст. Зеро аксарияти кулли китобхонаҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол ҳанӯз бо тарзу услубҳои кухнаи замони шуравӣ фаъолият менамоянд. Аз ҳамин гуна қолабҳо даст кашидан, ба шароити замони нав созгор сохтани фаъолияти онҳо, ба дастовардҳои муосири илму фарҳанги китобдорӣ ошно намудани теъдоди хеле зиёди китобдорон ин вазифаи бевоситаи марказҳои методӣ ва умуман,

таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар мамлакат ба шумор меравад.

Падидаҳои ба талаботи замони муосир ҷавогӯ набудани фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистонро, ки аз дигаргуниҳои вобаста ба ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ бармеоянд, мо аллакай мушоҳида намудем ва ин натиҷаи сари вақт ба дигаргуниҳои бозори иттилоот ҷавоб дода натавонистани марказҳои методии ҷумҳурӣ мебошанд. Яъне марказҳои калонтарини методии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз уҳдаи идора кардани дигаргуниҳои бозори иттилоотӣ баромада натавонистанд, ки сабабу омилҳои он ба таҳқиқоти алоҳида ниёз дорад.

Яке аз сабабҳои асосии он ин пош хӯрдани Иттиҳоди абарқудрати Шуравӣ буд, ки дар баробари ин раванд робитаҳои анъанавӣ ё ба ибораи дигар, ҳамгироии фарҳангиву китобдорӣ ва иттилоотӣ миёни ҷумҳуриҳои собиқи шуравӣ аз байн рафт. Собиқ китобхонаҳои калонтарин – марказҳои умумииттифоқии методӣ, дигар функсияҳои қаблии худро иҷро карда натавонистанд. Чунки фазои фарҳангиву китобдорӣ ва иттилоотӣ дигаргун гашт. Тоҷикистон ба мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ соҳибистиқлол гардид. Дар як муддати кӯтоҳ ба роҳ мондан ё ташаккул додани низоми нави фаъолияти методӣ дар соҳаи китобдории миллӣ имконнопазир буд. Дар баробари нарасидани нирӯҳои кадриву иқтисодӣ ва ғайра муқовимати сиёсии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта барои оғози кор дар ин самт монеаи ҷиддӣ эҷод кард.

Вале вазъият дар Россия нисбат ба Тоҷикистон ба куллӣ фарқ дошт. Бо истифода аз шароити осоишта ва таҷрибаи ҳанӯз дар даврони шуравӣ андӯхтаи хеш китобдорони Федератсияи Россия ба зудӣ дигаргуниҳоро на танҳо дарк намуданд, балки аз паси идоранамоии онҳо гардиданд. Барои китобдорони Тоҷикистон, ки онҳоро решаҳои амиқи дӯстиву ҳамкорӣ бо китобдорони Россия мепайвандад, омӯхтани таҷрибаи фаъолияти марказҳои муосири методии Россия бағоят муҳим аст.

Баъди соҳибистиқлолӣ китобдорони Россия ба омӯхтани таҷрибаи пешқадами китобхонаҳои хориҷӣ шуруъ намуда, фаъолияти хешро вобаста ба консепсияи нави идоранамоии маркетинг ва муносибатҳои нави бозаргонӣ мутобиқ гардониданд, онҳо тавонистан услубҳои нави хоҷагидориро дар соҳаи китобдорӣ ҷорӣ намоянд.

Яке аз масъалаҳои муҳим ин тарбияи касбии (тайёрии касбии) методистон мебошад. Дар замони шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон мутахассис бо ихтисоси «китобдор-методист» тайёр карда намешуд. Донишу малакаҳои касбии методистро китобдорони оянда дар доираи нақшаҳои таълимии дигар ихтисосҳо соҳиб мегардиданд. Дар курси «Ташкил ва идоракунии (роҳбарии) фаъолияти китобдорӣ» мавзуъҳои махсус ба фаъолияти илмӣ-методӣ бахшида шуда буд. Дар давраи таҷрибаомӯзии истеҳсолӣ ва таълимӣ донишҷӯён бо фаъолияти марказҳои методии сатҳҳои гуногун шинос мегардиданд. Ин, албатта, барои фаъолияти пурсамари касбӣ дар марказҳои методӣ нокифоя буд. Бинобар ин, дар доираи барномаҳои курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ китобдорон бо нозукиҳои касбии методист ошно мегардиданд. Вале дар низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии китобдорон низ масъалаи мазкур ба таври бояду шояд ҳамоҳанг гардонида нашуда буд.

Проблемаи дигар ва бағоят муҳим дар ин самт таҷҳизонидани марказҳои методӣ бо технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии тамоми кормандони марказҳои номбурда мебошад.

Масъалаи дигаре, ки боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад ин таҳқиқи ҷанбаҳои назариявии фаъолияти методии китобхонаҳо, ба ҳам пайвастани кори илмӣ-таҳқиқотӣ ва методӣ ба шумор меравад.

Ҳамин тавр, таҳлили заминаҳои таърихии ташаккули таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо, аз як тараф, зарурати таҳқиқи амиқи таҷрибаи таърихии таъмини методии фаъолияти китобхонаҳо дар даврони шуравӣ, дарёфти дастовардҳои аз нигоҳи имрӯза ҷолиби

марказҳои методӣ ва, аз ҷониби дигар, омӯзиши имконияти истифодаи онро дар амалияи муосири китобдории ватанӣ, махсусан, дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки шумораашон дар кишвар нисбат ба дигар китобхонаҳо бештар аст, тақозо мекунад. Чунин таҳқиқот барои ба ҳам пайвастани арзишҳои волои китобдории даврони шуравӣ ва комёбиҳои нави китобдории даврони соҳибистиқлолӣ бағоят муҳим мебошад.

## 1.2. Фаъолияти китобхона ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ

Барои он ки китобхонаи муосир ба талаботи доимоафзояндаи ҷомеаи иттилоотӣ, раванди босуръати ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва вазифаҳои азими ҷомеаи навбунёди Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад, бояд раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти он ба пояи илман асосноки методологӣ ва назариявӣ устувор бошад. Зеро дар шароити имрӯза китобхона на танҳо пойгоҳи муҳимми иттилоърасони ҷомеа, балки ҷузъи гусастанопазири фазои иҷтимоӣ-фарҳангии минтақаи мушаххаси хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотиест, ки ба такомули шахсияти ҳазорҳо нафар истифодабарандагон робитаи мустақим дорад.

Зарурати такмили фаъолияти китобхонаи имрӯза дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боз аз он нуқтаи назар муҳим арзёбӣ мегардад, ки яке аз вазифаҳои асосии ниҳоди мазкур ин мусоидат намудан ба раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, яъне таъмин намудани истиқлолияти энегетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат ба шумор меравад.

Шаҳрвандони кишвар дар мавриде ба ҷараёни татбиқи ин ҳадафҳои олӣ фаъолона ҷалб хоҳанд шуд, ки, агар ниҳодҳои масъули таълиму тарбия, аз ҷумла китобхонаҳо дар амалишавии консепсияи «Таҳсилот дар тули тамоми ҳаёт» ё ба ибораи дигар, «таҳсилоти муттасил» саҳми муносиб гузошта, шахсияти худогоҳу ватанпараст, боистеъдод, донишманд, навҷӯю навовар ва ихтироъкорро тарбия намоянд. Тавре ки Пешвои муаззами миллат зикр

намуданд, «ҳадафи мо аз баргузории озмунҳои «Илм - фурӯғи маърифат», «Тоҷикистон – ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Хонандаи беҳтарини асарҳои Пешвои миллат» ва олимпиадаву озмунҳои гуногун тақвият бахшидани ҳувияти миллӣ, ҳисси ифтихор аз таъриху тамаддуни бостонии халқамон, боз ҳам баланд бардоштани сатҳи саводнокиву маърифтанокии мардум, қабл аз ҳама, наврасону ҷавонон, тақвияти завқи зебоипарастии онҳо ва пайдо кардани истедодҳои нодир аз байни наслҳои ояндасоз мебошад» [44, с. 32].

Табдилёбии таҳсилот ба раванди муттасил китобхонаро ҳамчуни ниҳоди иттилоърасони ҷомеа водор месозад, ки дар шароити афзоиши ҳайратангези селаи иттилоот сатҳу сифати хизматрасониии китобдорӣ-иттилоотиро пайваста такмил диҳад. Чунин вазъият, дар навбати худ, марказҳои гуногуни ёрии методӣ ба китобхонаҳро муваззаф мегардонад, ки баҳри баланд бардоштани самаранокии иҷтимоии фаъолияти китобхонаҳо кормандони онҳоро бо шаклу намудҳои муосири хизматрасонӣ, аз ҷумла анвои инноватсионии кор бо истифодабарандагони иттилоот мунтазам ошно созанд, барои такмили сатҳи салоҳиятнокии касбии китобдорон, махсусан, салоҳияти инноватсионии кормандони сохторҳои гуногуни китобхона, такмили ихтисоси онҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадами китобдорӣ-иттилоотӣ табирҳои зарурӣ андешанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон китобхонаҳои давлатию оммавӣ аз ҷиҳати шумора нисбат ба дигар намуди китобхонаҳо бартарият доранд. Тибқи омори ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар мамлакат 6088 китобхона, аз ҷумла 1 Китобхонаи миллӣ, 1 Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявӣ, 7 китобхонаи вилоятӣ, 65 китобхонаи марказӣ,1214 китобхона-филиал, 79 китобхонаи бачагона, 143 китобхонаи вазорату идораҳо, 4578 китобхонаи соҳаи илму маориф фаъолият доранд [28, с. 3].

Рисолати ин неруи бузург, пеш аз ҳама, таъмини шаҳрвандони кишвар бо иттилооти арзишманди иҷтимоӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи донишу маърифати онҳо мебошад.

Аз нигоҳи назария дар рисолати китобхонаи муосир бояд тамоми дигаргуниҳои сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷомеа, бахусус, дар соҳаи илму маориф ва фарҳанг инъикос ёбанд.

Дар Манифести ЮНЕСКО «Дар бораи китобхонаҳои оммавӣ» (1994) зикр гардидааст, ки «Фаъолияти китобхонаи оммавӣ бояд дар заминаи функсияҳои асосии он, ки ба иттилоот, саводнокӣ, маориф ва фарҳанг марбутанд, ба роҳ монда шавад» [6, с. 40-42].

Тули солҳои охир рисолати китобхона мавзуи таҳқиқоти шумораи зиёди олимон, махсусан, муҳаққиқони соҳаи китобхонашиносии ватанӣ ва хориҷӣ гардидааст.

Ба андешаи аксарияти муҳаққиқони соҳаи китобдорӣ, ҳадафи тамоми ниҳодҳои масъули таълиму тарбия ва китобхона, аз ҷумла китобхонаи оммавӣ ягона буда, аслан, аз инҳо иборат аст: ташаккули майлу рағбати инсон ба худтакмилдиҳӣ, худомӯзӣ тавассути дастёбӣ ба сарчашмаҳои иттилоотӣ тавассути таъмини дастрасии озодонаву мукаммал ба иттилоот.

Солҳои охир дар осори илмии соҳаи китобхонашиносӣ истифодаи васеи роҳу равишҳои нави таҳқиқ вусъат ёфта, дар доираи онҳо рисолат ва функсияҳои иҷтимоии китобхона ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ муайян ва мушаххас карда шудааст [74;75;85;86;105;106;107].

Зикри ҳамин нукта муҳим аст, ки имрӯз дар байни олимону мутахассисони соҳа нисбати муайян намудани мафҳуми «функсияи китобхона» муносибати ягона вуҷуд надорад, ки ин дар навбати худ муайяннамоии рисолати китобхона ва вобаста ба он мушаххас намудани мундариҷаи раванди таъмини инноватсионӣ-методиро душвор мегардонад. Масалан, дар таҳқиқоти олимони китобхонашинос қариб сӣ тафсири мафҳуми «функсияҳои иҷтимоӣ-фарҳангии китобхона», аз ҷумла функсияи коммуникативӣ, маърифатӣ, тарбиявӣ, педагогӣ, омӯзишӣ, иттилоотӣ, кумулятивӣ, гедонистӣ, зебоишиносӣ, библиотабобатӣ ва амсоли инҳо ба назар мерасад [18; 19; 68; 69; 74; 99; 105-107].

Мавриди зикр аст, ки афзудани таҳқиқоти илмӣ оид ба рисолат ва функсияҳои иҷтимоии китобхона шаҳодати равшани васеъ гардидани уҳдадорӣ ва масъулияти китобхона дар ҷомеаи муосир мебошад ва, барои он ки китобхона ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз уҳдаи иҷрои самараноки ҳамин уҳдадориву масъулияти хеш баромада тавонад, тамоми самтҳои фаъолияти рӯзмарраи он бояд пайваста бо дастуру нишондодҳои тозаи илмӣ таъмин бошад. Ин дар мавриде муяссар мегадад, ки, агар дар кишвар низоми устувори таъмини инноватсионӣ методии фаъолияти китобхонаҳо ташаккул ёфта, пайваста дар ҳолати рушду такомул қарор дошта бошад.

Зиёда аз ин, муҳаққиқону мутахассисони соҳаи китобдорӣ зарурати таъмини инноватсионӣ-методии самтҳои асосии фаъолияти китобхонаҳои гуногунро аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда, дар ин радиф доираи талаботи китобхонаҳоро ба ёрии мушаххаси илмию методӣ ошкор созанд. Чунин муносибат имкон медиҳад, ки самтҳои афзалиятноки таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар ҳамбастагӣ ба рисолату уҳдадориҳо иҷтимоии онҳо ба роҳ монда шавад.

Новобаста аз шумораи зиёди осори илмӣ ва мубоҳисаҳои тулонӣ оид ба мавзуи рушди инноватсионии китобхонаҳои гуногун, воридони дигаргуниҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхонаҳо то кунун мавзуи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои оммавӣ аз ҷиҳати назариявӣ дар сатҳи зарурӣ асоснок карда нашудааст.

Натиҷаи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаро аксарияти муҳаққиқони соҳа ба раванди дуруст муайян карда тавонистани самтҳо ва доираи фаъолияти марказҳои методӣ, сатҳи салоҳиятнокии командони онҳо ва дарки мафҳумҳои асосии соҳаи таъмини инноватсионӣ-методӣ алоқаманд меҳисобанд. Як зумра китобхонашиносон рус, ба монанди О.А. Алексеева, С.А. Басов Б.Н. Бачалдин, И.В. Борисова, А.Н. Ванеев, М.И.Губанова, Ю.Н. Дрешер, Е.М. Зуева, Е.Ю. Качанова, Н.В.Мазюкова, О.А. Ратникова, З.В. Руссак, Н.И. Свергунова, И.М. Суслова, Е.А. Фенелонов, В.Р. Фирсов, Ю.В. Чалий, Т.Ю. Юрева ва дигарон дар доираи

мавзуи таҳқиқоти хеш фаъолияти китобхонаро ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ мавриди баррасӣ қарор додаанд.

Масалан, муҳаққиқони варзидаи соҳаи китобдорӣ А.Н. Ванеев ва С.А.Басов [19;54] яке аз самтҳои фаъолияти методиро ҳамчун раванди идоранамоии навгониҳо муайян намуда, зарурати таъсиси марказҳои мустақили (мухтори) методиро пешниҳод менамоянд. Ба андешаи онҳо, дар чунин марказҳо бояд гурӯҳи маркетинги китобдорӣ фаъолият намояд. Зиёда аз ин, онҳо пешниҳод менамоянд, ки машаварати идоранамоӣ (маслиҳатдиҳӣ оид ба идоранамоӣ – (управленческое консультирование) бояд ба таври музднок ба роҳ монда шавад.

Воқеан, хадамоти илмӣ-методӣ дар идоранамоии фаъолияти китобхона нақши муҳим мебозад. Аз таҳлил ва хулосабарории натиҷаи таҳқиқоти назариётчиёни шуравӣ баромеояд, ки онҳо барои роҳандозии фаъолияти мақсадноки илмӣ-методӣ муайян намудани масъалаҳои зеринро зарур мешумориданд:

1. Функсияи идоранамоии хадамоти илмӣ-методӣ нисбат ба шабакаи китобхонаҳо ва китобхонае, ки хадамоти мазкур дар сохтори он қарор дорад. Муайяннамоии нақши хадамоти илмӣ-методӣ дар равандҳои муосири китобдорӣ;

2. Моҳияти фаъолияти методӣ; самти фаъолияте, ки чун анъана ба фаъолияти методӣ дахл дорад. Таҳлили истилоҳотии мафҳумҳои «кори илмӣ-методӣ», «роҳбарии методӣ», «ёрии методӣ», умуман, тамоми мафҳумҳое, ки ба фаъолияти илмӣ-методӣ алоқаманд мебошанд;

3. Таҳлили функсионалии фаъолияти методӣ: ташкилӣ, педагогӣ, иттилоотӣ, таҳқиқотӣ;

4. Ҷустуҷуйи роҳҳои азнавсозии сохтории фаъолияти илмӣ-методӣ. Намудҳои инноватсионии фаъолияти марказҳои илмӣ-методӣ: ёрии машваратӣ-методӣ, менеҷмент, маркетинг, татбиқи услубҳои сотсиологӣ, паблик-рилейшнз, ташаккули имиҷи нави хадамоти илмӣ-методӣ;

5. Талабот нисбат ба касбигардонии хадамоти илмӣ-методӣ. Тайёрнамоии ҳадафманди кадрҳои хадамоти илмӣ-методӣ;

6. Дурнамои рушд ва баланд бардоштани сифати хадамоти илмӣ-методӣ. Нақши автоматикунонии равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ ва васоити телекоммуникатсия дар фаъолияти илмӣ-методӣ.

Бо ибораи дигар, барои он ки хадамоти илмӣ-методӣ самаранок бошад, дар ҳайати марказҳои методӣ бояд мутахассисоне фаъолият намоянд, ки аз масъалаҳои маркетинг, менеҷмент, рекламаи китобдорӣ, паблик-рилейшнз огоҳ бошанд ва ҳамин самтҳои фаъолиятро дар китобхонаҳо ҷорӣ карда тавонанд.

Тули солҳои зиёд як қисми мутахассисон аз ҳисоби функсияҳои маъмурӣ-идорӣ пурзур намудани роҳбарии методиро тақозо менамуданд. Ба андешаи онҳо, дар мавриди ғайримарказонидани идоранамоии фаъолияти китобдорӣ нақши китобхонаҳо – марказҳои методӣ, баланд гардида, онҳо ба тамоми самтҳои фаъолияти китобхонаҳо ёрии амалии методӣ расонида метавонанд. Масалан, ба андешаи Э.Р. Сукиасян методистони соҳибтахассус ва ботаҷриба на дар шуъбаи методӣ, балки бештар дар сохторҳои функсионалии китобхона фаъолият менамоянд [100, с 7]. Бинобар ин, ӯ пешниҳод намуда буд, ки дар сохторҳои функсионалии китобхонаҳо мансаби сармутахассис-методистро ворид намоянд.

Муҳаққиқи дигар Б.Н. Бачалдин худтаъминнамоии методиро ҳамчун самти нави кори методӣ арзёбӣ намуда буд [56, с. 699]. Вале дар адабиёти илмии соҳаи китобхонашиносӣ мафҳуми «таъмини методии кори китобхона» ва «кори методӣ дар коллективи китобхона» аксаран тафовут надоранд.

Бо дарназардошти он ки роҳбарии методӣ ҳамчун функсияи мақомоти маъмурӣ арзёбӣ мегардид, бинобар ин, асоси онро на фаъолияти илмӣ-методӣ, балки фаъолияти фармонфармоӣ-маъмурӣ ташкил медод. Натиҷаи чунин муносибат ба он оварда расонид, ки барои китобхонаҳо санадҳое таҳия ва дастрас мегардиданд, ки асоси илмию амалӣ надоштанд. Марказҳои

методӣ кӯшиш менамуданд, ки фаъолияти китобхонаҳоро қотеона танзим намуда, иҷрои бечунучарои тавсияҳои худро тақозо намоянд.

Тарзи фармонфармоӣ-маъмурии роҳбарии методӣ дар он зоҳир мегардид, ки бар ивази расонидани ёрии босалоҳияти методӣ методистон вазифаи худро бештар дар санҷиш ва назорати фаъолияти китобхонаҳо медиданд. Аз ин рӯ, як зумра муҳаққиқон, аз ҷумла В.Р. Фирсов бар зидди омезиши функсияҳои идоранамоӣ ва марказҳои методӣ ё интиқоли функсияи идоранамоӣ ба хадамоти методӣ изҳори назар намуда буд. Ба ақидаи ӯ, функсияҳои мақомоти идорӣ ва марказҳои методӣ бояд аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд. Бинобар ин, вай пешниҳод намуда буд, ки мақомоти идорӣ бояд фаъолияти пурсамари китобхонаҳоро ташкил кунанд, марказҳои методӣ бошад, тавассути тавсияҳои илман асоснок ба рушди фаъолияти китобдорӣ мусоидат намоянд [107, с. 26].

Тавре ки олими варзидаи соҳаи китобхонашиносии рус Е.А. Фенелонов изҳори назар намуда буд, таъсири ташкилӣ-идории марказҳои методӣ ба китобхонаҳо бар хилофи ҳуқуқи китобхонаҳо мебошад, зеро чунин муносибат китобхонаҳоро маҷбур месозад, ки ноилоҷ аз паси иҷрои бечунучарои тавсияҳои методии марказҳои методӣ бошанд [104, с. 7]. Дар чунин маврид онҳо ноилоҷ имконияти интихоби алтернативаҳоро аз даст медиҳанд. Ҷонибдори ақидаи А.Е. Фенелонов, намояндаи мақомоти идории соҳаи китобдорӣ Ю.А. Гриханов дар мақолаи хеш таҳти унвони «Ислоҳоти маъмурӣ ва хизматрасонии китобдорӣ ба аҳолии Россия» [70, с. 92] ба таври қотеона таъқид намуда буд, ки методист бояд функсия ё уҳдадориҳои идоранамоиро иҷро накунад. Ҳамин андеша баътар дар Қонуни федералии Россия «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» инъикос ёфт. Дар қонуни мазкур қайд гардида буд, ки муассиси китобхона ҳуқуқ надорад ба фаъолияти эҷодии китобхона дахолат намояд, китобхонаҳо вобаста ба мақсаду вазифаҳои оинномавии худ ҳуқуқ доранд мундариҷа ва шаклҳои мушаххаси фаъолияти худро интихоб намоянд.

Мавриди зикр аст, ки даст кашидан аз роҳбарии методӣ ҳамчун низоми фармонфармой-маъмурӣ маънои онро надорад, ки мо тамоми дастовардҳои фаъолияти методии китобхонаҳои даврони шӯравиро инкор намоем.

Ҳақ бар ҷониби Ю.Н. Столяров аст, ки иброз намуда буд, «бунёд ва рушди хадамоти методӣ яке аз дастовардҳои китобхонашиносии шуравӣ ва навгонии ҳақиқӣ дар китобхонашиносии ҷаҳон мебошад» [99, с. 68].

Дар мавриди бозсозии фаъолияти методӣ А.Е. Фенелонов қайд менамояд, ки самти асосии он бояд тадриҷан даст кашидан аз функсияҳои танзимгарой ва назоратӣ-тафтишотии он ба самти пурзӯр намудани таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар заминаи комёбиҳои илм ва таҷрибаи пешқадами китобдорӣ бошад [103, с. 80].

Дар даврони шуравӣ хадамоти методии китобхонаҳо кадом функсияҳоро иҷро менамуд?

Таҳлили фаъолияти марказҳои методии даврони шуравӣ собит менамояд, ки онҳо функсияҳои гуногуни зеринро иҷро менамуданд:

- Функсияи таҳқиқотӣ;
- Функсияи таҷрибавӣ (эксперименталӣ);
- Функсияи аналитикӣ-синтетикӣ;
- Функсияи технологӣ-идоракунӣ;
- Функсияи татбиқӣ (ҷоринамой);
- Функсияи иттилоотӣ;
- Функсияи педагогӣ.

Имрӯз дар Россия консепсияи ташкили фаъолияти инноватсионӣ-методӣ куллан тағйир ёфтааст. Дар шароити дур гардидани китобхонаҳо аз марказҳои федералӣ онҳо маҷбуранд ба реҷаи худтаъминкунии илмӣ-методӣ гузаранд. Айни замон мубоҳиса атрофи муайян намудани худуди мундариҷаи «кори методӣ» идома дорад. Мусаллам аст, ки ҳудуди ин мафҳум хеле васеъ гардидааст. Мундариҷа ва самтҳои асосии фаъолияти методӣ тағйир ёфтаанд. Зеро марказҳои методӣ бояд ба тамоми тағйироти низоми иҷтимоӣ ҷавоб дода тавонанд.

Рисолати фаъолияти инноватсионӣ-методии муосир дар формулаи «идоракунии дигаргуниҳо» зоҳир мегардад. Бо ибораи дигар, акнун китобхонаҳо - марказҳои методӣ, бояд ба зудӣ ба тамоми тағйироти соҳаи китобдорӣ ва дигаргуниҳои ҳаёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ, ки ба фаъолияти китобхонаҳо таъсир мерасонанд, ҷавоб гуфта тавонанд. Тамоилоти фаъолияти китобхонаҳоро ба самтҳое равона созанд, ки ҷавобгӯйи даврон ва бахусус, талаботи ҷомеаи муосири иттилоотӣ бошанд.

Аз ин ҷост, ки имрӯз тасаввурот оид ба имкониятҳои фаъолияти инноватсионии методӣ, ки ҳанӯз солҳои 80-уми асри гузашта аз ҷониби муҳаққиқон соҳаи китобдорӣ А. Ванеев, С. Басов ва В. Фирсов пешниҳод гардида буд, васеътар гардид. Дар доираи муносибати нав, ки бо ибораи дигар, онро «услуби инноватсионӣ» низ меноманд, хусусиятҳои инноватсионии кори методӣ омӯхта мешавад. Ин низ функсияи нави марказҳои методӣ ба шумор меравад. Яъне акнун марказҳои мазкур бояд на танҳо ба дигаргуниҳои соҳаи китобдорӣ ва тағйироте, ки ба ин соҳа мустақиман таъсир мерасонанд, ҷавоб дода тавонанд, балки, дар баробари ин, аз ӯҳдаи идора кардани инноватсияҳои китобдорӣ баромада тавонанд. Дар мавриди идора карда натавонистани дигаргуниҳо фаъолияти китобхонаҳо тадриҷан фалаҷ гардида, нишонаҳои буҳрони соҳавӣ дар фаъолияти рӯзмарраи онҳо зуд-зуд ба назар хоҳад расид.

Вале дар байни муҳаққиқони рус ҷонибдорони пузӯр намудани функсияи маъмурӣ-идоранамоии марказҳои методӣ низ мебошанд. Яке аз намояндагони ин равия Б.Н. Бачалдин ба шумор меравад. Ӯ ҷонибдори васеъ намудани функсияи идоранамоии марказҳои методӣ буда, аз ҷумла қайд менамояд, ки «роҳбарии методӣ қисми ҷудонопазири идоранамоии фаъолияти китобдорӣ мебошад. Китобхонаҳо - марказҳои методӣ, бояд комилан тобеи мақомоти идории фаъолияти китобдорӣ бошанд» [13, с. 21].

Мутаассифона, Б.Н. Бачалдин ягона ҷонибдори пурзӯрнамоии функсияи фармонфармоӣ-маъмурии марказҳои методӣ нест. Масалан, олими дигар Г.М. Кормишина пешниҳод менамояд, ки «норасогиҳои» низоми роҳбарии

маъмурӣ тавассути тақсимоти як қисми функсияҳои роҳбарии фаъолияти китобдорӣ ба зиммаи марказҳои методӣ вогузор карда шаванд. Зеро функсияи роҳбарии марказҳои методӣ аз функсияҳои мақомоти маъмурӣ хеҷ тафовут надоранд» [83, с. 76].

Ба андешаи қисми дигари муҳаққиқон, аз ҷумла Е.А. Фенелонов, «пурзӯр намудани функсияи ташкилӣ-идоранамоии марказҳои методӣ нисбати китобхонаҳо хуқуқи китобхонаҳоро ҷиҳати ҳалли мустақилонаи истифодаи тавсияҳои методӣ халалдор менамояд»[103, с.80].

Танқиди функсияи фармонфармоӣ-маъмурии марказҳои методӣ як қисми муҳаққиқонро водор намуд, ки дар шароити муосир, умуман, фаъолияти методӣ ва методистонро инкор намоянд. Масалан, олими рус А.М. Стахевич изҳор менамояд, ки «китобдорон чигунагии кори китобхонаро аз методистон беҳтар медонанд, хадамоти методӣ бошад, монеаи рушди китобхонаҳо мебошад» [98, с. 11].

Масъалаи дигаре, ки дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта мавриди баҳси олимону мутахассисон гардида буд, ин ташкили хадамоти комилан мустақили методӣ буд. Ба андешаи А.Н. Ванеев, аслан ин ақидаи нав набуд. «Ҳанӯз соли 1926 кабинетҳои корҳои сиёсӣ-равшаннамоӣ таъсис ёфта буданд, ки ба сохтори онҳо кабинетҳои методии китобхонаҳо шомил буданд»[190, с. 338].

Вале фаъолияти онҳо бинобар чудо будан аз базаҳои асосӣ – китобхонаҳои марказӣ, камшумор будани китобдорони ботаҷриба дар ҳайати онҳо, такя накардани онҳо ба фондҳои бойи китобхонаҳо тадриҷан нақши онҳоро ҳамчун марказҳои методӣ паст гардонид. Дар натиҷа ин таҷриба дар ибтидои соли 1930 комёб нагардид ва кабинетҳои мазкур ба сохтори китобхонаҳои вилоятӣ баргардонида шуданд.

Агар чунин таҷриба дар замони муосир такрор гардад, пас, таъсиси марказҳои мустақили методӣ ба муассисаҳои пулакӣ табдил меёбанд, ки чунин ҳолат дар шароити нарасидани маблағҳои буҷетӣ барои китобхонаҳо ниҳоят ногувор хоҳад буд. Тавре ки маълум аст, тибқи қонунгузорӣ дар

Россия ва Тоҷикистон ба хизматрасонии пулакӣ табдил додани хизматрасониҳои ройгонӣ, яъне асосии китобдорӣ манъ аст. Дар мавриди таъсиси ташкилот ё муассисаи наве, ки барои хизматрасониҳои пулакӣ ба китобхонаҳо пешбинӣ гардидааст, чунин иқдом шояд боиси дастгирӣ гардад.

Тавре ки аллакай зикр гардид, замони муосир тақозо менамояд, ки бояд баъзе намудҳои ёрии методӣ пулакӣ бошанд. Масалан, таҳия ва чопи дастурҳои методие, ки хароҷоти иловагиро талаб менамоянд. Вале оё метавон таҳияи маърузаи методистро дар соати корӣ барои ироа дар семинари китобдорон ба таври илова маблағгузорӣ намуд?

Ҳамин тавр, роҳбарии методӣ ҳамчун низоми таъсиррасони фармонфармоӣ-маъмурӣ ба китобхонаҳо бар хилофи қонунгузории соҳаи китобдории Тоҷикистон мебошад. Вале, ба андешаи мо, даст кашидан аз роҳбарии методӣ ҳамчун низоми фармонфармоӣ-маъмурӣ маънои даст кашидан аз таҷрибаи бойи ёрии методӣ ба китобхонаҳоро надорад.

Воридоти технологияи муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ хусусияти фаъолияти китобхонаи имрӯзаро ба куллӣ тағйир дод. Имрӯз тамоили табдилёбии китобхона ба муассисаи соф иттилоотӣ, мултимедивавӣ низ ба назар мерасад. Вале, новобаста аз ҳама гуна таҳаввулот, китобхонаи оммавӣ дар доираи имкониятҳои маҳдуди иттилоотӣ, техникӣ, кадрӣ, молиявии хеш дар ҳифзу гиромидошт, рушд ва интиқоли арзишҳои гуногуни фарҳангию таърихии миллат фаъолона ширкат меварзад.

Захираҳои китобхонаи оммавии муосир ҳам дар шакли фондҳои анъанавӣ ва ҳам дар шакли ғайрианъанавӣ – захираҳо ва феҳристҳои электронӣ, пойгоҳи электронии маълумот, захираҳои мултимедиавӣ (чандрасонаӣ ё гуногунҳомил) ташаккул ёфтаанд.

Васеъ гардидани доираи функсияҳои иҷтимоии китобхона ва таҳаввули рисолати он дар ҷомеа аз он вобаста аст, ки китобхона ба кадом категорияи истифодабарандагон хизмат мерасонад. Зеро солҳои охир дар баъзе кишварҳо анвои гуногуни муассисаҳои китобдорӣ, аз қабили марказҳои китобдорӣ-иттилоотӣ, марказҳои мултифарҳангии китобдорӣ, амсилаи

китобхонаи хониши оилавӣ, медиатека ва ғайра ба фаъолият шуруъ намуданд. Дар чунин шароит раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо низ тағйир меёбад ва ба самтҳои фаъолияти муассисаҳои навтаъсис мутобиқ гардонида мешавад.

Дар навбати худ, дигаргуниҳои мазкур, бешак, нисбат ба сатҳи салоҳияти касбӣ ва инноватсионии кормандони марказҳои методӣ талаботи навро тақозо мекунад.

Вобаста ба ин, муҳаққиқон Ю.Б. Авраева ва Ю.Н. Столяров [46;99] барои фаъолият дар марказҳои методӣ методисти «даҳ ангушташ ҳунар»-ро ташвиқ мекунанд. Ба андешаи ин гурӯҳи олимон, методист бояд дорои донишу маҳорат ва уҳдадориҳои универсалӣ бошад. Танҳо чунин мутахассис қодир аст оид ба тамоми самтҳои фаъолияти китобхона маслиҳату машварат намояд.

Агар фикру андешаи қисми зиёди муҳаққиқонро нисбат ба фаъолияти методӣ ҷамъбаст намоем, метавон қайд намуд, ки фаъолияти методӣ бояд китобдорро ба фикр кардан, аз нигоҳи касбӣ амал кардан, муносибати эҷодӣ кардан, мустақил будан, масъулиятро бар дӯш гирифта тавонистан водор намояд. Аз ин рӯ, моҳияти асосии бозсозии роҳбарии методӣ ин дигаргун намудани мафкураи методии китобдорон, рушди ташаббусҳои эҷодии онҳо, баланд бардоштани фарҳанги методии онҳо ва тарбияи касбияти китобдорон мебошад. Ҳадафи асосии таъмини инноватсионӣ-методӣ ин мусоидати ҳамаҷонибаи китобдорон ҷиҳати гуногунрангу шавқовар гардонидани фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба ҳисоб рафта, ба онҳо дарёфти «симои худ»-ро осон мегардонад. Аз ин нуқтаи назар, яке аз самтҳои асосии таъмини инноватсионӣ-методӣ ин ёрии машваратӣ-методӣ ба китобхонаҳо ба хотири такмили фаъолият, аз ҷумла фаъолияти инноватсионӣ (яъне ташаккул ва азхуднамоии навгониҳои соҳаи китобдорӣ), такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони китобхонаҳо мебошад.

Аз ин рӯ, ҷараёни таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо пайваста ба рушди муттасил ниёз дорад ва дар раванди он бояд

функсияҳои гуногуни фаъолияти методӣ, аз ҷумла функсияҳои таҳқиқотӣ, аналитикӣ (таҳлилӣ), иттилоотӣ, машваратӣ (маслиҳатдиҳӣ), педагогӣ, инноватсионӣ ва ғайра беш аз пеш рушд ёбанд.

Таҳлили амсилаҳои (моделҳои) муосири китобхона аз он шаҳодат медиҳад, ки имрӯз тамоили ташаккули китобхона ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири фазои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фарҳангӣ-иттилоотии минтақаи хизматрасонӣ беш аз пеш вусъат меёбад [57;138;140].

Ба андешаи Г.И. Райков, «китобхона ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба фарҳанг, илм ва таҳсилот таъсири маҷмуии мусбат мерасонад» [147, с. 14].

Ҷараёни пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, рушди илму техника, хусусияти инноватсионии таҳсилоти муосир ба моҳияту мундариҷаи рисолати китобхонаи оммавӣ таъсир расонида, зарурати дар фаъолияти он ҷорӣ намудани дигаргуниҳои инноватсиониро тақозо мекунад. Бо ибораи дигар, таҳаввулоти замони муосир китобхонаро водор мекунад, ки дар фаъолияти хеш муносибати нав, роҳу восита ва шаклу намудҳои муосирро ҷорӣ намуда, худро ҳамчун ниҳоди иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иттилоотию маърифатӣ созгори ҷомеаи нав гардонад.

Фаъолияти инноватсионии китобхона ва таъмини илмӣ-методии раванди мазкур яке аз мавзуъҳои муҳимтарини китобхонашиносии муосир ба шумор меравад. Бо дарназардошти он ки мавзуи мазкур дар зербоби навбатии диссертатсия мавриди таҳлили густурда қарор гирифтааст, мо аз баррасии васеи он худдорӣ намуда, танҳо зикри ҳамин нуктаро зарур мешуморем, ки тафсири нисбатан дақиқи мафҳумҳои «инноватсия» ва «навгонӣ» дар таҳқиқоти Е.Ю. Качанова ба назар мерасад. Ба андешаи ӯ, инноватсия «натиҷаи ниҳоии фаъолияти зеҳнии мутахассисон аст, ки дар шакли объектҳои нав (маҳсулот, технологияҳо, хизматрасониҳо) «ашёонида» шуда, аз (ашёи) пештара бо хусусияти нав тафовут доранд» [137, с. 311].

Дигаргуниҳои инноватсионӣ дар фаъолияти китобхона на танҳо аз ҷоринамоии навгониҳо, коркард ва татбиқи амсилаҳои (моделҳои) ояндадор дар фаъолияти иттилоотӣ-китобдорӣ, балки аз идоракунии муттасили

стратегии дигаргуниҳо дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ вобастагии амиқ дорад.

Яке аз омилҳои муҳим дар раванди ҷорӣ намудани инноватсияҳои китобдорӣ ин сатҳи салоҳиятнокии касбӣ ва инноватсионии китобдорон ба шумор меравад. Агар китобдорон ба моҳияти инноватсияҳои китобдорӣ сарфаҳм наравад, зарурати ҷорӣ намудани онҳоро дар амалия дарк карда натавонанд, сатҳи касбияти онҳо ҷавобгӯйи талаботи замон набошад, онҳо ташаббускору эҷодкор ва барои татбиқи навгониҳо омода набошанд, он гоҳ дар китобхона фазои инноватсионӣ ташаккул намеёбад.

Таҳқиқоти озмоишӣ, ки дар доираи мавзуи мавриди таҳқиқ гузаронида шуд, нишон дод, ки 18 фоизи китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода нестанд, 23,2 фоизи онҳо омодагии худро барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ муайян карда наметавонад ва ҳамагӣ 58, 8 фоизи китобдорон иброз намуданд, ки барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода ҳастанд. Тафсилоти натиҷаҳои пурсиш дар диаграммаи 1 инъикос ёфтааст.




**Диаграммаи 1. Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи "Оё шумо барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода ҳастед?" (ба ҳисоби фоиз)**

Натиҷаи озмоиши таҷрибавӣ мавҷудияти мушкилоти зиёдро дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ ошкор намуд, ки онҳо, аслан, хусусияти умуминизомӣ дошта, аксаран, аз таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо вобастагӣ доранд. Таҳқиқот нишон дод, ки 55,9 фоизи китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ барои дарёфти иттилоот ва такмили дониши худ оид ба навгониҳои китобдорӣ аз марказҳои методии

соҳавӣ сари вақт маводди заруриро дастрас карда наметавонад, 19 фоизи онҳо ҳатто, ба саволи «Оё барои дарёфти иттилоот ва такмили дониши худ оид ба навгониҳои китобдорӣ аз марказҳои методии соҳавӣ сари вақт маводди заруриро дастрас карда метавонед?», ҷавоб дода наметавонанд. Тафсилоти натиҷаҳои пурсиш дар диаграммаи 2 инъикос гардидаанд.




**Диаграммаи 2.** Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи **«Агар дар фаъолияти хеш аз инноватсияҳои китобдорӣ истифода набаред, сабаб чист?»** *(ба ҳисоби фоиз)*

Натиҷаи ҷавоби респондентон-китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ оид фаъолияти марказҳои методӣ бори дигар зарурати омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва мавзуи «китобхона ҳамчун объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ»-ро собит менамояд.

### 1.3. Асосҳои назариявии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ

Барои аз ҷиҳати назариявӣ асоснок намудани зарурати таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон, қабл аз ҳама, бояд ҷараёни таҳаввулоти дастгоҳи мафҳумии понятийный аппарат) соҳаи фаъолияти методии китобхонаҳо мавриди таҳлил қарор дода шавад. Зеро дигаргуншавӣ ва таҷдиди назар гардидани истилоҳот

(мафҳумҳо) дар ҳама гуна соҳа маънои пайдо шудани муносибати нав, тағйир ёфтани шароит, хусусияти предмети мавриди таҳқиқ ва ивазшавии арзишҳоро дорад.

Тавре ки аллакай зикр гардид, дар ҳар як марҳилаи фаъолияти китобдорӣ вобаста ба тағйироти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, илмию фарҳангӣ муносибат ба фаъолияти методии китобхонаҳо дигаргун мегардид ва ин тағйирот ҳатман дар дастгоҳи мафҳумии фаъолияти методӣ инъикос мегардад. Чунки ҳадафи асосии таъмини инноватсионӣ-методӣ ин, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ тавассути омӯзиш ва ҷорӣ намудани таҷрибаи пешқадам, татбиқи раванду амсилаҳои инноватсионӣ мебошад.

Мавҷудияти мафҳумҳои зиёд дар соҳаи фаъолияти методии китобхонаҳо ин, пеш аз ҳама, маънои хеле васеъ будани доираи ин фаъолият мебошад. Аз ин ҷост, ки дар саҳифаҳои адабиёти соҳавӣ оид ба фаъолияти методии китобхонаҳо шумораи зиёди истилоҳот ба назар мерасанд.

Фаъолияти илмӣ-методии китобхонаҳо яке аз самтҳои афзалиятноки соҳаи китобдорӣ ба шумор меравад. Дар ҳар як марҳилаи рушди соҳаи китобдорӣ зарурати дарки моҳияти нави равандҳои фаъолияти методӣ ва заминаҳои назариявии он ба миён меояд.

Олими барҷастаи рус Анатолий Николаевич Ванеев ҳанӯз солҳои 70-уми асри XX зикр намуда буд, ки «таҳқиқи самаранокии шаклҳои гуногуни роҳбарии методӣ акнун оғоз гардидааст» [19, с. 284].

Агарчи ин суханон дар марҳилаи дигари таърихӣ   announcement ироз гардидаанд, вале онҳо имрӯз низ аҳаммияти худро гум накардаанд. Зеро дар шароити нави фаъолияти китобдорӣ андешаҳо оид ба зарурати фаъолияти методии китобхонаҳо беш аз пеш садо медиҳанд ва вазифаи олимону мутахассисон аз он иборат аст, ки шаклу намудҳои воқеан самарабахши фаъолияти методиро аз нигоҳи илмӣ бо далелҳои муътаманд пешниҳод карда тавонанд.

Яке аз давраҳои нисбатан пурмаҳсули таҳқиқ ва коркарди асосҳои назариявии фаъолияти методии китобхонаҳои охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-уми асри XX ба шумор меравад.

Дар луғати истилоҳотии «Библиотечное дело: Терминологический словарь», ки соли 1986 чоп гардидааст, мафҳумҳои «методист», «маслиҳати методӣ», «ёрии методӣ», «коркарди методӣ», «роҳбарии методӣ», «дастгоҳи методӣ», «семинари методӣ» ба назар мерасанд [15, с. 82-83].

Дар ин давра олимони варзидаи шуравӣ А.Н. Ванеев [19], Е.А. Фенелонов [103;104], В.Р. Фирсов [105-107] ва дигарон мафҳуми «фаъолияти методӣ»-ро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, зарурати таҳқиқи он, омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами китобдорӣ, ҷорӣ намудани дастовардҳои илму техникаро дар фаъолияти китобхонаҳо таъкид карда, ба моҳияти навгониҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд.

Дар натиҷаи баҳсу мунозираҳои илмии охири солҳои 90-уми асри гузашта, асару мақолаҳое интишор ёфтанд, ки ба ҷустуҷӯйи моҳияти нави фаъолияти илмӣ-методӣ, дақиқ намудани мундариҷаи истилоҳот, муайян намудани ҳудуди маънои мафҳумҳои марбут ба фаъолияти методӣ бахшида шуда буданд. Аз ҷумла, як зумра муҳаққиқон асоси кори илмӣ-методиро ба «фаъолияти инноватсионӣ-методӣ» алоқаманд ҳисобида, [53, с. 51], истилоҳи «хидматгузории иттилоотӣ-консалтингӣ» [21, с. 134], «кори инноватсионӣ методӣ»-ро [24, с. 220] шарҳу эзоҳ додаанд. Гурӯҳи дигар дар доираи таълимоти менеҷменти инноватсионӣ фаъолияти методиро ҳамчун машварати идоракунӣ маънидод карда [33, с.201], ҷанбаи технологии фаъолияти методирро бо далелҳо асоснок кардаанд [86, с. 9].

Бо дарназардошти он, ки андешаҳои номбурда дар мақолаҳои таҳлилии Л.М. Инкова ва И.П. Осипова [76], инчунин, таҳқиқоти диссертатсионии О.А. Ратникова [148] ба таври ҳамаҷониба мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд, мо таҳлили онро зарур намешуморем. Зикр намудан ҷоиз аст, ки новобаста аз баҳсу мунозираҳои тулонӣ то ҳанӯз барои ифодаи фаъолияти методии китобхона истилоҳи ягона коркард ва пазируфта нашудааст.

Муҳаққиқи шинохтаи рус Л.М. Ракитская дар заминаи омӯзиши доираи васеи сарчашмаҳои илмӣ муайян намудааст, ки барои ифодаи ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти марказҳои методӣ истилоҳҳои «дастгирии методӣ», «ёрии методӣ», «роҳбарии методӣ», «фаъолияти методӣ», «таъмини методӣ», «машварати методӣ» ва амсоли инҳо истифода бурда мешавад [95, с.17-19].

Дар истилоҳномаи «Библиотечное дело: Терминологический словарь» тафсири зерини мафҳуми «роҳбарии методӣ» ба назар мерасад: «Фаъолияти мақомоти идоранамоии соҳаи китобдорӣ ва марказҳои илмӣ-методӣ бо мақсади таъсиррасонии идорӣ ба кори китобхонаҳо тавассути ҷоринамоии услубҳо, тарзҳо ва шаклҳои нисбатан самарабахши меҳнати китобдорӣ мебошад. Хамзамон, роҳбарии методӣ ҷоринамоии ҳатмии тавсияҳои методӣ ва назорати иҷрои қарорҳоро дорад» [15, с.83].

Бо ибораи дигар, зери мафҳуми «роҳбарии методӣ» функсияи мақомоти идории фаъолияти китобдорӣ ва таҳти мафҳуми «кори методӣ» фаъолияти китобхона - марказҳои методӣ, оид ба расонидани ёрии методӣ ба китобхонаҳо арзёбӣ мегардид. Агар таърифи мазкурро вобаста фаъолияти имрӯзаи китобхонаҳо, аз ҷумла китобхонаҳои Тоҷикистон дар шароити ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ муқоиса намоем, он таҷдиди назар меҳоҳад. Зеро дар ҷомеаи демократӣ ҳар як китобхона тибқи оинннома ва талаботи қонунгузориии амалкунанда ҳуқуқ дорад роҳу равиши фаъолият ва дурнамои рушди хешро мустақилона муайян менамояд, дар интихоби самтҳои асосӣ ва афзалиятноки фаъолият мустақил мебошад. Дар замони шуравӣ бо дарназардошти идеологияи ягонаи ҳукмрон китобхонаҳо аз чунин имконият маҳрум буданд. Аз ин рӯ, «ҷоринамоии ҳатмии тавсияҳои методӣ ва назорати иҷрои қарорҳо», ки дар мундариҷаи «роҳбарии методӣ» ба назар мерасад, инъикоси таъсири низоми тоталитарии давлатдорӣ мебошад.

Аз ҷониби дигар, мафҳуми «роҳбарии методӣ» низ махсули даврони шуравии китобдорӣ мебошад. Ин мафҳум решаҳои амиқи пайдоишро дорад. Ҳанӯз солҳои 20-уми асри XXI олими китобхонашинос Я.Е. Киперман назарияи «машинизми китобдорӣ»-ро пешниҳод намуда буд, ки тибқи он

марказҳои методӣ бояд китобхонаҳоро бо тамоми дастуру коркардҳои зарурӣ таъмин менамуданд ва китобхонаҳо онҳоро бечунучаро иҷро мекарданд.

То даврони бозсозӣ (1985) як қисми муҳаққиқон, аз ҷумла Б.Н. Бачалдин ҷонибдори роҳбарии методӣ, яъне пурзур намудани функсияи маъмурӣ-ташкилӣ ва назоратӣ-танзимнамоии фаъолияти методӣ буданд. Ба ақидаи Б.Н. Бачалдин, яке аз самтҳои бозсозии фаъолияти методии китобхонаҳо ин пурзӯр намудани «функсияи назоратӣ-инспекторӣ» мебошад [56, 698].

Ба андешаи В.Н. Ванеев, «ин назария ҳамон замон мавриди интиқоди шадид қарор гирифта буд, чунки он китобдоронро бо роҳи иҷрои дастурамалҳои тайёру сабукфикрона ҳидоят менамуд» [60, с 287]. Воқеан, роҳбарии методӣ маънои иҷрои бечунучарои тавсия ва дастурҳои мақомоти гуногуни методиро дошт. Ба андешаи ин ҷониб, онро метавон ба мафҳуми нисбатан демократӣ, ки аллакай мавриди истифода қарор дошта, дар адабиёти илмӣ ба таври васеъ инъикос меёбад, яъне ба мафҳуми «таъмини инноватсионӣ-методӣ» ё «таъмини илмӣ методӣ» иваз намудан лозим аст.

Дар ин маврид истифодаи мафҳумҳои дигари соҳаи фаъолияти методии китобхонаҳо ба монанди «ёрии методӣ» ё «кумаки методӣ», «маслиҳати методӣ», «машварати методӣ» бештар қобили қабул ва истифода қарор хоҳанд гирифт. Мафҳумҳои мазкур маънои роҳбарӣ, назорати қатъӣ, иҷрои ҳатмӣ, дастури мақомоти болоиро надошта, балки ба маънои мусоидати фаъолият, имкони интихоби варианти имконпазири самти фаъолиятро доранд.

Ҳамин тавр, як таҳаввулоти назаррас дар раванди ташаккул ва рушди низоми истилоҳотии фаъолияти методии китобхонаҳо дар натиҷаи мубоҳисаҳои илмӣ тадриҷан аз байн рафтани мафҳуми «роҳбарии методӣ» мебошад, ки сабаби асосии онро муҳаққиқон дар хусусияти фармонфармоӣ доштани фаъолияти марказҳои методии замони шуравӣ арзёбӣ мекунанд. Ба андешаи китобхонашиноси шинохта А.Н. Ванеев, «тавассути ба китобхонаҳо

додани мустақилият, ки моддаи 10-уми Қонуни федаралии Федератсияи Россия «Дар бораи фаъолияти китобдорӣ» муқаррар намуд, муассисон аз ҳуқуқи мудохила ба фаъолияти эҷодии китобхонаҳо маҳрум шуданд ва ин боиси даст кашидан аз роҳбарии методӣ ҳамчун функсияи идоракунӣ ва гузариш ба таъмини методии фаъолияти китобхонаҳо гардид» [60, с 337]. Раванди гузариши китобхонаҳо аз роҳбарии методӣ ба таъмини методӣ ва баъдтар таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо ҷараёни мубоҳисаҳои илмиро оид ба муайян намудани ҳудуди маъноии истилоҳи «таъмини методӣ» вусъат бахшид. Як қисми муҳаққиқон «таъмини методӣ»-ро ҳамчун «фаъолияти таҳлилӣ, машваратӣ-методӣ ва инноватсионӣ, ки ба таъмини фаъолияти китобхона ва низомҳои китобдорӣ нигаронида шуда, туфайли он тамоми самтҳо, равандҳо, шаклу услубҳои кори китобхона бо тавсияву қарорҳои методӣ таъмин мегарданд», маънидод кардаанд [65;148]. Аслан, истилоҳи мазкур қаблан низ дар қатори мафҳумҳои мавҷуда ба сифати муродифи фаъолияти методӣ мавриди истифода қарор дошт [48]. Вале, ба ин нигоҳ накарда, дар муайян намудани ҳудуди маъноӣ ва моҳияту мундариҷаи ин истилоҳот таносуби мантиқӣ ба назар намерасад. Зиёда аз ин, то ҳанӯз доираи фаъолияти методӣ ба таври мушаххас муайян карда нашудаааст. Ба андешаи ин ҷониб, сабаби асосии чунин вазъият, пеш аз ҳама, дар он зоҳир мегардад, ки, одатан, татбиқи самтҳои нави фаъолияти китобхона, аз қабили рақамигардонӣ, масъалаҳои вобаста ба китобхонаҳо ва феҳристҳои электронӣ, ташаккул ва рушди захираҳоии электронӣ, робита бо ҷомеа, реклама ва маркетинги китобдорӣ, тарғибу ташвиқи китобхона тавассути шабакаҳои иҷтимоиро бештар аз ҳама ба методистон вогузор карда мешавад. Чунин ҳолат, агар аз як тараф, барои мушаххас намудани доираи фаъолияти методӣ монеа эҷод кунад, аз ҷониби дигар, боиси наздикшавии самти инноватсионӣ бо фаъолияти методии китобхона гардида, дар ниҳояти кор барои ҷалби кормандони марказҳои методӣ ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ заминаи устувор фароҳам меорад.

Аммо, ба андешаи С.Г. Матлина, мафҳуми «таъминот» низ бенуқсон нест, зеро дар ин маврид, бештар уҳдадориҳои методистон таъкид шуда, ба китобдорон нақши дуюмдарача дода мешавад» [85, с. 12]. Аз ин рӯ, ӯ ба сифати варианти мувофиқ мафҳуми «мушоиати (гусели) методӣ»-ро пешниҳод менамояд. Ақидаи хешро С.Г. Матлина бо он асоснок мекунад, ки танҳо шахси харакаткунандаро мушоиат (гусел) кардан мумкин аст, яъне шахсеро, ки ба сӯйи пеш ҳаракат мекунад, инкишоф меёбад, бинобар ин, таъкид мекунад ӯ, мафҳуми «мушоиат» барои фаъолияти методӣ дорои маънии басо муҳим мебошад. Муҳаққиқ Л.М. Ракитская бо дарназардошти хусусияти хоси функсионалӣ истифодаи мафҳуми «дастгирии методӣ»-ро ҷоиз медонад. Ӯ «мафҳуми «дастгирии методӣ»-ро ҳамчун фаъолияти марказҳои методӣ оид ба истифодаи методҳо ва шаклҳои муосири кори китобдорӣ, ки ҷиҳати мусоидат ва ёрӣ расонидан ба китобхонаҳо ҳам дар ҳалли вазифаҳои стандартии китобдорӣ, аз ҷумла коркарди санадҳои намунавӣ, ҳамчунин, ҳолатҳои ғайристандартӣ ва ҳаллу фасли оҷилонаи мушкилоти алоҳида равона шудаанд, арзёбӣ мекунад [95, с. 19-20].

Ба андешаи мо, мавҷудяти тамоми истилоҳоти пешниҳодшуда аз он нуқтаи назар муҳим ва зарур мебошад, ки ҳар як истилоҳ ин ё он ҷанбаи фаъолияти методиро ба таври мушаххас ифода карда, моҳияти онро ба таври дақиқ ошкор месозад. Масалан, агар мафҳумҳои «дастгирии методӣ», «мушоиати методӣ» то андозае таъкид ба мафҳуми «ёрии методӣ» бошад, вале мафҳуми «таъмини методӣ» аз нигоҳи маънову моҳият ба мафҳуми умумии «фаъолияти методӣ» наздиктар аст. Новобаста аз он ки аксарияти олимону мутахассисон ба таври қатъӣ аз истифодаи мафҳуми «роҳбарии методӣ» даст кашидаанд, аммо қисми муайяни онҳо дар доираи консепсияи менеҷменти инноватсионӣ ва идоракунии навгониҳо дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ мавҷудияти унсурҳои идоракуниро дар фаъолияти марказҳои методӣ эътироф мекунанд. Чунин вазъият боиси он гардидааст, ки имрӯз дар байни олимону мутахассисони соҳаи китобдорӣ тафсири фаъолияти илмӣ-методӣ ҳамчун «идоракунии раванди рушд ва «идоракунии инноватсияҳо»

маъмул гардидааст [48, с. 65]. Шоистаи зикр аст, ки ҳамин гуна пажуҳишҳои назариявӣ дар дигар соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла соҳаи таҳсилот низ ба назар мерасад [58, с. 37-42].

Дар мавриди таҳқиқоти мо, ки аслан, ба раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию омммавӣ робитаи мустақим дорад, муайян намудани ҳудуди маъноии мафҳуми «фаъолияти инноватсионӣ-методӣ» аҳаммияти бештар дорад, чунки дар доираи чунин таҳлил тамоми унсурҳои фаъолият: мақсад, субъект, объект, принсипҳо ва ғайра ошкор карда мешаванд. Илова бар ин, чунин таҳлил имкон медиҳад, ки моҳияти мавзуи таҳқиқ ҷустуҷӯ карда шуда, принсипи ҷудо намудани он аз дигар падидаҳо ва унсурҳои мавриди пажуҳиш муайян карда шавад.

Илова бар ин, ба андешаи мо, зарурати таҳлили ҳудуди маъноии мафҳуми мазкур боз аз он нуқтаи назар муҳим арзёбӣ мегардад, ки яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти методӣ ин мусоидат ба вусъати фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо мебошад. Бе фаъолияти инноватсионӣ имрӯз сатҳу сифати фаъолияти ягон китобхонаро тасаввур кардан душвор аст. Маҳз фаъолияти инноватсионӣ қодир аст, фаъолияти китобхонаи муосирро ба талаботи ҷомеаи иттилоотӣ ҷавобгӯ гардонад. Пас, фаъолияти инноватсионии китобхона чист? Дар адабиёти соҳавии даврони шуравӣ нисбат ба мафҳуми фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо таваҷҷуҳи камтар зоҳир гардидааст. Дар ибтидои асри XXI дар адабиёти илмии соҳаи китобдорӣ як зумра олимон ба таҳлили мафҳуми мазкур пардохтаанд, ки натиҷаи ин баҳсҳои илмӣ дар китоби «Справочник библиотекаря» инъикос ёфтааст. Дар ин сарчашма, аз ҷумла қайд гардидааст, ки «фаъолияти инноватсионӣ ин самти асосии таъмини методии фаъолияти методӣ ё шабакаи китобхонаҳо мебошад, ки мақсади он ҷустуҷӯ, арзёбӣ, таҳия ва истифодаи навгониҳои китобдорӣ мебошад» [37, с. 334].

Мавриди зикри хос аст, ки баъди солҳои 80-уми асри гузашта марказҳои методӣ корҳои зиёдеро дар самти аз байн бурдани расмиятчигӣ, фароҳам овардани имконият барои зоҳир намудани ташаббускорӣ аз ҷониби

китобдорон дар маҳалҳо, омӯзиши таҷрибаи пешқадам, ворид намудани навгониҳо ба фаъолияти китобдорӣ анҷом доданд.

Ба андешаи мо, фаъолияти инноватсионии китобхона, ҳамчун низом, анвои бо ҳам алоқаманди амалҳо (корҳоест), ки дар маҷмуъ, ба тавлиду татбиқи инноватсияҳои воқеӣ дар китобхона мусоидат мекунанд.

Имрӯз фаъолияти инноватсионӣ қариб барои тамоми китобхонаҳо хос аст. Дар шароити имрӯза роҳбарияти ҳар як китобхона кӯшиш мекунад, ки ҳайати кормандони хешро ба кори эҷодӣ, ташаббускорӣ, навоварию навҷӯйӣ равона созад, аммо чунин роҳнамоӣ бо кадом натиҷа анҷом меёбад? Дарёфти посух ба ин савол вобаста ба он аст, ки ҳадафи роҳбарияти китобхона то кадом андоза ба раванди идоракунии навгониҳои китобдорӣ, низоми ҳавасмандгардонӣ, муҳиту неруи инноватсионии китобхона ва муҳимтар аз ҳама, таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхона алоқаманд аст.

**Ҷадвали 1.**

**Фаъолияти инноватсионии китобхона ҳамчун низом**

| Намуди корҳо | Натиҷаи корҳо - маҳсулот ва хизматгузориҳо | Марҳилаҳои инноватсия |
|---|---|---|
| Фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ | Донишҳои нав | Ихтироот, навоварӣ |
| Фаъолияти лоиҳасозӣ | Донишҳои технологӣ | Лоиҳаи инноватсионӣ |
| Фаъолияти консалтингӣ | Биниши нави инноватсияи китобдорӣ | Ташхиси молиявӣ, ҳуқуқӣ, технологӣ ва техникии лоиҳаи (ғояи) инноватсионӣ |
| Фаъолияти маърифатӣ (таҳсилоти китобдорӣ) | Донишу малакаҳои шахсӣ (таҷриба) | Татбиқи ғояи (лоиҳаи) инноватсионӣ |

Аз ин рӯ, муҳаққиқ С.А. Басов пешниҳод менамояд, ки сараввал бояд «мавқеи ибтидоӣ муайян карда шуда, «ҳуҷайра»-и аслии кори методӣ, ки минбаъд нақши принсипи ҷудокунӣ аз дигар падидаҳоро (мафҳумҳоро) мебозад, дарёфт шавад. Бо ёрии он ҳама гуна фаъолияти ба кори методӣ дахлдошта ва ё дахл надоштаи китобхонаро муайян намудан имконпазир

мегардад» [54, с. 3]. Ба сифтаи ҳамин гуна «ҳуҷайра»-и асил муҳаққиқ навгонӣ (инноватсия)-ро пешниҳод менамояд. Албатта, пешниҳоди мазкур аз камбудӣ орӣ нест. Чунки фаъолияти методӣ танҳо дар доираи инноватсияҳо маҳдуд намешавад, танзими масъалаҳои вобаста ба феҳристнигорӣ, баҳисобгирӣ, коркарди адабиёт, ҳифзу нигоҳдории фонди китобхона ва боз бисёр ҷанбаҳои суннатии фаъолияти китобхона ба таъмини методӣ ниёз доранд. Аз ин ҷост, ки А.Н. Ванеев ба сифати принсипи ҷудокунанда аз дигар падидаву тамоюлҳо мафҳуми нисбатан умумӣ - «метод»-ро пешниҳод менамояд. Ба ақидаи А.Н. Ванеев, дар байни мафҳумҳои ба фаъолияти методӣ алоқаманд, «метод» мафҳуми асил ва калидӣ мебошад, чунки маҳз тавассути он мафҳумҳои «кори методӣ», «фаъолияти методӣ», «роҳбарии методӣ», «таъмини методӣ», «ёрии методӣ», «дастури методӣ» «хадамоти методӣ» ва амсоли инҳо ташаккул ёфтаанд [65, с. 3]. Ҳамин андешаро Е.А. Фенелонов [104, с. 5] ва дигар муҳаққиқон низ дастгирӣ кардаанд.

Воқеан, дар низоми истилоҳоти марбут ба таъмини методии китобхонаҳо яке аз мафҳумҳои асосӣ - «метод» ба шумор меравад. «Метод» аз нигоҳи назариявӣ роҳ ё равиши таҳқиқот, тарзи ноил гардидан ба ягон мақсад ва аз нигоҳи амалия бошад, роҳи ҳалли ягон вазифаи мушаххас мебошад. Ҳамин тавр, маҷмуи методҳои танзимёфтае, ки ба тамоми вазифаҳои ҳалшаванда вобастаанд, мундариҷаи мафҳуми «методика»-ро ташкил медиҳад. Тавре аз адабиёти соҳавӣ бармеояд, «таҳия ва такомули методика вазифаи фаъолияти методӣ мебошад, ки онро ҳар як китобхона то ин ё он андоза анҷом медиҳад». [37, с. 325].

Новобаста аз шумораи зиёди ҷонибдорони чунин ақида ва бо дарназардошти предмети таҳқиқоти хеш, мо кӯшиш намудем, ки бештар ба таҳлили мафҳуми «инноватсия» машғул шавем. Чунки зимни таҳқиқи унсурҳои функсионалии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо (коркарди услубҳо, ёрии методӣ, таъмини методӣ, таҳияи дастури методӣ, анҷом додани машварати методӣ ба китобдорон ва ғайра) бояд як аломати умумии водоркунанда ба дигаргунӣ, тағйирдиҳӣ, азнавсозӣ,

бозсозӣ ё ба ибораи дигар, низоми муташаккили амалиёт дарёфта шавад. Танҳо дар чунин маврид ***метод ҳамчун воситаи татбиқи дигаргуниҳо, тағйирот, азнавсозӣ, бозсозӣ***, низоми муташаккили амалиёт ва расидан ба мақсади ниҳоӣ мавриди истифода қарор мегирад. Аз ин рӯ, мо ҷонибдори ҳамон пажуҳишҳо ҳастем, ки фаъолияти методиро ба фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд арзёбӣ карда, зарурати ҳамбастагии онҳоро таъкид мекунанд. Чунки ҳамбастагии фаъолияти инноватсионию методӣ ин ҷустуҷӯйи мутобиқати методҳо, ҳаллу фасли ихтилофот миёни методҳои мавҷуда ва он методҳоест, ки амалияи китобдорӣ ба онҳо ниёз дорад.

Раванди табдилёбии китобхона ба сифати ниҳоди иҷтимоии пайваста дар ҳолати рушду такомул аз марказҳои методӣ вусъати бемайлони раванди таъмини методиеро тақозо дорад, ки аслан, ба навгониҳо вобастаанд. Дар чунин ҳолат методистон ногузир нақши «ёрии таъҷилӣ»-ро бозида, беш аз ҳама ба омӯзишу таҳлил, тарғибу ташвиқ ва ҷустуҷӯйи роҳҳои самарабахши татбиқи навгониҳо, ташаббусҳои эҷодӣ, дигаргуниву тағйирот дар соҳаи китобдорӣ машғул мебошанд. Аз ин ҷост, дар фаъолияти методӣ ҷойгоҳи инноватсияҳо барҷаста аст.

Ҳамин тавр, ҷустуҷӯ, дарёфт, омӯзиш ва татбиқи тарзу усулҳои нави кор ё, ба ибораи дигар, «инноватсияҳо» самти муҳимтарин ва дар шароити имрӯза беш аз пеш афзалиятноки фаъолияти китобхонаҳои гуногун, аз ҷумла китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба шумор меравад. Яъне ҷаҳду талош барои роҳандозии фаъолияти инноватсионӣ барои тамоми китобхонаҳо хос аст. Дар вусъати раванди паҳн намудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо нақши китобхона-марказҳои методӣ, бағоят бузург аст. Сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба истифодабарандагони китобхона аз он вобаста аст, ки фаъолияти онҳо то кадом андоза бо таъмини инноватсионӣ-методӣ ҳамбастагӣ дорад. Агар дар шароити рушди бемисли технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ чунин ҳамбастагӣ вуҷуд надошта бошад, китобхона дар бозори муосири иттилоотӣ ба рақобат тоб

оварда наметавонад ва имкони дар сатҳи зарурӣ анҷом додани рисолати иҷтимоии он душвор мегардад.

Дар навбати худ ташкили самараноки раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо аз таҳлилу баррасии низоми истилоҳотии ба он алоқаманд вобастагии амиқ дорад. Чунки дарки амиқи моҳияти ҳар як навгонӣ, ҷавҳари маънии он ва муайян намудани ҳудуди маъноии он имкон медиҳад, ки муносибат нисбат ба он ба таври ратсионалӣ (оқилона) ба роҳ монда шавад.

Барои консепти «таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо» мафҳумҳои калидӣ «инноватсия ва «метод» ба шумор меравад ва тавассути онҳо истилоҳоти дигари ба ин намуди фаъолият алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, минбаъд ба низоми истилоҳотии фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо ворид мегарданд. Тавре ки аллакай зикр гардид, бо дарназардошти он дар таркиби предмети таҳқиқоти мо мафҳуми «инноватсия» нақши калидиро мебозад, мо, асосан, ба таҳлили мафҳуми мазкур таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудем.

Зикр кардан ҷоиз аст, ки имрӯз тавассути мафҳуми «инноватсия» истилоҳоти дигар, аз қабили «фаъолияти инноватсионӣ», «фаъолияти инноватсионӣ-методӣ», «ёрии инноватсионӣ-методӣ», «инноватсияҳои китобдорӣ», «инноватикаи китобдорӣ» ва амсоли ин пайдо шуда, дар дастгоҳи мафҳумии китобхонашиносӣ тадриҷан ҷойгоҳи хосаро ишғол мекунанд.

Таҳқиқи мавзуъ водор менамояд, ки, қабл аз ҳама, моҳияти мафҳуми «инноватсия»-ро мушаххас намоем. Мафҳуми «инноватсия» дар «Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №200 аз 3.05.2002 тасдиқ шудааст, ҳамчун «нав, муҷаддад, навсозӣ, навгароӣ» маънидод шудааст [2]. Дар асл, «инноватсия» аз калимаи англисии innovation гирифта шуда, маънои навгонӣ ё навгарии ҷоришудаеро мегӯянд, ки беҳтаршавии сифату самаранокии равандҳо ё маҳсулотро тибқи талаботи бозор таъмин менамояд. Он натиҷаи

ниҳоии фаъолияти зеҳнии инсон, тахайюлоти ӯ, ҷараёни эҷодӣ, кашфиёт, ихтироот, такомул мебошад.

Агар онро аз забони лотинӣ «Innovatio» тарҷумаи таҳтуллафзӣ намоем, маънои «ба самти тағйирот, дигаргунӣ»-ро ифода мекунад. Вале, агар моҳияти онро таҳлил намоем, на ҳама гуна навгонӣ, ё навсозӣ, балки ҳамон навгоние, ки ба таври куллӣ самаранокии низоми маҷударо баланд бардошта метавонад, фаҳмида мешавад. Ҳамин тавр, ҷараёни инноватсия таҳия, ҷоринамоӣ, ноил шудан ба сатҳу сифати навро меноманд.

Дар осори илмӣ ва публитсистӣ ба забони тоҷикӣ бахшида ба соҳаҳои техника, технология, илму фарҳанг, маориф, аз ҷумла фаъолияти китобдорӣ мафҳумҳои «навгонӣ» ва «навгароӣ» маъмултар мебошанд. Дар ҳар маврид мафҳуми «инноватсия» ба маънии муносибати нав, ҷараёни ташаккули равия ва падидаҳои нав, таъмини сатҳу сифати нав дар ягон навъи фаъолият фаҳмида мешавад.

Дар адабиёти илмии соҳавӣ зери мафҳуми «навгониҳо» шаклу услубҳои нав (номаълум, ҳанӯз ҳамаҷониба дастрас нагардида) ё маъмул, вале навшудаест, (модернизатсияшуда) ки барои такмили фаъолияти китобхона равона карда шудааст, маънидод гардидааст [43, с.30].

Яке аз олимони машҳури соҳаи китобдорӣ Ю.Н. Столяров ҳатто, зуҳури хадамоти методиро дар амалияти китобдории олам падидаи нав ҳисобида, қайд менамояд, ки «бунёд ва рушди хадамоти методӣ яке аз дастовардҳои фаъолияти китобдории шуравӣ ва инноватсияи ҳақиқӣ дар китобхонашиносии ҷаҳон ба ҳисоб меравад» [99, с. 67]. Дар ин маврид Ю.Н. Столяров падидаи хадамоти методиро ҳамчун «инноватсияи ҳақиқӣ» арзёбӣ карда, ба ҳамбастагии фаъолияти методӣ ва инноватсионӣ ишора кардааст. Мо андешаи муҳаққиқи шинохтаро идома дода, зикр мекунем, ки низоми хадамоти методӣ дар даврони шуравӣ пайдоишу ташаккул ва рушд ёфта, минбаъд ба муҳаррики воқеии навгониҳои китобдории асри нав табдил ёфт. Ин андешаро таҳлили фаъолияти марказҳои методии даврони шуравӣ ва

хадамоти методие, ки тули солҳои соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ташаккул ёфтанд, собит менамояд.

Сарчашмаи навгониҳо дар китобхонаҳо амалияи пешқадами китобдорӣ, пешниҳодоти ратсионализатории китобдорон, тавсияҳои таҳқиқоти илмӣ, технологияи муосири иттилоотӣ ба шумор меравconfigнд. Воқеан, воридоти босуръати технолгияи нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ ба фаъолияти китобдорӣ дар ин соҳа инқилоби ҳақиқӣ гардид.

Мусаллам аст, ки навгониҳое, ки аз дигар соҳаҳо ба фаъолияти китобдорӣ ворид карда мешаванд, бояд дар амалия санҷида шуда, мутобиқати онҳо ба соҳаи мазкур муайян карда шавад. Масалан, технология муосири иттилоотӣ, захираҳои электронии мултимедиавӣ, шабакаҳои компютерии алоқа ва амсоли ин ҳатман санҷида шуда, сипас, мавриди истифода қарор дода мешаванд. Яъне раванди воридсозии падидаҳои навро дар амалияи китобдорӣ, ки заминаи асосии онҳо ташаббусҳои эҷодии китобдорон аст, навгонӣ меноманд. Ҳамин тавр, фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳо аз талош ба навҷӯйӣ оғоз гардида, аз раванди коркард, озмоиш, ташаккул ва татбиқи навгонӣ иборат аст. Ҳадафи ниҳоии он табдилдиҳии навгарӣ ба навгонӣ, бо ибораи дигар, таъмин намудани омӯзиш ва ҷоринамоии он дар китобхона мушаххас ё шабакаи китобхонаҳо мебошад.

Зикри ҳамин нукта ҷоиз аст, ки «инноватсия» ва «фаъолияти инноватсионӣ» мафҳумҳои умумиилмӣ ба шумор рафта, доираи истифодабарии онҳо хеле васеъ аст. Истилоҳи «инноватсия»-ро аввалин маротиба дар асри XIX фарҳангшиносон ба доираи илмӣ ворид намудаанд, ки он дар ибтидо ҷорӣ намудани унсурҳои як фарҳанг ба фарҳанги дигароро ифода менамуд. Сипас, дар аввалҳои асри XX муҳаққиқи австрягӣ А.И. Шумпетер мафҳуми «инноватсия»-ро ҳамчун категорияи нави иқтисодӣ ба доираи илмӣ ворид карда, зери ин мафҳум тағйирот ҷиҳати ҷорӣ ва истифода бурдани навъҳои нави молҳои истеъмолӣ, воситаҳои нави истеҳсолӣ, бозорҳои нав ва тарзу усулҳои нави ташкили фаъолият дар соҳаи саноатро маънидод кард. Баъдтар, доираи истифодаи мафҳуми «инноватсия» боз ҳам

васеътар гардида, дар фалсафа, психология, педагогика, сотсиология ва илмҳои дигар мавриди истифодаи қарор гирифт.

Муҳаққиқ С. Шосаидзода (С. Шосаидов) дар заминаи таҳлили адабиёти илмии фалсафӣ, сотсиологӣ ва психологӣ ду услуби тафсири (шарҳу эзоҳи) моҳияти инноватсия ва фаъолияти инноватсиониро ҷудо намуда, зикр менамояд, ки «ҷонибдорон ва муҳаққиқони услуби якум, пеш аз ҳама, файласуфон ва сотсиологҳо буда, ба андешаи онҳо, фаъолияти инноватсионӣ шакли олии навшавии (эҳёи, таҷдиди) материя мебошад.

Услуби дуюм нисбатан маъмултар буда, тибқи он фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун маҷмуи равандҳо дар ҳама гуна соҳаҳои фаъолияти инсон арзёбӣ мегардад, ки натиҷаи он бунёди арзишҳои моддӣ ва маънавиест, ки бо хусусияти навгонии худ фарқ мекунанд».

Тибқи услуби дуюм новатсия ҳамчун натиҷаи фаъолияти эҷодии (илмӣ, бадеӣ, техникӣ ва ҳоказо) инсон арзёбӣ мегардад. Дар қаринаи услуби фаъолиятӣ (деятельностный подход) фаъолияти инноватсиониро иқтисодиёт, менеҷмент, маркетинг, психология ва илмҳои дигар мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор додаанд [43, с. 10].

Имрӯз таърифи ягонаи истилоҳи «инноватсия» ба назар намерасад. Он бо дарназардошти хусусиятҳои ҳар як соҳаи дониш ва амалия ба таври хос тафсир шудааст. Дар фалсафа мафҳуми «инноватсия» ҳамчун навгонӣ, дар соҳаи равоншиносӣ ҳамчун таҳия ва татбиқи ҳар гуна навгонӣ, ки таҷрибаи иҷтимоиро бо дигаргуниҳои азим ғанӣ мегардонад, арзёбӣ гардидааст. Дар соҳаи иқтисодиёт мафҳуми «инноватсия» маънои ҷорӣ намудан ё маблағгузорӣ барои ворид намудани технологияи нав, тарзу усулҳои нави ташкили меҳнат дар истеҳсолот ва идоракунии тамоми соҳаи истеҳсолиро ифода мекунад. Дар соҳаи маркетинг истилоҳи мазкур маънои ба бозор баровардани маҳсулот ва хизматрасониҳои нав, дар менеҷмент натиҷаи ниҳоии фаъолияти инноватсионӣ дар шакли маҳсулоти такмилёфта ё нав, муносибати нав нисбат ба роҳандозии хизматрасониҳои иҷтимоӣ истифода

бурда мешавад. Албатта, бо мурури пешрафти илму амалия маънии истилоҳи «инноватсия» низ дар соҳаҳои гуногун тағйир ва такмил хоҳад ёфт.

Ба андешаи С. Шосаидзода, «сарчашмаи фаъолияти инноватсионӣ илҳоми эҷодии инсон аст. Пайдоиши инноватсияҳо ин натиҷаи саъю талоши инсон баҳри такомули фаъолияти мавҷуда, бартараф намудани тазод байни ҳолати (вазъияти) мавҷуда ва дилхоҳ мебошад» [43, с. 12].

Дигаргуниҳои куллии ҷомеаи муосир на танҳо боиси тағйирот дар соҳаҳои иқтисодиёту иҷтимоиёт, илму маориф ва фарҳанг, балки дар соҳаи китобдорӣ низ гардида, барои созгор шудани он ба талаботи рӯзафзуни истифодабарандагони иттилоот ва дар маҷмуъ, қонуниятҳои инкишофи ҷомеаи муосири иттилоотӣ заминаҳои мусоид фароҳам меоранд. Масалан, танҳо воридоти технологияҳои муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ вазъи соҳаро ба куллӣ тағйир дода, дар натиҷа раванди куҳнаву фарсудашавӣ ва корношоям гардидани технологияҳои мавҷуда вусъат ёфт. Вобаста ба ин, китобхонаҳои тамоми зинаҳо (китобхона-филиалҳои деҳотӣ, китобхонаҳои ноҳиявӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, миллӣ) ногузир, барои устувор нигоҳ доштани мақоми иҷтимоӣ ва иҷрои самараноки рисолату функсияҳои хеш барои ҷорӣ намудани инноватсияҳо манфиатдор мебошанд.

Аз ин рӯ, зарурати асосноксозии назариявии истилоҳи «инноватсияҳои китобдорӣ» аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми китобхонашиносии муосир арзёбӣ мегардад. Бояд зикр намуд, ки асосҳои назариявии инноватсияҳоро дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ инноватикаи китобдорӣ меомӯзад. Дар раванди ташаккул ва рушди инноватикаи китобдорӣ олимону мутахассисони рус М.И Акилина, М.Г. Анисимова, С.А. Бражникова О.В. Ветчанова, Н.Л. Голубева, А.А. Графова Е.Н. Гусева, Е.Ю. Елисина, Н.С. Карташов, Е.Ю. Качанова, Е.С. Мартин, И.Ю. Матвеева, С.Г. Матлина, О.А. Ратникова, Е.В.Романова, С.С. Серейчик, Н.А. Толканюк, Д.М. Сукерблат, Н.Т. Чуприна ва дигарон саҳми назаррас гузоштаанд.

Агарчи дар адабиёти илмӣ ва публитсистӣ мафҳуми «инноватсия» бештар ба назар мерасад, вале доираи истифодаи мафҳуми «инноватсияи китобдорӣ» нисбатан маҳдуд аст.

Мусаллам аст, ки муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи китобдорӣ мафҳуми «инноватсия» ва «инноватикаи китобдорӣ»-ро вобаста ба мавзуи таҳқиқоти худ шарҳу эзоҳ медиҳанд, аз ин рӯ, дар байни онҳо оид ба ин ду мафҳум ақидаи ягона вуҷуд надорад.

Масалан, дар луғати «Библиотечное дело: терминологический словарь» мафҳуми «инноватсия» чунин тафсир шудааст: «Навсозии маҳсулот ва хизматрасониҳое, ки китобхона, технологияҳои он, шакл ва методҳои идоракунии он бо мақсади нигоҳдошт ва такмили имиҷи муосири он, сифати хизматрасонӣ, рақобатпазирӣ дар байни дигар китобхонаҳо анҷом медиҳанд» [14, с.45].

Дар қомуси китобдорӣ (Библиотечная энциклопедия / Рос. гос б-ка.- М.: Пашков дом, 2007.- 1300 с..: илл.) шарҳи зерини мафҳуми «инноватсияи китобдорӣ» ба назар мерасад: «инноватсияи китобдорӣ ин ғоя, методика, лоиҳаи асил, ғайристандартии аз қоидаву анъанаҳо ва шаклҳои мавҷудаи кор берун аст, ки муносибати нав нисбат ба мундариҷа, ташкили хизматрасонии китобдорӣ, технология ва идоракунии китобхонаро инъикос менамояд. Инноватсия дар маҷмуъ, рушди китобхонаро таъмин намуда, ё ба сифат ва самаранокии унсурҳо, инчунин, равандҳои фаъолияти он таъсири мусбат мерасонад» [16, с. 409].

Муҳаққиқи варзидаи соҳаи инноватикаи китобдорӣ Е.Ю. Качанова зикр намудааст, ки «инноватсия ин натиҷаи ниҳоии фаъолияти ақлонии мутахассисон дар шакли объектҳои нав аст, ки аз объектҳои пештара бо хосиятҳои нав фарқ дошта, предметонида (ашёкунонида) шудаанд» [23, с. 311].

Муҳаққиқ Е.Н. Гусева инноватсияҳоро ба фаъолияти эҷодии китобдорон алоқаманд маънидод карда, таъкид мекунад, ки «инноватсияҳо ба маънои

иҷтимоӣ ин ихтирооти берун аз нақша ва (ё) ихтирооти асил, маҳсули фаъолияти навоваронаест, ки ба эҷодиёт асос ёфтааст» [71,с.111].

Гурӯҳи дигари олимон мафҳуми мазкурро ба дигаргуншавии сатҳу сифати фаъолияти китобдорӣ-иттилоотӣ алоқаманд ҳисобида, зикр намудаанд, ки «инноватсияи китобдорӣ» - ин намунаи ҷорикардашудаи фаъолият, маҳсулот, хизматрасониҳоест, ки дорои сифати навгонии мутлақ ё нисбӣ мебошад; онро аз доираи суннатҳои азбаршуда берун баромадан; ба сатҳи усулан беҳтаршуда ё сифатан нав баровардани фаъолият маънидод кардаанд» [71, с.91].

Агар тамоми андешаҳои баёншударо натиҷагирӣ намоем, метавон зикр намуд, ки аксарияти кулли онҳо нуктаи ратсионалӣ дошта, истифодаи онҳо вобаста ба предмети таҳқиқ ба мақсад мувофиқ аст.

Барои таҳқиқоти мо, шарҳи мафҳуми «иноватсияи китобдорӣ», ки дар қомуси китобдорӣ инъикос ёфтааст, бештар мувофиқат мекунад, зеро дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ танҳо ҳамон дигаргуниро метавон инноватсия номид, ки барои беҳтаршавии иҷрои уҳдадориҳои функсионалии китобхона, кормандони он, беҳтар шудани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ, афзудани шумораи истифодабарандагони китобхона, рақобатпазаир ва баланд гардидани имиҷи китобхона мусоидат карда тавонад.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини инноватсияи китобдорӣ ин муайян намудан ва ҷорӣ кардани ҳамон фишангҳои идоранамоӣ мебошад, ки рушди дарозмуддат ва бардавоми китобхонаро таъмин карда тавонанд.

Тавре ки борҳо таъкид гардид, аксаран, омӯзиш ва татбиқи инноватсияҳо дар фаъолияти китобхонаҳо аз сатҳи салоҳиятнокии касбии китобдорон, ташаббусҳои эҷодӣ ва фарҳанги инноватсионии онҳо вобаста аст.

Аммо баъзан ҳолатҳое низ ба назар мерасад, ки дар китобхона ё маҷмуи китобхонаҳо шумораи кормандони соҳибкасбу собиқадор зиёд аст, вале дар

муассиса кӯшиши навҷӯӣ, ягон ташаббуси эҷодӣ ва навгонӣ ба назар намерасад.

Муҳаққиқ С. Шосаидзода вазъи фазои инноватсионии соҳаи китобдорӣ дар Тоҷикистонро мавриди омӯзиш қарор дода, зикр менамояд, ки «ангезаи фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ на омили касбӣ ва масъулияти иҷтимоӣ, балки омилҳои берунаи зерин гардиданд: тағйир ёфтани низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ, бозсозии иқтисодӣ; ҷанги шаҳрвандӣ; дигаргун шудани фазои ахлоқӣ ва маънавии ҷомеа; омода набудани аксарияти аҳолӣ, аз ҷумла китобдорон ба муносибатҳои нави бозорӣ» [43, с.27]. Ба андешаи ӯ, «таъсири се омили аввал ба навгониҳои китобдорӣ то ҳаддест, ки ба тафсилот эҳтиёҷ надорад. Аммо омили охирин дар соҳаи китобдорӣ дорои хусусиятҳои хос буда, қабл аз ҳама, ба тавсифи синнусолии китобдорон вобаста мебошад» [43, с.27].

Гурӯҳи дигари олимон омили асосии монеасози раванди ҷорӣ намудани навгониҳоро дар соҳаи китобдории аксарияти мамлакатҳои пасошуравӣ маблағгузории маҳдуд, таваҷҷуҳи нокифояи намояндагони бизнеси иттилоотӣ ва сохторҳои тиҷоратӣ нисбат ба мушкилоти китобхонаҳо арзёбӣ мекунанд [30, с.88].

Ба ақидаи сотсиологҳо ба касби китобдорӣ (дар қиёс бо дигар шуғлҳо) беҳаракатӣ, беташаббусӣ (ҳолати инертсионӣ) бештар хос аст. Аз ҷониби дигар, шуғли китобдорӣ нисбат ба касбҳои дигар, махсусан, он касбҳое, ки ҷавонон дар шароити муносибатҳои бозорӣ барои аз худ кардани онҳо майли бештар доштанд, дар байни категорияи номбурда маъруфият надорад. Ба ибораи дигар, дар бозори меҳнати касби китобдорӣ рақобат нисбатан кам аст. Кам будани маоши китобдорон, маҳдуд будани доираи имтиёзҳои иҷтимоӣ ва боз чандин омилҳои дигар ҷолибияти касби китобдориро дар байни ҷавонон - онҳое, ки дар қиёс ба насли калонсол нисбат ба навгониҳо майлу ҷуръати бештар доранд, коҳиш дода, ба ин васила ба устувории ҳайати китобдорони синну солашон калонсол – онҳое, ки ба фаъолияти якмаром одат кардаанд, мусоидат менамояд. Чунин вазъият ба манфиати кор нест.

Таҳқиқоти озмоишии мо нишон дод, ки 18 фоизи китобдорони ҷумҳурӣ барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода нестанд, ба андешаи 22,3 фоизи онҳо инноватсияҳои китобдорӣ фаъолияти муназзами китобхонаҳоро халалдор месозанд, 26,3 фоиз китобдорон тарзи анъанавии фаъолияти китобхонаро афзалтар мешуморанд. Барои маълумоти бештар нигаред ба расмҳои 1, 4 ва ҷадвалҳои 4, 5, 6.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои фароҳам овардани фазои мусоиди инноватсионӣ дар соҳаи китобдорӣ, махсусан, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, қабл аз ҳама, азнавсозии зина ба зина ё ба ибораи С. Шосаидзода «азнавсозии батадриҷ»-ро ҷорӣ намудан мувофиқтар мебошад. [43].

Олимон ду намуди монеҳои психологиеро ҷудо намудаанд, ки раванди ҷоришавии навгониҳоро халалдор мекунанд: когнитивӣ (аз лотинӣ cognitio ба маънои дарк, фаҳмидан; психол., фалсафӣ – идрок) ва танзимгаро. Монеаҳои когнитивии психологӣ ҳангоми мавҷуд набудани донишҳои муайян дар бораи навгонӣ, ҳис ё дарк накардани навгонӣ зуҳур ёфта, боиси ***муқобилияти ғайрифаъол*** мегарданд. Монеаҳои танзимгарои психологӣ бошад, дар ҳисси нобоварӣ нисбат ба нававар, роҳбарият, ва худи навгонӣ зуҳур ёфта, аксаран, боиси ***муқобилияти фаъол*** нисбат ба навгонӣ мегарданд. [165**].**

Дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ мо ба ҳар ду намуди монеҳои психологие, ки раванди инноватсиониро халалдор мекунанд, дучор меоем.

Бинобар ин, омили муҳим ва таконбахши ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар соҳаи китобдорӣ ин мусоидат ба раванди дарки моҳияти онҳо мебошад. Дарки моҳияти инноватсияҳо барои фаҳмидани натиҷаи ниҳоии ҷоринамоии онҳо ва аҳаммияти онҳо на танҳо барои коллективи китобхона, балки барои ҳар як аъзои коллектив, худи нававар ва дар маҷмуъ, ҷомеа зарур мебошад. Зеро ҳама гуна инноватсияи татбиқшуда дар ибтидо ғояи нав, андешаи нав, натиҷаи ягон таҷрибаи тоза аст, ки туфайли ташаббуси китобдори нававар ба омили рушди китобхона табдил меёбад.

Ба ақидаи як зумра олимони китобхонашинос, инноватсияҳои китобдорӣ дорои хусусияти хос: «нармӣ», «ғайриногаҳонӣ» мебошад [43, с. 39]. Шароити пуртазоди ҷомеаи иттилооти муосир тақозо мекунад, ки китобдору китобхона бояд на танҳо навовар, балки дар ошкорнамоӣ, тарғиб ва дастраси истифодабарандагон ва ниҳодҳои иҷтимоӣ гардонидани инноватсияҳо пешсаф бошанд. Маҳз ҳамин рисолати иҷтимоӣ бори дигар зарурати ҳатмии ҷорӣ намудани инноватсияҳоро дар фаъолияти китобхона, махсусан, китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ, ки шумораашон дар қиёс ба дигар китобхонаҳо бештар аст, нишон медиҳад.

Барои он ки мушкилоти раванди ҷорӣ намудани навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бартараф карда шаванд, бояд Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон таҳия гардида, роҳу воситаҳои амалисозии он дар раванди озмоиши таҷрибавӣ санҷида шавад.

Дар мавриди таҳия ва татбиқ гардидани Консепсияи мазкур бояд:

- муносибати китобдорон ва дар маҷмуъ, ҷомеа нисбат ба равандҳои иноватсионӣ дар китобхона тағйир ёбад;

- инноватсияҳои китобдорӣ бояд на танҳо омили муҳимми баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба истифодабарандагон, балки омили муассири рушди устувори китобхонаи алоҳида ва дар маҷмуъ, соҳаи китобдорӣ гарданд;

- стратегияи рушди инноватсионии соҳаи китобдорӣ бояд дар заминаи таҳлили ҳамаҷониба ва пайвастаи тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа тарҳрезӣ гардад;

- лоиҳаҳои ҷудогонаи инноватсионӣ, ки аз ҷониби китобдори алоҳида ё китобхонаи мушаххас таҳия мегардад, бояд фарогири чорабиниҳо ҷиҳати ноил гардидани ба дигаргуниҳои ҳадафманд бошад, ки натиҷаи ниҳои он бунёди низоми нави ҳизматрасонӣ ба истифодабарандагон мебошад;

- истифодаи оқилона ва самараноки неруи инноватсионии китобхона, ки бо шарофати татбиқи Консепсияи мазкур муяссар мегардад, ба рушди

тамоми самтҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии маҳалли хизматрасонӣ таъсири мусбат мерасонад.

## Хулосаи боби якум

Таҳлили асосҳои таърихӣ ва назариявии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо нишон дод, ки он дар давраи муайяни таърихӣ ташаккул ва рушд ёфта, ҳар як марҳилаи он бо моҳияту мундариҷа, вазифа, самтҳо ва хусусияти хоси хеш фарқ мекунад. Чунин таҳаввулот вобаста ба он аст, ки дар хар як шароитҳои мушаххаси таърихӣ рисолат ва функсияҳои иҷтимоии китобхона тағйир меёбанд ва мутобиқ ба он марказҳои методӣ тамоюли таъмини илмӣ-методӣ ва инноватсионии методии фаъолияти онҳоро мутобиқ месозанд. Бо ибораи дигар, ҳар як марҳилаи пешрафти ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии ҷомеа дар назди китобхона вазифаҳоеро мегузорад, ки онҳо ногузир ба мундариҷа ва шаклу намудҳои таъмини инноватсионӣ-методӣ таъсир расонида, сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотиро ба ҳадди талаботи ҷомеа мувофиқ мегардонанд. Ин андешаро таҳлили таҷрибаи марказҳои илмию методии даврони шуравӣ, аз ҷумла дар Тоҷикистон, ҳамчунин, таҳаввулоти фаъолияти марказҳои номбурда дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ ба таври равшан собит намуд.

Оид ба масъалаи зарурат, моҳияту мундариҷа ва самтҳои роҳандозии таъмини методии фаъолияти китобхонаҳо дар марҳилаҳои гуногуни рушди фаъолияти китобдорӣ андешаҳо мухталиф буданд. То миёнаҳои солҳои 60-уми асри XX, ҳангоме ки дар китобхонаҳои калонтарини илмӣ сохторҳои мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ пайдо шуданд, фаъолияти илмӣ ва методӣ аз ҳамдигар то ҳадди зарурӣ ҷудо карда шуда буданд. Яъне, фаъолияти илмӣ ин пешбурди пажуҳишҳои илмӣ аз ҷониби китобхона, фаъолияти методӣ бошад, ин роҳбарии ташкилӣ-методӣ ба фаъолияти китобхонаҳо ба ҳисоб мерафт. Онҳо ду самти мустақилонаи фаъолияти китобхонаҳо ба шумор рафта, амалан, қариб бо ҳамдигар алоқаманд набуданд.

Дар заминаи таҳлили раванди ташаккул ва рушди таҷрибаи таърихии марказҳои бузурги методии китобхонаҳои собиқ шуравӣ, Россия ва Тоҷикистони даврони шуравӣ таҳаввулоти зерини низоми мазкур ошкор карда шуданд:

- ҷустуҷӯйи шаклу услубҳои нави фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба раванди тағйироти сохтори роҳбарии методӣ дар сатҳи умумииттифоқӣ, ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявию шаҳрӣ робитаи мустақим дошт;

- ҳадафу вазифа ва самти расонидани ёрии амалию методӣ ба китобхонаҳо дар замони шуравӣ аз шаклу намуд, рисолат ва функсияи иҷтимоии китобхонаҳо вобастагии амиқ дошт;

- мундариҷаи таъмини илмӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар даврони шуравӣ дар заминаи функсияҳои иттилоотӣ, илмӣ-таҳлилӣ, касбӣ-педагогӣ, машваратӣ, ташкилӣ-идоракунӣ роҳандозӣ гардида буд;

- барои ҳамоҳангсозии фаъолияти марказҳои методӣ дар сатҳҳои шаҳрию ноҳиявӣ иттиҳодияҳои методӣ таъсис ёфта буданд, ки яке аз вазифаҳои асосии онҳо ташкили самараноки кори илмӣ-методӣ ва татбиқи шаклу услубҳои пешқадам ва дар амал санҷидашудаи кори китобхонаҳои намунавӣ ба шумор мерафт.

- дар баробари дастовардҳо раванди таъмини илмӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар замони шуравӣ аз камбудиҳо орӣ набуд ва он, пеш аз ҳама, дар ҷанбаи идеологӣ ва хусусияти маъмурӣ-фармонфармоии он ба таври барҷаста ба назар мерасид.

Омӯзиши интиқодии таҷрибаи низоми ёрии илмӣ-методӣ ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар даврони шуравӣ имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои мусбати он дар раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои Тоҷикистон ба инобат гирифта шуда, ҳамзамон, зимни ҷоринамоии навгониҳо дар ин самт хусусиятҳои хоси китобхонаҳои Тоҷикистон аз мадди назар дур намонанд.

Яке аз омилҳои муҳимми пешрафт ва устувор гардидани низоми ёрии илмию методӣ ба фаъолияти китобхонаҳо дар замони шуравӣ аз он иборат буд, ки тамоми масъалаҳои вобаста ба роҳандозии он дар заминаи натиҷагирии ҷиддӣ аз мусоҳибаҳои тулонии илмӣ оид ба ҷузъиёти он, аз ҷумла масъалаҳои ташкилӣ, асосноксозии пояҳои илмӣ, дастгоҳи истилоҳотии низоми мазкур, муайян намудани моҳият, ҳадафу вазифа ва самтҳои татбиқи он анҷом меёфт. Тавассути баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ мунариҷаву моҳияти мафҳумҳои барои низоми таъмини илмӣ-методии хос ва муҳим, аз қабили «роҳбарии методӣ», «ёрии методӣ», «дастури методӣ», «машварати методӣ», «таъмини инноватсионӣ-методӣ», «навгонӣ», «инноватсия», «навҷӯйӣ», «таҷрибаи пешқадам» аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, ҳудуди семантикии онҳо муайян ва доираи истифодабарии онҳо муқаррар карда шуданд.

Таҳлили ҷанбаҳои таърихӣ ва назариявии низоми таъмини илмӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ собит намуд, ки дар китобхонашиносии ватанӣ нисбат ба таҳқиқи илмии низоми таъмини илмию методӣ ва инноватсионию методӣ ба фаъолияти китобхонаҳо, аз ҷумла китобхонаҳои давлатию оммавӣ таваҷҷуҳи кофӣ зоҳир нагардидааст, ки ин барои эҷоди консепсияи мукаммали илмии ташаккул ва рушди низоми мазкур монеаи ҷиддӣ эҷод намудааст.

Мафҳуми «таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ» падидаи мураккаби гуногунҷанба буда, заминаи муҳимми дастгирӣ барои таъмини раванди такмили сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба аҳолӣ ва вобаста ба он мусоидат ба ҷалби ҳарчи бештари шаҳрвандон ба хониш ва китобхона мебошад.

Дар шароити ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ, воридоти пуравҷи технологияи муосири иттилоотӣ, мураккабшавии раванди хониш ва вобаста ба он дигаргуншавии услубҳои кор бо истифодабарандагони китобхона зарурати вусъати ҳар чи бештари раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро ногузир гардонидааст. Дар чунин шароити

пуртазод, махсусан, афзоиши бемайлони иттилооти илмӣ оид ба касби китобдорӣ, мавқеи китобхона дар ҷомеа, тағйирёбии босуръати функсияҳои иҷтимоии он, мураккабшавии моҳият ва сохтори талаботи истифодабарандагони китобхона нисбат ба иттилоот ҳатто, китобдорони соҳибтаҷриба ба ёрии инноватсионӣ методӣ беш аз пеш ниёз пайдо мекунанд. Китобдори одӣ тамоми тағйироти соҳаро сари вақт муоина карда наметавонад, он ба кумаки фаврӣ, мақсаднок ва босифат ниёз дорад.

Тамоми дигаргуниҳои ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоию иқтисодии ҷомеа бояд дар моҳияту мундариҷаи таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳо инъикос ёбанд, онро ба куллӣ тағйир диҳанд ва ба талаботи марҳилаи мушаххаси пешрафти ҷомеа созгор созанд. Имрӯз таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ наметавонад, ба мисли пештара, бо шаклу услубҳои маъмули замони шуравӣ пеш равад. Он бояд аз нигоҳи суръату сифат, шаклу услубҳо ба куллӣ тағйир ёбад ва ба шароити имрӯзаи муҳити электронӣ ва талаботи хонандаи виртуалӣ ҷавобгӯ бошад.

Дар шароити имрӯза бисёр самтҳои фаъолияти методӣ бояд таҷдид назар шаванд. Дар фаъолияти марказҳои бузурги методӣ бояд самтҳои нав ба монанди пешгӯйӣ карда тавонистани омилҳо ва самтҳои асосии таъмини рушди устувори китобхонаҳои давлатию оммавӣ, идоракунии навгониҳои китобдорӣ, татбиқи ҷанбаҳои маркетингии низоми таъмини инноватсионӣ-методӣ, паблик рилейшнз (таъмини низоми устувори робита бо ҷомеа), роҳу услубҳои ташкилу баргузории таҳқиқоти сотсиологӣ, ташкили раванди коромӯзӣ, курсҳои кӯтоҳмуддати бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, интишори рекламаи нагониҳои соҳаи китобдорӣ ва амсоли инҳо пайдо шаванд ва рушд ёбанд.

Вале муҳимтарин вазифаи низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ аз он иборат аст, ки бояд ҳайти китобхона ва дар маҷмуъ, ҷомеаи китобдорӣ ба ҷустуҷӯ, дарёфт, коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ омода бошад.

Дар заминаи таҳлили заминаҳои таърихию назариявии ташаккули низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ метавон зикр намуд, ки барои ба талаботи замони муосир мутобиқ гардонидани низоми мазкур дар Тоҷикистон бояд:

1. Таҷрибаи пешқадами низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар хориҷи кишвар омӯхта шуда, унсурҳои беҳбарин ва барои татбиқ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи он интихоб карда шуда, пас аз озмоиши таҷрибавӣ барои дар амал ҷорӣ кардан пешниҳод карда шаванд.

2. Барои ҳамгунсозӣ ва стандартсозии низоми истилоҳотии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо силсилачорабиниҳои гуногуни илмӣ, аз ҷумла дар реҷаи он-лайн ташкил ва гузаронида шаванд.

3. Кормандони марказҳои методии тамоми сатҳҳо дорои донишҳои сифатан нав дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, компютерӣ, телекоммуникатсионӣ, васоити муосири алоқа, асосҳои донишҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва салоҳияти баланди инновастсионӣ бошанд.

4. Фаъолияти хадамоти инноватсионӣ-методӣ тадриҷан ба сатҳи нав бардошта шуда, раванди гузариш аз роҳбарии марказонидашудаи илмию методӣ ба таъмини инновасионӣ-методӣ вусъат ёбад.

5. Тавассути шабакаи интернет ба татбиқи шаклу намудҳои ояндадори таъмини инноватсионӣ-методӣ – машваратҳои фосилавӣ, интишори нашрияҳои мукаммалматни инноватсионӣ-методӣ, мултимедиавӣ ва амсоли инҳо таввақҷуҳи бештар зоҳир карда шавад.

6. Дар раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамбастагии ду самти фаъолияти хадамоти методӣ, яъне илмӣ-таҳқиқотӣ ва илмию методӣ таъмин гардад.

7. Барои муоинаи воқеии раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ низоми мониторинги методӣ ба роҳ монда шавад.

8. Дар радифи хадамоти инноватсионию методии буҷетӣ, дар амалияи китобдории ватанӣ тадриҷан унсурҳои маркетингии он мавриди омӯзиш қарор дода шуда, роҳҳои татбиқи онҳо муайян карда шаванд.

# БОБИ II. КОНСЕПСИЯИ РУШДИ ТАЪМИНИ ИННОВАТСИОНӢ-МЕТОДИИ ФАЪОЛИЯТИ КИТОБХОНАҲОИ ДАВЛАТИЮ ОММАВӢ

Дар боби дуюм ҷанбаҳои методологӣ ва назариявии ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шудаанд. Дар зербоби 2.1. зимни баррасии масъалаи ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ қисмҳои асосии Консепсияи мазкур, ғояҳои умдаи он, заминаҳои методологии ташаккули Консепсия – муносибати бонизом, синергетикӣ ва ба шахс равонашуда муайян карда шудаанд. Дар зербоби 2.2. Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳқиқ гардида, зимни он раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар ду сатҳи бо ҳам алоқаманди зерин баррасӣ гардидааст: а) заминаи методологӣ ва б) низоми педагогие, ки дар заминаи методологии мазкур ташаккул ёфтааст. Зербоби 2.3. Ба натиҷагирии озмоиши таҷрибавии амалисозии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо бахшида шудааст. Баррасӣ ва ҳалли мусбати масъалаҳои мазкур, дар маҷмуъ, ба ташаккули матни мукаммал ва табиқи амалии Косепсияи рушди таъмини инновастионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар кишвар мусоидат хоҳад кард.

## 2.1. Ташаккули консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ

Барои ташаккули ҳадафманди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро ҷалби ҳадафманду самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, бояд, пеш аз ҳама, заминаҳои методологӣ ва назариявии он муайян карда шаванд. Зеро методологияи таҳқиқот ба сифати маҷмуи услубҳо, принсипҳо, воситаҳо ва заминаҳои ташкили илмии ҳама

гуна фаъолият, барои дарки қонуниятҳои ташаккул, инкишоф ва таҳаввули фаъолияти китобдорӣ ҷузъи ҷудонопазир ва асосии таҳқиқи илмӣ маҳсуб меёбад.

Дар раванди муайян кардани методологияи таҳқиқ вазифаи мо аз он иборат буд, ки заминаҳои назариявии дарки моҳияти фаъолияти инноватсионӣ-методӣ ва дигаргунсозии амалияи китобхонаҳои давлатию оммавиро дар асоси навгониҳои китобдорӣ муайян карда, тарзу усулҳо ва принсипҳои таҳқиқи проблема ва роҳҳои ҷорӣ намудани навгониҳои китобдориро нишон диҳем. Зеро китобхонаи муосир бояд барои «қабули» дигаргуниҳои муттасил афзоянда дар фаъолияти худ ҳамеша омода бошад. Дарки муҳиммияти ҷорӣ намудани навгониҳо дар китобхона зарурати асосноксозии илмии фаъолиятро барои давраҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнмуҳлат ва дарозмуддат ногузир месозад. Агар фаъолияти китобхона барои давраи кӯтоҳмуҳлат тавассути нақшаҳои ҷорӣ ва барои давраи миёнмуҳлат дар заминаи лоиҳаву барномаҳои гуногун ба роҳ монда шавад, рушди фаъолият барои давраи дорозмуддат, асосан, дар заминаи банақшагирии стратегӣ таъмин карда мешавад.

Маъмулан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди бомарому стартегии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи нишондоди фасли 9-уми «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» (қарори ҲҶТ № 501, аз 30.12.2005) [3] ва як силсила барномаҳои давлатии соҳаи китобдорӣ ба роҳ монда шудааст. Вале бо дарназардошти он ки аз давраи қабули Консепсияи мазкур аллакай қариб 20 сол сипарӣ гардида, аксарияти ҳадаф ва вазифаҳои Консепсия мазкур дар амалия татбиқ шудаанд, зарурати таҳияи лоиҳаи нави санади навбатии стратегии соҳаи фарҳанг, аз ҷумла фаъолияти китобдорӣ ба миён омадааст. Дар мавриди барномаҳои давлатии рушди соҳаи китобдорӣ ҳаминро зикр намудан лозим аст, ки аксарияти онҳо бо нишондоди муҳлати мушаххас барои ҳалли вазифаҳои муайяни соҳа пешбинӣ шуда, як қисми онҳо зина ба зина дар амал татбиқ шуда, барномаҳои амалкунанда - «Барномаи рушди муассисаҳои фарҳангии

Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №115, аз 3.04.2021) ва «Барномаи рушди китобхонаи миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2027» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №515, аз 3.12.2021) асосан, ба ҳаллу фасли масъалаҳои маҷмуии соҳа ё баръакс ба рушди китобхонаи алоҳида бахшида шудаанд. Илова ба ин, дар ин барномаҳо масъалаи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо комилан сарфи назар шудааст.

Аз ин рӯ, таъмини босифат, самаранок ва боэътимоду дарозмуддати рушди инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриде муяссар мегардад, ки, агар раванди мазкур дар заминаи консепсияи илман асоснок ба роҳ монда шавад.

Таҳия ва татбиқи Консепсия фаъолияти муназзаму босуботи тамоми объектҳо ва субъектҳои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро барои давраи дарозмуддат (стратегӣ) кафолат медиҳад. Чунин иқдом дар навбати худ ба раванди устувори ҷорӣ намудани инноватсияҳо на танҳо дар фаъолияти китобхонаҳо, балки тамоми субъектҳои раванди таъмини инноватсионӣ-методӣ таъсир расонида, дар маҷмуъ, ба баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба аҳолӣ мусоидат менамояд.

Таҳия ва татбиқи Концепсия имкон фароҳам меорад, ки номгӯйи хизматрасониҳои иттилоотию библиографӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани инноватсияҳо дар китобхона зиёд карда шавад, доираи таъинот ва имконияти функсионалии онҳо васеъ гардад, сифати онҳо боз ҳам беҳтар ва ба ин васила ба китобхона истифодабарандагони нав ҷалб карда шаванд. Аз ин рӯ, ҳар як китобхона саъй мекунад, ки хизматрасониҳо ва маводди чопию электронии худро рақобатпазир гардонида, имиҷи худро дар бозори иттилоотӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои нави китобдорӣ, ҷустуҷӯ ва истифодаи қарорҳои маркетингӣ, такмили анвои хизматрасониҳои маълумотию библиографӣ, таъсиси воҳидҳои сохтории нави ба талаботи замон ҷавобгӯ мустаҳкам намояд.

Барои он ки татбиқи Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон натиҷаи дилхоҳ диҳад, пеш аз ҳама, он бояд мафҳуми «Консепсия», сипас, сохтори он муайян карда шавад.

Консепсия ё консепт (калимаи лотинии conceptio – низом, маҷмуъ, ҷамъ)- 1) низоми ақидаҳое, ки фаҳмиш ё дарки ягон тамоил ё равандҳоро муайян мекунад; 2) ғоя, андешае, ки асоси ягон асари илмиро ташкил медиҳад [36, с. 349].

Дар қаринаи таҳқиқоти мо мафҳуми «консепсия» ақидаи асосӣ, ғояи роҳнамои таъмини рушди бомаром ва устувору дарозмуддати фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистонро ифода мекунад. Консепсияи мазкур ҳадафи стратегӣ, стратегия ва тактикаи таъмини рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои номбурда ва тамоми субъектҳои дигареро, ки ба раванди мазкур ҷалб карда шудаанд, барои мӯҳлати дарозмуддат муайн мекунад.

Мутобиқи ҳадафу вазифа, фарзияи таҳқиқот ва нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон аз қисмҳои зерин иборат аст:

- мақсад ва вазифаҳои рушди инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- принсипҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- омилҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- самтҳои афзалиятноки рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- захираҳои рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- технологияи таъмини рушди фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои

давлатию оммавӣ.

Таҳқиқи раванди ҷалби китобдорон, махсусан, кормандони марказҳои методӣ ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ асосноксозии заминаҳои назариявию таърихии фаъолияти инноватсионӣ-методии марказҳои методиро тақозо намуд, ки он ба ғояҳои зерин устувор буда, онҳо дар боби якуми рисола ба таври муфассал асоснок карда шудаанд. Ҳаминро низ зикр кардан зарур аст, ки дар мундариҷаи Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар Тоҷикистон бояд ғояҳои мазкур мавқеи барҷаста дошта бошанд:

1. Барои он ки китобхонаи муосир ба талаботи доимоафзояндаи ҷомеаи иттилоотӣ, раванди босуръати ҷаҳонишавии фазои иттилоотӣ ва вазифаҳои ҷомеаи навбунёди Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад, бояд раванди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти он ба пояи илман асосноки методологӣ ва назариявӣ устувор бошад;

2. Ҷараёни пешрафти ҳаёти иҷтимоӣ-фарҳангӣ, рушди илму техника, хусусияти инноватсионии таҳсилоти муосир ба моҳияту мундариҷаи рисолати китобхонаи оммавӣ таъсир расонида, зарурати дар фаъолияти он ҷорӣ намудани дигаргуниҳои инноватсиониро тақозо мекунад;

3. Барои консепти «таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо» мафҳумҳои калидӣ «инноватсия ва «метод» ба шумор меравад ва тавассути онҳо истилоҳоти дигари ба ин намуди фаъолият алоқаманд мавриди таҳқиқ қарор гирифта, минбаъд ба низоми истилоҳотии фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо ворид мегарданд;

4. Аз таҳлилу натиҷагирии андешаҳои гуногуни муҳаққиқони ватанию хориҷӣ оид ба инноватсияҳои китобдорӣ бармеояд, ки онҳо инноватсияҳои китобдориро ҳамчун намунаи озмудашуда ва дар амал ҷорикардашудаи ягон намуд ё самти фаъолият, маҳсулот, хизматрасониҳои дорои сифати навгонии мутлақ ё нисбӣ, аз доираи суннатҳои берун баромадан, ба сатҳи усулан беҳтаршуда ё сифатан нав баровардани фаъолият маънидод кардаанд.

5. Дар соҳаи фаъолияти китобдорӣ танҳо ҳамон дигаргуниро метавон инноватсия номид, ки барои беҳтаршавии иҷрои уҳдадориҳои функсионалии китобхона ва кормандони он мусоидат карда тавонад.

6. Яке аз вазифаҳои муҳимтарини инноватсияи китобдорӣ ин муайян намудан ва ҷорӣ кардани фишангҳои идоранамоиест, ки рушди дарозмуддат ва устувори китобхонаро таъмин карда тавонанд.

7. Ҷараёни таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо пайваста ба рушди муттасил ниёз дорад ва дар раванди он бояд функсияҳои гуногуни фаъолияти методӣ, аз ҷумла функсияҳои таҳқиқотӣ, аналитикӣ (таҳлилӣ), иттилоотӣ, машваратӣ (маслиҳатдиҳӣ), педагогӣ, инноватсионӣ ва ғайра беш аз пеш рушд ёбанд;

8. Аз нуқтаи назари психологӣ дар ҷараёни камолоти касбии китобдорон монеаҳо пайдо мешаванд. Ин монеаҳоро метавон ба сифати омилҳое арзёбӣ намуд, ки метавонанд ба пешрафти фаъолият мусоидат кунанд ва ё баръакс, онро ба ҳадде халалдор кунанд, ки он бе натиҷаи дилхоҳ анҷомад. Аз ин рӯ, барои бартараф кардани монеаҳо китобдор бояд аз неруи худ ва захираҳои муҳити китобхона, ки барои баланд бардоштани сатҳи салоҳияти касбӣ ва инноватсионӣ фароҳам оварда шудаанд, истифода барад. Ҳамин тавр, раванди ҳадафманди бартараф намудани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ ин маънои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсиониро дорад.

Дар ин маврид заминаи методологии таҳқиқ дар сурате муайн карда мешавад, ки, агар посухи саволҳои зерин дарёфт шавад: ҳадафи ниҳоии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ аз чӣ иборат аст? Фаъолияти инноватсионии китобдорон бояд ба кадом самт равона карда шавад? Китобдорон чӣ гуна ба фаъолияти инноватсионӣ ҷалб карда мешаванд? Китобдорон ба чӣ гуна фаъолияти инноватсионӣ ҷалб карда мешаванд? Сатҳи ҷалби китобдоронро ба фаъолияти инноватсионӣ чӣ гуна метавон андозагирӣ кард?

Барои дарёфти ҷавоби саҳеҳ ба саволҳои мазкур ба сифати заминаи

методологии таҳқиқот мо муносибатҳои бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашудаaро интихоб намудем.

Дар натиҷаи интихоби муносибатҳои методологии бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашуда ба мо муяссар гардид, ки:

- омӯзишу баррасии мавзуи таҳқиқотро дуруст ба роҳ монем;
- предмети таҳқиқотро ҳамчун маҷмуи зермавзуъҳои ба ҳам алоқаманд ташаккул дода, онро ҳам дар ҳолати мувозина ва ҳам дар ҳолати рушду такомул таҳқиқ намоем;
- раванди ҷалби китобдоронро ба фаъолияти инноватсионӣ дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба сифати як низоми рушдёбанда асоснок карда, барои татбиқи амалӣ ва рушди ояндаи он тавсияҳои илман асоснок манзур намоем;
- ягонагии Консепсияи назариявӣ ва натиҷаҳои озмоиши таҷрибавиро таъмин карда, барои татбиқи ҳадафманди он дар амалияи китобдорӣ самтҳои афзалиятнок ва шароитҳои мушаххасро муайян созем;
- ба мукаммалии таҳқиқот ноил шавем, ки он моҳияти бонизомро доро мебошад;
- аз нуқтаи назари методҳои мушаххаси назариявӣ боэътимодии натиҷаҳои таҳқиқотро таъмин намоем.

Моҳият ва мундариҷаи муносибатҳои методологии интихобшудаaро ба таври мухтасар шарҳ медиҳем:

**Муносибати бонизом**

Дар ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ муносибати бонизом мақоми аввалро ишғол мекунад. Оид ба моҳияти муносибати бонизом асару мақолаҳои олимони ватанию хориҷӣ О.С. Анисимов, И.В. Блауберг, Н.И. Бондаренко, В.И. Загвязинский, В.В. Краевский, А.Т. Куракин, А.М. Субетто, С. Сулаймонӣ, Ф. Шарифзода, Э.Г. Юдин ва диг. бахшида шудаанд.

Дар таҳқиқоти муосири илмӣ муносибати методологии бонизом ҳамчун

маҷмуи ғояву услубҳои дарки воқеият, омӯзишу амсиласозии воқеият ва ба сифати тамоюли методии тасвиру ташреҳи моҳияту қонуниятҳои рушди объектҳои гуногун ҳамчун низом истифода бурда мешавад. Дар доираи муносибати бонизом объекти таҳқиқ ҳамчун низоми мураккабу динамикии дорои унсурҳо - зернизомҳои зиёде, омӯхта мешавад, ки онҳо бо моҳияти асосии бонизомӣ тавсиф мешаванд. Моҳияти бонизомӣ ҳамчун аломат ва хусусият (хосият) тавассути принсипҳои мукаммалӣ, сохторӣ, иерархии низом ва робатаи мутақобилаи он бо муҳити атроф ошкор карда мешавад. «Ҳамин тавр, имкони тавассути муносибати бонизом оид ба ин ё он объекти педагогӣ гирифтани дониши яклухт ва ё мукаммалро, асосан, бо татбиқи муносибати пурра ба тадқиқоти инфиродӣ ва ташкили тадқиқоти бонизоми объектҳои педагогӣ алоқаманд медонанд» [40, с.72].

Дар доираи таҳқиқоти мо истифодаи муносибати бонизом барои ташаккул ва татбиқи низоми ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ имкон дод, ки:

- унсурҳои сохтории низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва марказҳои бузурги методӣ ба таъмини инноватсионӣ методии чунин намуди фаъолият ошкор карда шуда, он ҳамчун раванди ҳадафманди идоракунии иштироки китобдорон дар фаъолияти инноватсионӣ дар шакли низоми мукаммали функсияҳо, анвои фаъолият ва чорабиниҳои мушаххас баррасӣ гардад;
- робитаи тарафайни низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ бо муҳити инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ таҳқиқ карда шавад;
- принсипҳо ва тарзу усулҳои асосии ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шаванд;
- низоми мушаххаси идорашавандаи таъсиррасон ва шароитҳои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ ва кормандони марказҳои методӣ ба раванди муназзаму устувори таъмини инноватсионию методии чунин намуди фаъолият коркард шавад.

**Муносибати синергетикӣ**

Барои асосноксози раванди ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ мо, инчунин, муносибати методологии синергетикиро низ мавриди истифода қарор додем. «Синергетика» аз калимаи юнонии synergetikos – якҷоя, мутафиққона (аҳлона) амалкунанда пайдо шуда, равияи илмиест, ки дар низомҳои кушодаи (биологӣ, физикию кимиёвӣ ва диг.) робитаи байни унсурҳои сохтор (зернизом)-ро меомӯзад [160].

Тибқи ҷаҳонфаҳмии синергетикӣ, объекти таҳқиқро метавон ҳамчун низоми кушода, мураккаб, рушдёбанда, бемувозинату ноустувор (буҳронӣ), гуногунҷанба ва худ ба худ ташкилёбанда арзёбӣ кард. Аз ҳамин нуқтаи назар, муносибати синергетикӣ бо ғояҳои асосии муносибати бонизом робитаи қавӣ дорад ва дар таҳқиқоти мо онро инкишоф дода, мукаммал мегардонад.

Ба омӯзиши масъалаҳои татбиқи муносибати синергетикӣ дар раванди таҳқиқоти илмӣ асру мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони ватанию хориҷӣ В.А. Аршинов, В.Г. Буданов, Е.Н. Князева, С.В. Кулневич, С.П. Курдюмов, М.Н. Таланчук, В.Г. Виненко, аз ҷумла синергетикаи педагогӣ В.И. Андреев, В.Н. Корчагин, М.Н. Таланчук, О.Н. Федорова, Ф. Шарифзода ва диг. бахшида шудаанд.

Аслан, муносибати синергетикӣ ҳамчун услуби методологӣ ба ғояҳои бонизомӣ, мукаммалии олам ва донишҳои илмӣ оид ба он, умумияти қонуниятҳои рушди объектҳои сатҳашон гуногуни олами моддию маънавӣ, гуногунҷанбагӣ ва ногузирии инкишоф, робитаи амиқи харҷу марҷи тартибот (тасодуф ва зарурат) асос ёфтааст.

Яке аз хусусиятҳои асосии низом аз нигоҳи муносибати синергетикӣ ин номунтазамӣ ва худ ба худ ташкил шудани низом мебошад. Ин маънои онро дорад, ки рушду такомули низом ва гузариши он ба сатҳи нави низомёфта хусусияти гуногунҷанба дошта, он на танҳо дар зери таъсири омилҳои беруна

ва қонуниятҳои тағйирёбии худи низом, балки тавассути қобилияти хоси низом ба худташкилёбӣ ба вуқуъ меояд.

Дар заминаи нуктаҳои асосии муносибати синергетикӣ мо якчанд ғояи муҳимро барои ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ пешниҳод намудаем, ки онҳо дар маҷмуъ, барои татбиқи ин раванд дар амалияи китобдорӣ мусоидат мекунанд:

- низоми ҳадафманди ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавиро ба фаъолияти инноватсионӣ метавон ба сифати объекти таҳқиқе пешниҳод кард, ки он дорои синегризми бонизом мебошад. Ба ибораи дигар, ин низомест, ки ба худташкилёбӣ, ҳудмуҳофизаткунӣ ва худ инкишофёбӣ қодир аст. Низоми мазкурро танҳо тавассути дигаргунсозии ҳадафманди ҷузъиёти (унсурҳои) он, рушди шуморавию сифатии робитаи мутақобилаи миёни унсурҳои низом, фароҳам овардани шароитҳои мусоиди ҷараёни равандҳои иштироки китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар фаъолияти инноватсионӣ идора намудан имконпазир аст;
- сарчашмаи рушди низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ин синегризми (ҳамбастагии) ҷузъиёти дохилии он ва робитаи миёни онҳо ҳам дар сатҳи дохилӣ ва ҳам дар робитаи мутақобилаи беруна бо муҳити инноватсионии китобхона ва, умуман, муҳити инноватсионии соҳаи китобдорӣ ба шумор меравад;
- идоракунии низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва таъмини инноватсионӣ-методии чунин фаъолият аз ҷониби марказҳои методии сатҳашон гуногун дорои хусусияти гуногунҷанбагӣ, серомил (дорои омилҳои зиёд) ва барномарезинашуда мебошад. Дар ин маврид мақсади асосии идоракунии низом ба шахсияти корманди марказиҳои методӣ ҳамчун зернизоми синергетикӣ, иҷтимоӣ ва худинкишофёбанда, ки вазифаи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлати оммавиро ба зимма доранд, нигаронида мешавад;
- низоми таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва ҷалби китобдорон ба чунин намуди фаъолият дорои

хусусияти худташкилдиҳӣ мебошад. Яъне чунин низом имкон дорад худро дар шароити амалияи китобдорӣ инкишоф диҳад. Дар чунин низом кормандони марказҳои методӣ, ки ба тарғибу ташвиқи фаъолияти инноватсионӣ машғуланд, метавонанд дигар субъектҳои фаъолияти китобдориро ҷалб кунанд, таҷрибаи инноватсионии китобдорони ватанию хориҷиро паҳн кунанд, шакҳои иштироки китобдоронро дар равандҳои инноватсионӣ такмил диҳанд ва дар маҷмуъ, ба рушди фаъолияти инноватсионии тамоми самтҳо дар соҳаи китобдории ҷумҳурӣ мусоидат кунанд.

**Муносибати муҳитӣ ё ба муҳит равонашуда**

Истифодаи муносибати муҳитӣ ё ба муҳит равонашударо ҳамчун заминаи методологии таҳқиқоти диссертатсионии мазкур бо он асоснок кардан мумкин аст, ки вай дар заминаи ғояи таҳқиқи объект тавассути робитаи мутақобилаи фаъолона бо муҳити китобхона, яъне бо муҳити китобдорию иттилоотӣ ва библиографӣ баррасӣ мегардад.

«Муҳит аз нуқтаи назари фаъолият (*дар доираи таҳқиқоти мо фаъолияти инноватсионӣ - З.Ш.*) бо он муайян мешавад, ки субъект дар кадом муҳит мебошад, тавассути чӣ тарзи ҳаёти ӯ ташаккул меёбад, ба инкишофи ӯ чӣ таъсир мерасонад?» [40, с. 515].

Оид ба муносибати муҳитӣ асару мақолаҳои мутахассисону муҳаққиқони ватанию хориҷии соҳаи педагогика Г.Ю. Беляев, В.Г. Бочарова, Ю.В. Василев, Е.С. Комраков, М.В. Кларин,Ю.Б. Кулюткин,Л.И. Новиков, В.Д. Семенов, Г.Н. Сериков, В.И. Слободчиков, С. Сулаймонӣ, В.А. Ясвин, Ф. Шарифзода ва диг., инчунин, китобхонашиносони хориҷӣ А.Н. Ванеев, М.Я. Дворкина,Г.Б. Паршукова, С.А. Язова бахшида шудаанд.

Дар энсиклопедияи китобдорӣ мафҳуми «муҳити китобхона» ҳамчун «маҷмуи шароит, унсурҳои дорои хусусияти моддӣ ва маънавӣ, ки дар онҳо хизматрасонии китобдорӣ ҷараён мегирад» ва ба маънои васеъ «ҳамчун ҷузъи муҳити иттилоотию фарҳангии ҷомеа» арзёбӣ гардидааст [16, с.182].

Дар доираи таҳқиқи мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур муҳити

инноватсионии китобхонаро мо ҳамчун ҷузъи муҳимми муҳити иҷтимоию фарҳангии минтақаи мушаххас, натиҷаи робитаи тарафайни китобхонаҳои гуногун, унсурҳои китобхонаи мушаххас ҳамчун низоми фаъол ва рушдёбанда (ҳуҷҷат – абонемент - китобдор - заминаи модию техникӣ) ва тамоми субъектҳои раванди хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ мавриди баррасӣ қарор медиҳем.

Дар доираи чунин фаҳмиш муҳити инноватсионии китобхона дар заминаи робитаи мутақобилаи зернизом - ҷузъиёти гуногуни китобдорӣ, ба монанди амсилаҳои анъанавӣ ва инноватсионии хизматрасонии иттилоотию библиографӣ, стандарту меъёрҳои соҳаи иттилооту китобдорӣ, аз ҷумла стандартҳо оид ба сифати хизматрасонӣ, мундариҷаи омодагии касбии китобдорон, технологияҳои муосири хизматрасонӣ дар китобхона, фазои психологию ахолоқӣ дар он, низоми робитаи мутақобила миёни тамоми кормандони китобхона ва марказҳои таъмини методӣ мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад.

Муҳити созгори инноватсионӣ дар китобхона дар мавриде ташккул меёбад, ки, агар миёни тамоми сохторҳои китобхона ва кормандони он, аз ҷумла ташаббускорону навоварон, барномаву лоиҳаҳои инноватсионӣ, субъектҳои раванди инноватсионӣ робитаву муносибатҳои муайян роҳандозӣ шавад ва раванди татбиқи ҳадафу вазифаҳои рушди инноватсионӣ гардад. Ба андешаи мо, муҳити инноватсиониро ба таври нисбатан васеъ, яъне маҷмуи шароитҳои гуногун, ки ба тамоми субъектҳои раванди инноватсионӣ таъсир расонида, боиси тағйироти сифатию шуморавӣ ва рушди бардавому устувори фаъолияти китобхона мегардад, арзёбӣ намудан мумкин аст.

Ҳамин тавр, барои он ки муҳити китобхона ба воситаи неруманди ташхису тарҳрезии навгониҳои китобдорӣ мубаддал гардад, бояд дар заминаи муносибати муҳитӣ амсилаи низоми маҷмуии амалиёти мақсаднок бо муҳит тарҳрезӣ гардад.

Вобаста ба ин, мо дар асоси методологияи муҳитӣ ғояҳои асосии муносибати муҳитиро барои тарҳрезии низоми ҷалби китобдорон ба

фаъолияти инноватсионӣ ба таври зерин муайян намудем:

- муҳити китобхона омили асосӣ ва таъсиррасони раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва шарти зарурии тағйироти инноватсионӣ дар китобхона мебошад;

- зимни ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ муҳити китобхона бояд ба объекти муҳимми амсиласозии равандҳои инноватсионӣ табдил ёфта, ҳамчун муҳити инноватсионӣ арзёбӣ гардад;

- дар раванди хизматрасонии иттилоотию китобдорӣ робитаи муттасили китобдорон бо муҳити инноватсионии китобхона барқарор мегардад, ки он дар тарҳрезӣ намудани худи муҳит ва паҳн кардани навгониҳои китобдорӣ зоҳир мешавад;

- ҳудудҳои муҳити инноватсионии китобхона тағйирпазир буда, онҳо аз қобилияти китобдорон ҷиҳати роҳандозии муоширату иртибот барои тарҳрезӣ ва паҳн намудани инноватсияҳои гуногун вобаста мебошанд;

- ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ омили муҳимми раванди ташаккули бартарияти рақобатпазири муҳити китобхона дар шароити бозори доиморушдёбандаи иттилоотӣ мебошад.

**Муносибати ба шахс равонашуда**

Асоси методологияи илмии муносибати ба шахс равонашударо низоми бо ҳам алоқаманди мафҳумҳо, ғояҳо, ва тарзҳои амал ҷиҳати таъмин ва дастгирии равандҳои идрок, рушду такомул ва дар амал татбиқ намудани имкониятҳои шахсияти инсон бо дарназардошти тамоми гуногунрангии хусусиятҳои инфиродии ӯ ташкил медиҳад.

Оид ба моҳияту мундариҷа ва татбиқи муносибати ба шахс равонашуда дар раванди таҳқиқи илмӣ асару мақолаҳои К.А. Абулханова-Славская, Ш.А. Амонашвили, Е.В. Бондаревская, Л.С. Виготский, М.Я. Дворкина, М.В. Кларин, А.Н. Леонтев, В.А. Петровский, В.В. Сериков, И.С. Якиманская ва диг. бахшида шудаанд.

Ҳамчун методологияи илмӣ муносибати ба шахс равонашуда дар доираи таҳқиқоти мазкур моро ба омӯзиш ва татбиқи муносибати арзишӣ нисбат ба

китобдор, ҳамчунин, ҳангоми таъсиррасониҳои педагогӣ ҷиҳати ба инобат гирифтани хусусиятҳои равонию шахсии ӯ водор месозад. Маҳз ҳамин бартариятҳои муносибати ба шахс равонашуда ба мо имкон медиҳад, ки дар раванди таҳқиқот масъалаҳои зеринро муайян намоем:

- шароитҳои камолоти шахсии китобдор;
- механизмҳои худинкишофёбию худтанзимкунии китобдор;
- неруи худро дар амал татбиқ карда тавонистани китобдор;
- мутобиқшавии китобдор ба шароитҳои иҷтимоӣ;
- ҳамгироии китобдор бо ҷомеа.

Ғояҳои мазкурро ба таври мукаммал нисбати раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ низ татбиқ кардан мумкин аст. Зеро ҷалби самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар заминаи ба инобат гирифтани фардият, шавқу завқ ва талаботи ӯ, истифодаи механизмҳои худинкишофдиҳӣ, нерую имконияти худро дар амал татбиқ карда тавонистани китобдор имконпазир мегардад. Дар ин маврид шахсияти китобдор ҳамчун субъекти фаъоли раванди инноватсионӣ ва объекти таъсиррасонии ҳадафманд мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Зимни тарҳрезии низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ тавассути истифодаи услуби илмии муносибати ба шахс равонашуда бояд нуктаҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

- барои иштирок дар фаъолияти инноватсионӣ бояд дар ниҳоди китобдор ҳадафҳои аз ҷиҳати иҷтимоию фарҳангӣ арзишманд ташаккул дода шаванд;
- сифатҳои аз нигоҳи инноватсионӣ арзишманди шахсияти китобдоро мақсаднок инкишоф додан лозим аст;
- шароитҳое, ки барои аз худ намудани навгониҳо аз китобдор хусусиятҳои шахсию касбиро тақозо мекунанд, амсиласозӣ шаванд.
- симои касбӣ ва салоҳиятнокии инноватсионии китобдор дар заминаи ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ муайян карда шавад.

Ҳамин тавр, муносибати бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашуда барои барои таҳия ва татбиқи Консепсияи рушди таъмини

инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун заминаи методологӣ хизмат мекунанд.

Зарурати истифодаи муносибатҳои методологии номбурда аз вазифаи хоси онҳо дар ташаккули натиҷаҳои ниҳоии таҳқиқот вобастагии амиқ дорад. Маслан, дар заминаи истифодаи муносибати бонизом ва синергетикӣ асоси умуминазариявии таҳқиқот ташаккул ёфта, пайдарҳамии умумии раванди таҳқиқоти муайян карда шуд, ҳамчунин, амсилаи консептуалии раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ коркард шуд.

Истифодаи муносибати муҳитӣ барои ташаккули заминаҳои назариявию методологии таҳқиқи раванди идоракунии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун падидаи ҳадафманду рушдёбанда ва гуногуномил имкон фароҳам овард.

Муносибати ба шахс равонашуда дар таҳқиқоти мазкур бо мақсади коркарди тактикаи амалӣ, ки барои тарҳрезии механизмҳои мушаххас, технологияҳои идоракунӣ ва маърифатӣ, интихоби методҳо ва шаклҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ лозим мебошанд, мавриди истифода қарор дода шуд.

Барои коркарди заминаҳои методологии Консепсия рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бояд меъёру қоидаҳо ва дастуру муқаррароти арзёбии стратегияи умумии ҳалли вазифаҳо, яъне принсипҳои педагогӣ муайян карда шаванд. Барои коркарди принсипҳои мазкур қонуниятҳое, ки дар ҷанбаҳои алоҳидаи раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ба назар мерасанд, ҳамчун раҳнамо хизмат мекунанд.

Услубҳои илмии муносибати бонизом, синрегетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашударо ҳамчун заминаи методологӣ барои муқаррар намудани қонуниятҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро раванди ҷалби ҳадафманду самараноки китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, истифода бурдан мумкин аст.

Ба услуби илмии муносибати бонизом қонунияти инъикоси робита миёни унсурҳои сохторӣ ва ҷузъиёти функсионалии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ алақамандии зич дорад.

Услуби илмии муносибати синергетикӣ қонунияти рушди шахсияти китобдорро ҳамчун унсури муҳимми худинкишофёбандаи муҳити инноватсионии китобхона асоснок мекунад.

Дар навбати худ, муносибати муҳитӣ ба қонунияти робита миёни имкониятҳои неруи инноватсионии китобдор ва муҳити инноватсионии китобхона дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионии китобдор алоқаманд аст.

Услуби илмии муносибати ба шахс равонашуда ба қонунияте алоқаманд аст, ки робитаи байни механизмҳои алоқаи тарафайни субъект бо субъектро дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионии китобдор инъикос мекунад.

Қонуниятҳои номбурда самтҳои асосии коркарди принсипҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро, ки меҳвари онро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, муайян мекунанд.

Барои дарки моҳияти принсипи педагогӣ хусусиятҳои хоси онро, ки аз ҷониби муҳаққиқ В.И. Андреев муайян карда шудаанд, тавзеҳ медиҳем [12, с. 181].

- принсипи педагогӣ зуҳуротро (рӯйдодро) дар сатҳи зарурӣ инъикос карда, ба саволи дар ҳалли доираи муайяни вазифаҳои педагогӣ то кадом дараҷа ҳадафмандтар амал кардан лозим аст?, ҷавоб медиҳад;

- принсип ба тамоми ҷузъиёту унсурҳои равандҳои китобдорӣ-иттилоотӣ таъсири низомофар мерасонад:

- принсип ҳамчун талаботи меъёрӣ, ба сифати маҳаки муайянсози самаранокии раванди китобдорӣ-иттилоотӣ хизмат мерасонад;

Ҳангоми муайян кардани принсипҳои ташаккули Консепсияи рушди

таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мо мафҳуми «ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ»-ро ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаву мушкилоти фаъолияти инноватсионии китобдор ва бартарафсозиии сабабу омилҳои муқовимат ба фаъолияти инноватсионӣ арзёбӣ мекунем, ки ҳадафи асосии он фаъолгардонии китобдор дар раванди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Манзури мо аз истифодаи мафҳуми «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ, ин, пеш аз ҳама, «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои психологӣ мебошад, ки китобдорро аз ташаббусу эҷодкорӣ, навоварӣ ва ширкати фаъолонаву мақсаднок дар раванди фаъолияти инноватсионӣ бозмедоранд.

Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «монеаи психологӣ», одатан, барои ифодаи мушкилоту монеа ва садҳои психологие, ки барои расидан ба мақсад роҳу равиши инсонро халалдор месозанд, ӯро аз иҷрои вазифа ё ҳалли мушкилот бозмедоранд, истифода бурда мешавад. Ба андешаи муҳаққиқ Р.Х. Шакуров, монеаву мушкилот хусусияти универсалӣ ва доимии ҳаёти инсон ба шумор рафта, ҳамеша ва дар ҳама ҳолатҳое, ки ягон қувва ё ҳаракат новобаста аз моҳияташон бо ҳам робитаи мутақобила доранд, ҷой доранд. Бо дарназардошти он ки монеа хусусияти субъектию объектӣ дорад, вай барои инсони заиф садди рафънопазир ва барои инсони тавоно чунин нест [110, с.12]. Аз таҳлили андешаи муҳаққиқон оид ба мафҳуми «монеа» дар қаринаи рушди фаъолият бармеояд, ки маҳз монеаҳо барои қонеъгардонии мукаммалу босифати талаботи инсон халал мерасонад, ба вусъати фаъолият такон мебахшанд, мундариҷа ва ивазшавии марҳилаҳои фаъолиятро муайян мекунанд. Аз ин рӯ, ҳангоми баррасии марҳилаҳои фаъолияти инноватсионӣ барои бартарафсозии монеаҳо роҳу равиш ва талаботи асосиро муайн кардан мумкин аст.

Агар монеаи психологиро дар доираи муносибати фаъолиятӣ мавриди баррасӣ қарор диҳем, онро метавон ҳамчун «нуқтаи буҳронӣ»-е арзёбӣ кард,

ки рушди фаъолиятро боз дошта, боиси таассуроти эмотсионалӣ мегардад ва барои бартараф сохтани он ба зуҳури фаъолнокии психикӣ мусоидат мекунад.

Барои татбиқи самарабахши нишондоди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва таҳияи принсипи ҷалби китобдорон ба фаъолияти китобдорӣ муайян кардани сабабу омилҳои пайдоиши монеаҳо дар ҳар марҳилаи фаъолият муҳим мебошад.

Дар ин маврид, мо ба амсилаи сохтори динамикии фаъолият, ки аз ҷониби муҳаққиқ Р.Х. Шукуров пешниҳод гардидааст, такя карда, истифодаи онро нисбат ба фаъолияти инноватсионии китобдорон асоснок мекунем.

Тибқи амсилаи мазкур ҳама гуна фаъолият, асосан, аз чор марҳилаи зерин иборат аст: роҳнамоӣ, барномарезӣ, татбиқи барнома ва назоратӣ-тасҳеҳӣ [110, с. 13-14].

***Марҳилаи якуми фаъолият – роҳнамоӣ.*** Он дар зери таъсири монеаи арзишӣ-иттилоотӣ роҳандозӣ мегардад. Хусусияти марҳилаи мазкур камчинии арзиши фаъолияти инноватсионӣ, норасоӣ ё мавҷуд набудани иттилоот оид ба арзишҳои зарурӣ ва имконияти дастёбӣ ба онҳо дар вазъияти мушаххас мебошад. Натиҷаи рафъи монеа амалҳои роҳнамокунанда ба шумор рафта, натиҷаи марҳилаи роҳнамоӣ – таҳияи амсилаи иттилоотию арзишӣ ва, муҳимтар аз ҳама, тарҳрезии ҳадафи пешакии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, талаботи аввалин ҷиҳати рафъи монеа ин дар ҳадди аксар иттиллоъ расонидан ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули арзиши фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

***Марҳилаи дуюм – барномарезӣ***. Мушкилоти халалдоркунандаи марҳилаи мазкур монеаи сохторию иттилотӣ мебошад, ки дар шакли номуташаккилии иттилоот, мавҷуд набудани нақшаи амал ва ҳадафу вазифаҳо зуҳур ёфта, бартарафсозии онро фаъолияти лоиҳасозӣ ногузир месозад. Аз ин рӯ, натиҷаи марҳилаи мазкур таҳияи нақшаи амалиётест, ки барои расидан ба мақсад мусоидат мекунад. Талабот нисбат ба рафъи монеа дар ин марҳила ин мавҷудияти мақсади мушаххаси фаъолияти инноватсионӣ

ва барномаи ноил шудан ба он мебошад.

***Марҳилаи сеюм- татбиқи барнома***. Марҳилаи мазкур аз амалҳое иборат аст, ки барои иҷрои онҳо монеаи предметӣ-маърифатӣ боис мегардад. Дар ин марҳила боварӣ ҷиҳати ноил шудан ба мақсад устувортар гардида, вазифаҳое мавриди иҷро қарор мегиранд, ки дар барнома инъикос ёфтаанд, вале дар баробари ин, монеаҳое пайдо мешаванд, ки бартараф кардани онҳо душвор ё тамоман имконнопазир аст. Чунин вазъият боиси қатъ гардидани фаъолият ва яъсу ноумедӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои идома додан ё вусъат бахшидан ба фаъолияти инноватсионӣ оид ба предмети фаъолият донишҳои когнитивӣ (аз калимаи лотинии cognitio- дониш, идрок, марбут ба маърифат) лозиманд, яъне донишҳое, ки ҷиҳати истифодаи иттилооти ҳамарӯза аз муҳити атроф воридшуда ба хотир гирифтан, истифода бурдан, мантиқан фикр кардан ва хулоса баровarданро талаб мекунад. Бинобар ин, талаботи сеюм барои бартараф кардани монеаҳо аз он иборат аст, ки китобдор бояд оид ба тарзу воситаҳои фаъолияти инноватсионӣ донишҳои муосирро аз худ намояд ва соҳибмаърифат бошад.

**Марҳилаи чорум – назоратӣ-тасҳеҳӣ.** Новобаста аз он ки китобдор дар тамоми давраи фаъолият амалҳои худ ва натиҷаҳои онро назорат, арзёбӣ карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ ба онҳо ислоҳот ворид мекунад, вале ҳолатҳои мушоҳида мешаванд, онҳо ба талаботи барнома муовофиқат намекунанд. Бинобар ин, номувофиқатии натиҷаҳои фаъолият нисбат ба талаботе, ки дар барнома инъкиос ёфтаанд, зарурати тай намудани марҳилаи мазкурро тақозо мекунад. Вобаста ба ин, талаботи чорум ҷиҳати бартараф сохтани монеаҳо – мавҷудияти малакаҳои худназораткунӣ, дар субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Аслан, раванди бартарафсозии монеаҳо ба ҷараёни ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ вусъат мебахшад. Аз ин рӯ, ба андешаи мо, барои баланд бардоштани самаранокии ҷараёни мазкур талаботи ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро дар ду сатҳи зерин муайян кардан лозим аст: идоракунии камолоти шахсияти китобдор ва идоракунии китобхона.

Муқоисаи талаботи мазкур ба мо имкон медиҳад, ки принсипҳои муҳимтарини ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро муайян кунем.

Заминаи ҳамгирой барои муайян кардани принсипҳо мафҳуми «идоракунӣ» ба шумор меравад.

Вобаста ба ин, муҳаққиқ В.И. Андреев зикр намудааст, ки «самаранокии фаъолият ва рушди низоми педагогӣ, ба мисли ҳама гуна низом, дар тамоми сатҳҳои раванди педагогӣ мустақиман ба самаранокии идоракунии он мутаносиб аст» [12, с.181].

Дар заминаи таҳлили андешаи муҳаққиқон метавон **присипҳои** зерини ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро ҷудо кард:

- идоракунӣ;

- худинкишофёбии касбӣ: худинкишофдиҳӣ, худфаъолиятӣ, рефлексивӣ;

- фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити инноватсионии китобхона;

- идоракунии раванди худидоракунии китобдор (субъекти фаъолияти инноватсионӣ).

Мавриди зикр аст, ки принсипи педагогии идоракунӣ дар заминаи мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, бамеъёрдарорӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва тасҳеҳ татбиқ мегардад. Барои мақсадгузори танҳо донистани талаботи воқеии ҷомеа кофӣ нест, барои ин ҳадафи стратегии фаъолияти идоракуниро бо хусусиятҳои фардӣ тавъам сохтан лозим аст. Яъне дар китобхона шароитеро фароҳам овардан лозим аст, ки мақсадҳои марбут ба камолоти шахсии китобдорон бо ҳадафҳои рушди китобхона мутобиқат кунанд.

Мавҷудияти нақшаҳои инфиродии камолоти китобдорон, дурнамои рушд ва ҷории китобхона имкон медиҳанд, ки фаъолияти инноватсионии китобхона ҳамоҳанг сохта шуда, ба самти расидан ба ҳадафи ниҳоии инноватсионӣ равона карда шавад.

Барои он ки фаъолияти инноватсионии китобхона самаранок бошад,

корро бояд тарзе ба роҳ монд, ки амалҳои тамоми субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ҳамоҳанг бошад, китобдорон барои амалҳои инноватсионӣ омода, ба муҳиммияти иҷрои онҳо боварӣ ва, муҳимтар аз ҳама, ҳавасманд бошанд. Бинобар ин, дар ин самт машваратдиҳӣ, истифодаи воситаҳои гуногуни ҳавасмандгардонӣ, арзёбии натиҷаҳои марҳилавии фаъолият муҳим мебошанд.

Барои он ки назорати раванди фаъолияти инноватсионӣ осон шавад, коркарди ***меъёрҳои*** арзёбии натиҷаҳои фаъолияти инноватсионии китобдорон бағоят муҳим мебошад.

Назорати ҷараёни фаъолияти инноватсионии китобдорон барои он зарур аст, ки дар заминаи иттилооти асоснок мо сатҳи мутобиқати мақсад ва натиҷаҳои бадастомадаро муайян карда, дар лаҳзаҳои зарурӣ ба фаъолияти оянда тағйироту иловаҳо ворид карда метавонем.

**Принсипи худтакмилдиҳии касбӣ** ба бартараф кардани монеаҳо ва рушди самараноки фаъолияти инноватсионии китобдорон мусоидат карда, китобдоронро ба барои камолоти касбӣ ҳавасманд мегардонад. Вобастагии камолотии шахс аз худомӯзӣ аз ҷониби муҳаққиқон кайҳо собит гардидааст. Ба андешаи як зумра муҳаққиқон, аз ҷумла Е.И. Исаев, В.И. Слободчиков омили вақт - синну сол, собиқаи корӣ, мансаб, таҷрибаи корӣ, меъёри асосии рушду камолот маҳсуб намеёбад. Яъне раванди худинкишофёбии китобдор на танҳо аз омили вақт, балки аз қобилияти худро дигаргун кардан, тағйир додан, ба зинаи навбатии камолот расидан вобаста аст [35, с. 145].

Илова бар ин, фард худро ба таври воқеӣ дар маҳсули меҳнати хеш амалӣ месозад ва тавассути он зуҳур, камол ва ташаккул меёбад, ки онро мо принсипи худфаъолиятӣ номидаем. Он дар раванди фаъолияти инноватсионӣ китобдорро ба зоҳир намудани қобилияти пажуҳишӣ раҳнамун месозад. Вале, дар баробари ин, асоси худинкишофёбии шахсияти китобдорро назорати доимӣ, арзёбии амалҳо ва худро ҳамчун субъекти фаъолияти инноватсионӣ дарк карда тавонистан ташкил медиҳад. Чунин қобилият дар заминаи тафаккури рефлексивӣ ва саъю талоши ботинии китобдор муяссар

мешавад. Мафҳуми «рефлексия» (аз лотинӣ reflexio – муроҷиат, инъикос), ки барои ифодаи амалҳои худшиносӣ, худро дарк карда, худтаҳлилкунӣ, ҳудбаҳодиҳӣ, худинкишофёбӣ ва амсоли инҳо истифода бурда мешавад. Ба ибораи дигар, рефлексия ин нигоҳи инсон ба ботини худ, таҳлили фикру андеша ва амалҳои худ ва таҷдиди назар намудани онҳо аст.

Рефлексия ҳамчун омили худинкишофёбии китобдор ҳамон вақт оғоз меёбад, ки, агар китобдор аз шаклу усулҳои пешинаи кор изҳори норозигӣ ва ғайриқаноатбахшӣ карда, тибқи қолабҳои қаблӣ кор кардан намехоҳад.

Ҳамин тавр, дар маҷмуъ, татбиқи амали принсипҳои мазкур имкон медиҳад, ки барои фаъолияти инноватсионии китобдор заминаҳои воқеӣ фароҳам оварда шавад.

**Принсипи фаъолгардонии неруи инноватсионӣ дар муҳити инноватсионии китобхона.** Тибқи талаботи принсипи мазкур китобдор ин субъекти фаъоли фаъолияти инноватсионӣ ба шумор рафта, муҳити китобхона падидаест, ки ташаккул ва рушди неруи инноватсионии ӯро таъмин мекунад. Ба андешаи мо, маҳз муҳити инноватсионии китобхона ба китобдор имкони худтатбиққуниро фароҳам меорад. Аз ин рӯ, дар раванди робитаи мутақобилаву мақсадноки тамоми унсурҳои муҳити инноватсионии китобхона барои китобдор имконияти воқеии дарки муҳиммият ва талабот нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ ташаккул меёбад.

**Принсипи идоракунии раванди худидоракунии китобдор (субъекти фаъолияти инноватсионӣ).** Принсипи мазкурро муҳаққиқ Н.В. Самсонов ҳангоми ташаккули фарҳанги низоъшиносии мутахассис истифода бурдааст. Номбурда ин принсипро ҳамчун низоми нишододи меъёрӣ, ки ба самти мақсадноки амали субъект, мавқеи касбии ӯ дар ҳалли вазифаҳои мушаххас ва ташаккули фарҳанги низоъшиносии мутахассис равона гардидааст, мавриди баррасӣ қарор додааст [34, с. 92].

Таҳқиқоти Н.В. Самсонов барои мо аз он нуқтаи назар муҳим аст, ки муҳаққиқ принсипи идоракунии худидоракуниро на танҳо нисбат ба шахсияти хонанда ё коллективи хонандагон, балки нисбат ба шахсияти

омӯзгор ва коллективи омӯзгорон истифода бурдааст. Ба андешаи мо, принсипи идоракунии раванди худидоракунӣ барои истифода дар раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҷавобгӯ мебошад, зеро он барои таъмини самаранокии раванди мазкур равишҳои амали китобдорро муайян карда метавонад. Вале барои иҷрои талаботи принсипҳои мазкур мо бояд равишҳои татбиқи принсипҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро муайян кунем. Раванди татбиқи равишҳои мазкурро мо бо пайдарҳамии зерин ҷудо кардем:

*Равиши 1.* Барои фаъолгардонии принсипҳои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ бояд дар китобхона барои ташаккули арзишҳои фаъолияти инноватсионӣ шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шуда, китобдор барои ташаббус ва фаъолияти эҷодӣ ҳавасманд гардонида шавад.

*Равиши 2.* Барои мақсадгузорӣ ва барномарезии фаъолияти инноватсионии худ ва китобхона китобдор бояд тарзу услубҳои муайянро аз худ намояд.

*Равиши 3.* Вобаста ба ҳадафҳои фаъолияти инноватсионии китобхона китобдор бояд нақшаи такмили ихтисос ва худомӯзии худ ва коллективи китобхонаро тарҳрезӣ кунад.

Равиши 4. Фаъолияти худ ва фаъолияти коллективии китобхонаро таҳлил карда, малакаҳои фаъолияти рефлексивӣ ва худназораткуниро аз худ намояд.

Равиши 5. Дар фаъолияти китобдор бояд услубу воситаҳои идоракунии ғайримустақим ва дурнамо бартарият дошта бошанд, тарзи муошырати ӯ хайрхоҳона, озод бошад, дар байни ҳамкорон руҳияи қуввваозмоӣ ва рақобатпазириро дастгирӣ кунад.

Равиши 6. Аз фазои инноватсионии китобдорӣ дар ҷумҳурӣ огоҳ бошад, навгониҳои китобдориро тибқи аломатҳои муайян тасниф карда, оид ба навгониҳои китобдорӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои дигар пойгоҳи маълумотро ташаккул дода тавонад.

Равиши 7. Аз уҳдаи тарҳрезии лоиҳаҳои гуногуни инноватсионӣ

баромада тавонад, омилҳои пайдоиши монеаҳои раванди инноватсиониро шарҳ дода, роҳҳои бартарафсозии онҳоро нишон диҳад.

Тавре ки аз таҳлил мундариҷаи равишҳои мазкур бармеояд, амалисозии онҳо, бешак, барои бартарафсозии монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар ҳар кадом марҳилаи он мусоидат карда метавонанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқи заминаҳои методологии ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвари онро раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, инчунин, ошкорнамоӣ ва тасвири принсипҳои фаъолияти инноватсионӣ барои коркарди амсилаи консептуалии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ асосҳои назариявиро фароҳам овард.

## 2.2. Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ

Услуби амсиласозӣ (моделирование) дар аксарияти илмҳо, аз ҷумла дар соҳаи педагогика ва китобхонашиносӣ низ ба таври васеъ истифода бурда мешавад. Барои таҳқиқоти мо услуби амсиласозӣ аз он нуқтаи назар муҳим арзёбӣ мегардад, ки он барои ҳамгироӣ ва муттаҳиду ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишӣ (эмпирикӣ) имкон фароҳам меорад. Аслан, амсила (модель) ин объектест, ки ба таври сунъӣ дар шакли нақшаҳо, шаклҳои аломатдор, ки ба объекти таҳқиқ шабоҳат доранд, сохтору моҳият, робитаи байниҳамдигарӣ ва муносибати байни унсурҳои объекти мазкурро дар шакли нисбатан сода ва ба таври умумӣ инъикос ва такрор мекунад [90, с. 61].

Қабл аз оғози раванди тарҳрезии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ хаминро зикр кардан ҷоиз аст, ки амсиласозӣ ҳамчун услуби илмӣ дар таҳқиқоти гуногун, аз ҷумла дар таҳқиқоти соҳаи педагогика ва китобхонашиносӣ истифода бурда мешавад. Барои дарк ва истифодаи мақсадноки услуби

мазкур бояд моҳияти он ҳамчун зуҳуроти бонизоми донишҳо оид ба предмет, функсияҳои он, сохтори он ҳамчун амсила ва робитаи байни унсурҳои сохтории он муайян карда шавад.

Амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, ки меҳвар онро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, ҳамчун зуҳуроти педагогӣ ва китобхоаншиносӣ бояд дар ду сатҳи ба ҳам алоқаманди зерин мавриди баррасӣ қарор дода шавад: 1. Заминаи методологӣ ва 2. Низоми педагогӣ, ки дар асоси ҳамин заминаи методологӣ ташаккул ёфтааст.

Дар сатҳи методологӣ амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар заминаи услубҳои методологии муносибати бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба шахс равонашуда, ки тафсилоти он дар зербоби 2.1. рисола инъикос ёфтааст, баррасӣ мегардад, ки натиҷаи ниҳоии он – баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии инноватсионии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ мебошад. Мусаллам аст, ки дар натиҷаи ноил гардидан ба сатҳи бланди фаъолнокии инноватсионии китобдорон дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ баланд гардида, шумораи истифодабарандагон дар ин китобхонаҳо ба маротиб меафзояд.

Раванди ташаккули амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба қонуниятҳои зерин такя мекунад:

- рушди шахсияти китобдори китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун низоми иҷтимоию фарҳангии худрушдёбанда дар муҳити инноватсионии китобхона ба вуқуъ меояд;

- рушди неруи инноватсионии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ аз сатҳи самаранокии идоракунии захираҳои мавҷудаи китобхона вобастагии амиқ дорад;

- монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ хусусияти субъективию объективӣ дошта, барои бартарафсозии онҳо фаъолияти субъектҳои идоракунанда бояд

ҳадафманд бошад;

- дар раванди бартарафсозии монеаҳои психологии фаъолияти китобдорон ҳангоми ҷоринамоии навгониҳо миёни имкониятҳои неруи инноватсионии китобдорон ва муҳити инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ робитаи қавӣ ва густатанопазир мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, заминаи методологии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун зуҳурот ва низоми педагогии идорашаванда аз инҳо иборат аст:

- *қонуниятҳои* худинкишофёбии китобдор ва низомҳои педагогӣ;

- *услубҳои* методологии муносибати бонизом, муҳитӣ, синергетикӣ ва ба шахс равонашуда;

- *принсипҳое*, ки ба қонуниятҳои худинкишофёбии шахсияти китобдор ва низомиҳои педагогӣ (принсипи идоракунӣ, принсипҳои худтакмилдиҳии касбӣ, принсипи фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити инноватсионии китобхона, принсипи гузариш аз идоракунӣ ба худидоракунӣ).

Фарқияти низом аз ҳама гуна маҷмуъҳои дигар дар он зоҳир мегардад, ки он «дорои сифатҳои нави ҳамгирой мебошад, ки онҳо дар дигар ҷузъиёти таркибии он мавҷуд нестанд, вале ба сифати низом на ҷузъиёт, балки аз бисёр ҷиҳат сохтори он таъсири бештар мерасонад» [51, с. 29].

Зимни баррасии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун зуҳурот ва низоми педагогии идорашаванда мо қисмҳои зерини онро (ҳамчун низом) муайян намудем:

- ҳадафи стратегӣ;

- қисми мундариҷавӣ (ҷавҳари низом-онтологӣ);

- қисми технологӣ;

- қисми натиҷабахш.

Дар низоми мазкур ҳадафи стратегӣ равиши дарозмудати рушд ба шумор рафта, ҷараёни пешрафти китобхонаро муайян мекунад. Агар ҳадафи

стратегиро аз нигоҳи сифат арзёбӣ кунем, он вазъи матлуби низом аст, ки дар тули муддати муайян ба он ноил шудан лозим аст. Бо ибораи дигар, асоси мундариҷавии низом, ки бо мурури инкишофи низом дигаргун мешавад, тағйир меёбад, дар қисми мундариҷавии низом (дар ҷавҳари он) инъикос меёбад.

Қисми технологии низом аз маҷмуи шаклу услубҳо ва воситаҳои идоракунии раванди мазкур, яъне ҷараёни ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ иборат мебошад.

Ҷамъбасти раванди тарҳрезӣ ва татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ин натиҷаи мушаххас аст.

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлилу баррасии муқаррароти умумии мазкур метавон амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро тарҳрезӣ кард.

Қисми мақсадноки амсила ҳамчун низоми педагогӣ дар асоси фармоиши иҷтимоии ҷомеаи тозбунёди Тоҷикистон нисбат ба соҳаи китобдорӣ муайян карда мешавад. Зарурати ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон аз талаботи ҷомеа нисбат ба сатҳи нави камолоти касбӣ ва салоҳияти инноватсионии китобдорон, ки натиҷаи он боз ҳам баланд гардидани сатҳу сифат ва самаранокии хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба аҳолӣ мебошад, бармеояд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯз талаботи ҷомеаи тозаистиқлоли Тоҷикистон нисбат ба азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ беш аз пеш меафзояд. Аз ин рӯ, «вусъат додани раванди ихтироъкорӣ, азхудкунии технологияҳои инноватсионӣ ва ҷорӣ кардани онҳо дар истеҳсолот вазифаи аввалиндараҷаи олимони кишвар маҳсуб меёбад» [169]. Аз ҷониби дигар, фаъолияти инноватсионии китобдор яке аз шартҳои муҳимми камолоти шахсӣ ва худинкишофёбии касбии ӯ ба шумор рафта, дар натиҷа омили муассири тағйироти сифатӣ дар соҳаи китобдорӣ мегардад, ки асоси онро даст кашидан

аз қолабҳои кухна дар фаъолият, дарёфти тарзу усулҳои наву асили ҳалли мушкилоти касбӣ ташкил медиҳад.

Дар заминаи ҳамин андешаҳо мо худинкишофёбии касбии китобдорро, ки ӯро ба қабули қарорҳои инноватсионӣ водор сохта, табдилдиҳии вазъи ҷорию анъанавии китобхонаро ба фазои инноватсионӣ  мақсади ҳамарӯзаи ӯ қарор медиҳад, ҳамчун ҳадафи стратегии Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ муайян намудем.

Тавре ки аллакай зикр гардид, меҳвари Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил дода, он ҳамчун низоми муҳаррик аз ҷанбаҳои зерин иборат аст:

Ҷанбаи якум - идоракунии инноватсияҳо дар китобхона.

Идоракунии инноватсияҳоро дар китобхона мо ҳамчун маҷмуи равандҳои зерин муайян кардем: раванди илмӣ-методӣ ва инноватсионӣ-методӣ ва раванди стратегии ташаккули неруи инноватсионии инсон.

Ҷанбаи дуюм – идоракунии омилҳои муҳити китобхона.  Дар ин маврид мо муҳити инноватсиониро ба сифати шарту шароити амалисозии равандҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва ҳамчун омиле, ки ба раванди ҷалби китобдорон таъсир мерасонад, баррасӣ менамоем. Идоракунии омилҳои муҳити китобхона маънои ташаккул ва рушди унсурҳои зерини таркибии муҳити онро дорад: фароҳам овардани фазои мусоиди иҷтимоӣ-психологӣ, ҳавасмандгардонии навоварону ташаббускорон, дастгирии инноватсияҳо дар сатҳи ташкилӣ-идоракунӣ, таъмини инфрасохтории равандҳои инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ.

Ҷанбаи сеюм – идоракунии захираҳои инноватсионӣ-касбӣ.  Ҷанбаи мазкур тақозо мекунад, ки маҷмуи хусусиятҳои шахсии китобдор, аз ҷумла ташаббус, эҷодкорӣ, навоварӣ, сифат ва дигар қобилиятҳои ӯ, ки самаранокии фаъолияти инноватсиониро таъмин мекунанд, ташаккул дода

шаванд. Ба ибораи дигар, ин маънои ташаккули неруи инноватсионии китобдорро дорад.

Ҷанбаи чорум – бартараф кардани монеаҳои инноватсионӣ аз ҷониби китобдор.

Ба андешаи мо, монеаҳо қисми таркиби фаъолияти инноватсионии китобдор ба шумор рафта, бартарафсозии онҳо ӯро ба самти рушду такомулии шахсию касбӣ, ҳамзамон, ба худинкишофёбии субъекти фаъолияти инноватсионӣ раҳнамун месозанд. Аз ин рӯ, неруи инноватсионии китобдор омили самарабахши раванди бартарафсозии монеа ба шумор меравад. Вобаста ба ин, идоракунии ҳадафманди омилҳои муҳити китобхона ва идоракунии захираҳои инноватсионию касбии китобдор боиси аз байн рафтани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ мегардад.

Бо дарназардошти он ки раванд ***ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ*** меҳвари Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ маҳсуб меёбад, мо бояд моҳияти онро муайян намоем. Ба андешаи инҷониб, *ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ* ин низоми гуногунҷанбаи идорашавандаи равандҳои ҳадафмандест, ки баланд гардидани фаъолнокии инноватсионии китобдоронро дар заминаи робитаи мустақилона ва мутақобилаи барои ҷонибҳо судманд таъмин карда, аз равандҳои идоракунии инноватсияҳо дар китобхона, идоракунии омилҳои муҳити китобхона, идоракунии захираҳои инноватсионию касбии китобдор, бартарафсозии монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва дастгирии психологию педагогии китобдорон иборат мебошад.

Қисми технологии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамчун зуҳурот ва низоми педагогии идорашаванда аз маҷмуи ***амалиёти*** зерин ташаккул меёбад: ташкили муҳити инноватсионии китобхона, ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ ва технологияи консалтинг. Мақсади ҳар як амалиёт ин, пеш аз ҳама, таъмини шароит ва ноил шудан ба натиҷаҳои

мушаххаси ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Амалиёти ташкили муҳити инноватсионии китобхона ба услуби методологии муносибати бонизом ва муҳитӣ асос ёфтааст. Натиҷаи ин амалиёт бартараф намудани моеаи иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ дар зинаи ибтидоии он аст.

Амалиёти ташаккули захираҳои инноватсионию касбӣ ба услубҳои методологии муносибати ба шахс равонашуда ва синергетикӣ асос ёфта, натиҷаи он монеаҳои сохторӣ-иттилоотӣ дар марҳилаи барномарезӣ, предметӣ-маърифатӣ ва татбиқи барнома бартараф карда мешаванд.

***Технологияи консалтинг*** ба услубҳои методологии муносибати ба шахс равонашула ва синергетикӣ асос ёфтааст. Аслан, технологияи консалтинг решаҳои амиқи таърихӣ дошта, аз эҳтиёҷоти як фарди ҷомеа нисбат ба маслиҳати шахси дигар ҷиҳати ба даст овардани донишу таҷрибаи дигарон асос ёфтааст. Консалтинг (аз заб. англисӣ – consulting) маслиҳатдиҳӣ машваратдиҳиро ифода мекунад. Дар адабиёти илмӣ тавзеҳоти гуногуни мафҳуми мазкурро мушоҳида намудан мумкин аст: эзоҳи фишурдаи мафҳуми «колсалтинг», ба маънои хизматгузориҳои машваратӣ вобаста ба ин ё он масъала ва маънои васеи он, яъне консалтинги тамоми самтҳои фаъолият.

Дар соҳаи китобдорӣ, ба андешаи мо, тавзеҳи зерини мафҳуми «колсалтинг» бештар мувофиқат мекунад: «менеҷмент- колсалтинг – намуди фаъолияти зеҳнӣ-касбиест, ки дар ҷараёни он машавaратчии ихтисосманд маслиҳатҳои воқеӣ ва мустақилонае медиҳад, ки ба ҳалли самараноки мушкилоти муассиса мусоидат мекунанд» [26, с. 17 ].

Тибқи технологияи консалтинг фаъолияти инноватсионии китобдор бояд тарзе ба роҳ монда шавад, ки он омили муҳимми оғоз ва рушди минбаъдаи худинкишофёбӣ ва худташкилкунии китобдор, инчунин, фаъолияти муштарки ӯ бо марказҳои илмию методӣ ва инноватсионию методӣ баҳри бартараф кардани монеаҳо дар раванди фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ гардад. Дар натиҷа барои

камолоти шахсӣ ва баланд гардидани салоҳияти касбии китобдор, аз ҷумла салоҳияти инноватсионии ӯ шароитҳои мусоид фароҳам меоянд.

Дар шароити имрӯза, бо дарназардошти таҳаввулоти азим дар соҳаи китобдорӣ, марказҳои бузурги методии сатҳи миллӣ, ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ бояд ба китобхонаҳо хизматгузориҳои зерини колсалтингиро ба роҳ монанд:

- омӯзиши бозори иттилоотӣ;

- дар заминаи натиҷаҳои таҳқиқот (омӯзиш) таҳия намудани лоиҳаҳои алтернативии стратегияи рушди инноватсионии китобхона, муқоисаи самтҳои пуркувват ва заифи лоиҳаҳо;

- ташхиси лоиҳаҳои инноватсионии китобхона;

- гузаронидани консалтинги молиявию ҳуқуқӣ ва кадрии лоиҳаҳои инвеститсионӣ

- коркард ва пешниҳоди захираҳои зарурӣ барои рушди инноватсионии китобхона, ҷустуҷӯ ва дарёфти сарпарастон;

- татбиқи стратегияи рушди иноватсионии китобхона;

- консалтинги равандҳои инноватсионӣ ва мониторинги натиҷаҳои он.

Хулоса, консалтинг – ин таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти китобхона, аз ҷумла фаъолияти инноватсионии он, коркарди тависяҳои илман асоснок оид ба тасҳеҳи амалиёти минбаъда ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи самаранокии идоракунии равандҳои инноватсионӣ мебошад.

Хадамоти консалтингӣ, ки аз ҷониби марказҳои методӣ расонида мешавад, имкон медиҳад, ки фаъолияти инноватсионии китобхона аз самти дигар холисона таҳлил ва ба таври амиқу воқеъбинона арзёбӣ гардида, барои ҳалли мушкилот ва рафъи монеаҳои инноватсионӣ тадбирҳои судманд андешида шаванд. Зиёда аз ин, консалтинг ин на танҳо маслиҳатдиҳӣ ва тавсияву пешниҳодот оид ба фаъолияти инноватсионӣ, балки нишон додани роҳҳои татбиқи онҳо дар амалияи китобдорӣ мебошад.

**Қисми натиҷабахши** амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ самаранокии татбиқи амсиларо инъикос мекунад. Натиҷа ҳамеша бояд дорои

зуҳуроти беруна ва қобили андозагирӣ (ченкунӣ, арзёбии шуморавӣ ва сифатӣ) бошад.

Дар доираи таҳқиқоти мо фаъолнокии инноватсионии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ин натиҷаи ҳавасмандгардонӣ ва ҷалби онҳо ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад, ки он ҳамчун сифати субъекти фаъолияти инноватсионӣ дар омодагии ботинии китобдор ба робитаи мутақобилаи мақсаднок бо муҳити китобхона зоҳир гардида, аз ҷиҳати сатҳу сифат мукаммалии фаъолияти инноватсионии китобдорро таъмин мекунад.

Ба андешаи мо, китобдори аз ҷиҳати инноватсионӣ фаъол ҳамонест, ки:

- барои амалсозии фаъолияти инноватсионӣ ҳавасманд ва омода аст;
- натиҷаи фаъолияти худро дар шакли анвои гуногуни маводду хизматрасониҳои инноватсионӣ зоҳир мекунад;
- дар робитаи мутақобилаи фаъол бо муҳити инноватсионии китобхона ба дастовардҳои назаррас ноил мегардад.

Ба ибораи дигар, натиҷаи ноил гардидан ба дастовардҳои назаррас дар соҳаи фаъолияти касбӣ ин зуҳуроти худтатбиққунии китобдор мебошад.

Ҳамин тавр, қисми натиҷабахши амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар фаъолнокии инноватсионии китобдор дар муҳити китобхона, самтгирии инноватсионии китобдор, маҳсулнокии фаъолияти инноватсионии ва худтатбиққунии ӯ дар раванди фаъолияти инноватсионӣ зоҳир мегардад.

**Технологияи татбиқи амалии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ.** Барои татбиқи амалию самараноки амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлати оммавӣ дарки моҳият, муайян намудани сохтор ва самтҳои асосии ҷанбаи технологии он муҳим мебошад.

Таҳқиқи ҷанбаи технологии амсилаи пешниҳодшуда имкон медиҳад, ки раванди инноватсионӣ мақсаднок идора карда шавад.

Аслан, мафҳуми «технология» (аз калимаҳои юнонии techne – санъат,

маҳорат ва logos – илм, қонун) пайдо шудааст.

Ба андешаи муҳаққиқ В.И. Андреев, технология дорои хусусиятҳои зерин мебошад:

- раванди мукаммал ва анҷомёфтаро ифода мекунад;

- низоми услубҳо ва воситаҳои дигаргунсозии мақсадноки ҳолати объект аст;

- самаранокии устувору кафолатноки баъзе фаъолиятҳои истеҳсолиро таъмин мекунад [12, с.248].

То солҳои наздик дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ, аз ҷумла педагогика ва китобхонашиносӣ мафҳум ё категорияи «технология» мавриди истифода қарор надошт. Вале бо мурури замон китобхоншиносии муосир бо дарназардошти мавҷудияти ратсионализм дар падидаи мазкур, муносибати технологиро эътироф мекунад, вале ин маънои интиқоли механикии он ба китобхонашиносиро надорад.

Бо дарназардошти он ки меҳвари Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил дода, мо онро ҳамчун низоми педагогӣ баррасӣ менамоем ва субъекти он китобдор маҳсуб меёбад, аз ин рӯ, барои муайян намудани сохтори технологии он мо, инчунин, мафҳуми «технологияи педагогӣ»-ро низ тавзеҳ медиҳем.

Ба андешаи М.А. Чошанов, «технологияи педагогӣ, ё ба маънои фишурдаи он, технология таълим, қисми таркибии низоми дидактикӣ ё методӣ мебошад. Муаллиф зикр мекунад, ки, агар низоми педагогӣ ба гирифтани посух ба саволҳои “чиро бояд омӯхт?, барои чӣ бояд омӯхт?, чӣ тавр бояд омӯхт?”-ро таъмин кунад, технологияи таълим ба саволи мушаххастар: “натиҷабахшии таълимро чӣ гуна таъмин кардан мумкин аст?”, ҷавоб медиҳад» [39, с.3].

Дар соҳаи китобдорӣ мафҳуми «раванди технологияи китобдорӣ» ҳамчун «амалиёти пайдарҳами мақсаднок, ки барои ба даст овардани маҳсулоти ниҳоии китобдорӣ, аз ҷумла маҳсулот ва хизматгузориҳо анҷом

дода мешавад», маънидод карда шуда, предмети он ҳамаи он чи ки дар доираи технологияи китобдорӣ дигаргун карда мешавад, маҳсуб меёбад. [16, с.219].

Ҳамин тавр, дар заминаи таҳлили адабиёти илмии соҳаи китобдорӣ оид ба технологияҳои китобдорӣ сохтори зерини технологияҳои китобдориро пешниҳод намудан мумкин аст, ки онро дар раванди татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

Дар заминаи таҳлили андешаҳои мазкур метавон зикр кард, ки технологияи татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ бояд ба саволи "китобдоронро чӣ гуна самаранок ва натиҷабахш ба фаъолияти инноватсионӣ ҷалб намудан мумкин аст?", ҷавоб диҳад.

Барои он ки технология ба саволи мазкур ҷавоби саҳеҳ ва қаноатбахш диҳад, он бояд сараввал тамоми унсурҳои низоми ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионии китобхонаро фаро гирад. Барои ба чунин натиҷа ноил гардидад, технологияи пешниҳодшаванда бояд дорои заминаи пурқуввати методологӣ (услубҳои методологӣ ва принсипҳо) бошад ва ба қонуниятҳо (объектӣ-субъектӣ), равандҳо, услубҳо, захираҳо, воситаҳои муайян такя карда, дар ин замина натиҷаи дилхоҳро кафолат диҳад.

Дар заминаи таҳлили консепсияҳои мавҷудаи назариявӣ оид фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо мо сохтори технологиии татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро таҳия намудем, ки тафсилоти он дар ҷадвали 2 нишон дода шудааст.

**Ҷадвали 2.**

***Сохтори технологии татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ***

<table>
<tr><td colspan="6">I. Заминаи методологии технология</td></tr>
<tr><td colspan="2">Услуби методологии муносибати:<br>- бонизом,<br>- синергетикӣ,<br>- муҳитӣ,<br>- ба шахс равонашуда</td><td colspan="4">Принсипҳо:<br>- принсипи идоракунӣ,<br>- принсипи худинкишофёбии касбӣ,<br>- принсипи фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити китобхона,<br>- принсипи гузариши идоракунӣ ба худидоракунӣ</td></tr>
<tr><td colspan="2">II. Сохтори технология ҳамчун низом</td><td colspan="4">III. Натиҷаҳои ҷории татбиқи технология</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Мақсад ва мушаххасоти он дар вазифаҳо</td><td colspan="4">Сатҳу сифати баланди мавод ва хизматрасониҳои китобдорию иттилоотӣ бо ҳароҷоти кам, ташаккули муҳити инноватсионӣ ва фарҳанги иттилоотии китобдорон</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Объект</td><td colspan="4">Иттилооти ҳуҷҷатӣ, аз ҷумла электронӣ, дархост ва талаботи доимоафзояндаи иттилоотии истифодабарандагони китобхона</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Субъект</td><td colspan="4">Ҳавасмандии ҳайати китобхона ба фаъолияти инноватсионӣ</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Равандҳо</td><td colspan="4">Равандҳои технологии китобдории ташаккул ва ташкили махзанҳои ҳуҷҷатӣ, таҳияву интишори маҳсулот ва хизматгузориҳои инноватсионӣ</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Услубҳо</td><td colspan="4">Услуби ҷамъоварӣ, коркард, ташкил, ҷустуҷӯ, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани иттилоот оид ба инноватсияҳо, хизматрасонии иттилоотии истифодабарандагони китобхона</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Захираҳо</td><td colspan="4">Ташаккули захираҳои ҳуҷҷатӣ, моддӣ, кадрӣ, молиявии омода барои фаъолияти инноватсионӣ</td></tr>
<tr><td>.</td><td>Воситаҳо</td><td colspan="4">Таъмини техникӣ, барномавӣ, лингвистии технологияи ба фаъолияти инноватсионӣ равонашуда, меъёрҳои арзёбии натиҷаҳои татбиқи технология</td></tr>
<tr><td colspan="6">IV. Самтҳои асосии амалисозии технология</td></tr>
<tr><td colspan="2">Ташаккули муҳити инноватсионии китобхона</td><td colspan="2">Ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ</td><td colspan="2">Роҳандозии хадамоти консалтинг</td></tr>
<tr><td colspan="6">V. Натиҷаи ниҳоии кафолатноки татбиқи технология</td></tr>
<tr><td colspan="6">Маводди иттилоотӣ ва хизматгузориҳои инноватсионӣ, ба маротиб афзудани шумораи истифодабарандагони китобхона, баланд гардидани имиҷи китобхона</td></tr>
</table>

Дар сохтори технологии татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммави мо се самти асосии зерини амалисозии онро муайян кардем, ки онҳо бо ҳам робитаи доимии мутақобила ва ногусастанӣ доранд:

1. Ташаккули муҳити инноватсионии китобхона;
2. Ташаккули захираи инноватсионии касбӣ;
3. Роҳандозии хадамоти консалтинг.

***Муҳити инноватсионӣ*** дар китобхона дар мавриде самаранок ташаккул меёбад, ки, агар дар китобхона раванди фаъоли ҳавасмандгардонии китобдорон барои навҷӯйӣ, ташаббускорӣ ва эҷодкорӣ, захираи ҳадди ақали инноватсионии касбӣ – китобдорони нововару эҷодкор мавҷуд бошанд, ҳамзамон, дар байни китобхона ва марказҳои методӣ хадамоти консалтингӣ – раванди иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ фаъол бошад.

Тавре ки аллакай зикр гардид, технологияи ташаккули муҳити инноватсионии китобхона ба услубҳои методологии муносибати бонизом ва муҳитӣ асос ёфта, имкон фароҳам меорад, ки раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро ҳамчун низоми педагогӣ баррасӣ гардад. Барои он ки дар муҳити китобхона монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ ба таври самаранок бартараф карда шаванд, кормандони марказҳои методӣ, ки расонидани хадамоти консалтингиро ба уҳда доранд, бояд имкониятҳои муҳити китобхона ва неруи инноватсионии китобдоронро муайян карда тавонанд. Аз ин рӯ, дар доираи чунин қонунияти робитаи мутақобила тибқи принсипи идоракунӣ барои фароҳам овардани муҳити созгори инноватсионӣ бояд воситаҳои ҳавасмандгардонии кормандони китобхона барои фаъолияти инноватсионӣ ҳамаҷониба истифода бурда шаванд, зиёда аз ин, раванди мазкур доимию фаъол бошад.

Дар доираи принсипи идоракунӣ (онҳое, ки иҷрои ин функсияро ба уҳда доранд) бояд *унсурҳои* сохтории *зерини* муҳити инноватсионии китобхона ва шароитҳои фароҳамсозии онро донанд ва дар амал татбиқ карда тавонанд:

- дастгирии ташкилӣ-идоракунии инноватсияҳо – мавҷудияти сиёсати

ҳавасмандгардонии (моддию маънавии) равандҳои инноватсионӣ дар китобхона;

- таъмини инфрасохтории равандҳои инноватсионӣ дар китобхона – заминаи мусоиди моддию техникӣ, захираҳои дастраси иттилотию молиявӣ, сохтори мустақили илмӣ-таҳқиқотӣ;

- шабакаи мустақили иттилоърасон оид ба навгониҳои соҳаи китобдорӣ – консалтинг (маслиҳатдиҳӣ, машваратдиҳӣ), баррасии навгониҳо, мубоҳиса ва амсоли инҳо.

Дар заминаи таҳлили моҳияти унсурҳои номбурда мақсади технологияи фароҳамсозии муҳити инноватсионӣ дар китобхонаро метавон ҳамчун муҳайё кардани шароит барои ташаккули databaseи иродаи устувори инноватсионии китобдорон арзёбӣ кард.

Тавассути муайян кардани вазифаҳо мақсади технологиро мушаххас менамоем, ки аз инҳо иборат аст:

- бунёди заминаи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ дар китобхона (фармоишҳо, дастурҳо, дастурамалҳои мансабӣ ва ғайра);

- ташаккули низоми ҳавасмандгардонии моддию маънавии фаъолияти инноватсионии китобдорон (маоши иловагӣ, туҳфа, ифтихорнома, мукофот, болоравӣ дар мансаб ва ғайра);

- ташаккули низоми иттилоърасонии рӯзмарра, арзишманд, дастрас, боътимод, дақиқ, мукаммал ва воқеӣ оид ба иннотсияҳо ва натиҷаҳои ҷоринамоии онҳо дар амалияи китобдорӣ (маҷмуаи мақолаҳои ҳамоишҳои гуногуни илмӣ, ахбори иттилоотӣ, низомҳои иттилотии компютерӣ, ВАО, иттилооти электронӣ дар интернет, лавҳаҳо, маърузаҳо дар семинар, вебинар, эълону ҳисобот ва ғайра);

- таҳкими заминаи моддию техникии фаъолияти инноватсионӣ.

Иҷрои вазифаҳои мазкур, ки дар маҷмуъ, мақсади умдаро муайян мекунанд, имкон фароҳам меоранд, ки натиҷаҳои зерин ба даст оянд:

- тадриҷан аз байн рафтани монеаҳои раванди инноватсионӣ дар китобхона;

- афзудани шумораи китобдороне, ки майлу хоҳиш ва, муҳимтар аз ҳама, иродаи мустаҳкам ҷиҳат иштирок дар фаъолияти инноватсиониро доранд.

Самти дигар ва муҳимми амалисозии технологияи татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ин ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ ба шумор меравад.

Зеро «инноватсияҳои китобдорӣ барои инкишофи неруи зеҳнии корманд ва истифодабарандаи китобхона, барои худтатбиқкунии касбӣ ва шахсии онҳо аҳаммияти калон дорад» [16, с. 409].

***Ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ*** ба услубҳои методологии муносибати ба шахс равонашуда, захиравӣ ва синергетикӣ асос ёфта, имкон медиҳад, ки робита миёни раванди идоракунии захираҳои китобхона ва рушди неруи инноватсионии китобдорон, байни воситаҳои алоқа дар шакли субъект-субъект, ки дар ҷараёни бартараф кардани монеаҳои инноватсионӣ барқарор мегардад, ба инобат гирифта шавад.

Қонунияти мазкур ба принсипи фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити китобхона ва принсипи худинкишофёбии касбӣ, принсипи худфаъолияти ва рефлексия мувофиқат мекунад.

Таҳқиқоти назариявӣ-эмпирикӣ аллакай зарурати камолоти шахсӣ ва рушди касбиро дар шароити таҳсилоти муттасил собит намудаанд [87,с.22]. Тибқи таҳқиқоти мазкур асоси таҳсилоти муттасилро принсипи худинкишофёбӣ, худтакмилдиҳӣ ташкил медиҳад. Ин намуди таҳсилот ба шахс имкон медиҳад, ки ҳаёт ва фаъолияти хешро ба самти дигаргунсозиҳои воқеӣ равона сохта, аз нигоҳи шахсӣ комил ва аз ҷиҳати касбӣ соҳиби салоҳиятнокии бештар гардад. Дар заминаи фаъолияти рефлексивӣ ва худтаҳлилкунии китобдор донишҳои назариявии касбии ӯ ба амали мушаххас табдил меёбанд.

Ҳамин тавр, ба андешаи мо, технологияи ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ имкон фароҳам меорад, ки китобдор донишҳо, воситаҳо ва тарзҳои дар шароити китобхона ба фаъолияти инноватсионӣ

машғул шуданро аз худ кунад, таҷрибаи инноватсионӣ ва рефлексивии хешро ғанӣ гардонад, дар замири ӯ сифатҳои нави шахсӣ – таҳаммулпазирӣ нисбат ба номуайянӣ, қобилияти таваккал кардан, масъулиятшиносӣ ва амсоли инҳо ташаккул ёбанд.

Дар асоси амсилаи сохтории неруи инноватсионии шахс, ки муҳаққиқ О.Б. Михайлова пешниҳод кардааст [88, с.30], мо амсилаи сохтории неруи инноватсионии китобдоро таҳия намудем, ки он дар расми 3 инъикос гардидааст.

Аз сохтори неруи инноватсионии китобдор бармеояд, ки барои ташаккули неруи инноватсионӣ дар замири шахс бояд ҳавасмании фаъол барои эҷодкорӣ, зеҳни кашшофӣ амали фаъолона барои навоварӣ нуҳуфта бошад. Бо ибораи дигар, тибқи амсилаи мазкур маҷмуи донишу малака, салоҳият ва таҷриба салоҳиятнокии инноватсиониии китобдорро ташкил медиҳанд.




**Расми 1. Амсилаи сохтории неруи инноватсионии китобдор**

Вобаста ба ин, мақсади технологияи ташаккули захираҳои инноватсионии касбӣ, ин фароҳам овардани шароит барои ташаккули салоҳияти инноватсионӣ ва эҷодкории инноватсионӣ ба шумор рафта, ин ду

сифат ба раванди ташаккули фарҳанги инноватсионии китобдор мусоидат мекунанд.

Тибқи амсилаи сохтории неруи инноватсионии китобдор мо мақсади технологияи ташаккули захираҳои инноватсионии касбиро тавассути вазифаҳои зерин мушаххас гардонидем:

1. Фароҳам овардани шароити муосоид барои китобдорон ҷиҳати аз худ намудани донишҳои муосир, тарзу усулҳо ва воситаҳои фаъолияти инноватсионӣ ва рушди камолоти шахсии ӯ, ки ба самаранокии фаъолияти инноватсионӣ мусоидат мекунанд.

2. Муҳайё сохтани шароит барои китобдорон ҷиҳати омӯхтани таҷрибаи инноватсионии китобхонаҳои ватанӣ ва хориҷӣ.

3. Ташкли шароитҳои мусоид барои ташаккули фаъолияти рефлексиии китобдорон.

4. Бунёди пойгоҳи маълумоти чопӣ ва электронӣ ба забонҳои давлатӣ ва русӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ дар марказҳои бузурги методии ҷумҳурӣ.

5. Дар Маркази такмили ихтисоси китобдорони КМТ ташкил намудани захираҳои электронии таълимӣ, курсҳои кӯтоҳмудати омӯзишӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ ва семинар-тренингҳо оид ба услубҳои таҳияи лоиҳаҳои инноватсионии китобдорӣ бо истифода аз услубҳои тақлид (имитация) ва ғайритақлидӣ (неимитационные).

Барои он ки раванди ташаккули захираҳои инноватсионии касбии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ самаранок анҷом ёбад, марказҳои таълимии сатҳҳои гуногун бояд аз тамоми имкониятҳо, аз ҷумла услубҳои фаъоли таълими китобдорон истифода баранд.

Барои ташкили ҳадафманди таълими китобдорон мо дар заминаи таснифоди таҳиянамудаи Н.В. Борисова, ки дар амалия педагогӣ, санҷида шудааст [130], таснифоти услубҳои фаъоли таълими китобдоронро таҳия намудем, ки тафсилоти он дар ҷадвали 3 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 3.**

**Таснифоти услубҳои фаъоли таълими китобдорон**

| Услубҳои тақлидӣ | | Услубҳои ғайритақлидӣ |
|---|---|---|
| ***Бо истифодаи унсурҳои бозӣ*** | ***Бе истифодаи унсурҳои бозӣ*** | |
| - бозии амалии лоиҳасозӣ;<br>- коромӯзӣ (бо иҷрои нақши муайяни ягон вазифаи мансабии) китобдорӣ);<br>- нақшофарӣ;<br>- машғулиятҳо бо истифодаи унсурҳои бозӣ: амсилаи компютер, муҳити сунъии китобхона, бозиҳои истеҳсолии компютерӣ ва ғайра. | - услубҳои рӯйдодӣ (ҳолатӣ):<br>- кейс-технологияҳо;<br>- таҳлили вазъияти мушаххас;<br>- баррасӣ ва ҳалли вазифаҳои рӯйдодӣ ва истеҳсолӣ;<br>- амалкард тибқи дастурамал (алгоритм);<br>- тренинги гурӯҳӣ ва ғайра | Лексияҳо ва семинарҳои фаъол (проблемавӣ);<br>Мубоҳисавӣ: мизи мудаввар; конференсияи матбуотӣ; конференсияи илмӣ-амалӣ;<br>-майнаобкунӣ;<br>-рӯйнамо;<br>-олимпиада;<br>-коромӯзӣ (бе иҷрои нақши вазифаи мансабии китобдорӣ) ва ғайра |

***Роҳандозии хадамоти консалтинг.*** Технологияи консалтинг ба услубҳои методологии муносибати ба шахс равонашуда ва синергетикӣ асос ёфта, татбиқи он имкон медиҳад, ки раванди камолоти шахсии китобдор дар муҳити китобхона ҳамчун низоми иҷтимоии худинкишофёбанда баррасӣ гардад. Он ба принсипи гузариш аз идоракунӣ ба худидоракуни устувор буда, робитаи мустақим миёни самаранокии фаъолияти инноватсионии китобдор ва сатҳи истифодаи имконияту воситаҳои худидоракунии ӯро дар раванди чунин фаъолият муайян мекунад.

Бо дарназардошти он ки мо масъалаи камолоти шахсии китобдорро дар муҳити китобхона ба сифати низоми худинкишофёбанда мавриди баррасӣ қарор додаем, дар ин маврид, муайян намудани моҳияти консалтинги педагогӣ бағоят муҳим мебошад. Зери мафҳуми «консалтинги педагогӣ» муҳаққиқон [20, с. 53], ёрии касбӣ дар ташкил ва татбиқи раванди таълим... ва таъмини илмӣ-методии фаъолияти касбии раванди педагогӣ»-ро маънидод кардаанд. Ба андешаи гурӯҳи дигари олимони соҳаи педагогика, консалтинги педагогӣ «як намуди кумаки экспертӣ (коршиносӣ) оид ба такмили идоракунӣ ҳангоми дар низоми идоракунии таъҷилии муассисаи таълимӣ ворид кардани сохторҳои азнавсозишуда, равандҳои таҷдидёфта, услубҳои нав ва дигар навигариҳо мебошад» [93, с.98]. Аммо дар тавзеҳоти мазкур муаллифон доираи таъиноти консалтинги педагогиро то ҳадде маҳдуд кардаанд, ки истифодаи он дар қаринаи таҳқиқоти мо имконнопазир аст. Барои таҳқиқоти мо тавзеҳи зерини мафҳуми «консалтинги таълимӣ», ки ҳамчун зернамуди консалтинги педагогӣ арзёбӣ гардидааст, бештар мувофиқ аст: «Консалтинги таълимӣ ин маҷмуи усулҳо ва услубҳои иҷтимоӣ-технологиест, ки барои лоиҳасозии раванди рушди инноватсионии муассисаи таълимӣ ва низоми таҳсилоти кормандон истифода бурда мешавад» [22, с. 117].

Ҷолибияти таърифи мазкури мафҳуми «консалтинги таълимӣ» барои таҳқиқоти мо боз дар он зоҳир мегардад, ки яке аз мақсадҳои хадамоти консалтингӣ, ки имрӯз аз ҷониби марказҳои методӣ ба китобхонаҳо ва кормандони онҳо расонида мешавад, ин, пеш аз ҳама, мусоидат ба раванди таҳсилоти касбии китобдорӣ, аз ҷумла таҳсилоти муттасили китобдорӣ, такмили ихтисос ва худомӯзии китобдорон мебошад. Аз ин рӯ, имрӯз ҷорӣ намудани хадамоти консалтингӣ (ба маънои муосири ин мафҳум) дар марказҳои методии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бағоят муҳим мебошад.

Дар чунин маврид зери мафҳуми «хадамоти консалтинг» мо созмондиҳии ёрии касбӣ ба кормандони китобхонаҳои давлатию оммавиро

арзёбӣ мекунем, ки мақсади асосии он таъмини рушди камолоти шахсӣ ва ҳалли мушкилоти касбии китобдорӣ, аз ҷумла дар раванди фаъолияти инноватсионӣ мебошад.

Вобаста ба таҷрибаи андӯхтаи марказҳои методии соҳаи китобдорӣ дар кишварҳои мутараққии ҷаҳон, аз ҷумла Федератсияи Россия, Беларус самтҳои асосии фаъолияти хадамоти консалтингии марказҳои методӣ аз инҳо иборат аст:

- ташхисӣ,
- маърифатӣ,
- иттилоотӣ,
- таҳлилӣ.

Дар мавриди бо технология муосири иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ муҷаҳҳаз будани марказҳои методӣ ва китобхонаҳо, аз ҷумла пайваст будани онҳо ба шабакаи интернет онҳо имкон доранд  хадамоти консалтингии фосилавиро ба роҳ монанд. Он имкон медиҳад, ки иттилоот  бо суръати баланд дастраси китобдорон гардад, онҳо ҳангоми ба миён омадани мушкилот онро ба таври фаврӣ ҳаллу фасл намоянд ва бо ҳамдигар пайваста дар тамос бошанд.

Тибқи таҷрибаи мавҷуда (дар китобхонаҳои хориҷӣ) хадамоти фосилавии консалтингӣ дар самтҳои зерин роҳандозӣ кардан мумкин аст:

- ташаккули захираҳои иттилотӣ-таълимӣ вобаста ба дархости китобхонаҳои давлатию оммавӣ;
- ташкили курсҳои омӯзишии электронӣ (дар заминаи таҳлили мушкилоти китобхонаҳо ва самтҳои лоиҳаҳои инноватсионӣ);
- ташаккули низоми машваратдиҳии мустақими электронӣ (саволу ҷавоби китобдорон бо мутахассиси маркази методӣ, ҷойгирнамоии саволнома ва пурсишномаҳои оид ба  масъалаҳои муҳимми китобдорӣ, фаъолияти инноватсионӣ, навгониҳои китобдорӣ ва ғайра.

Дар доираи самтҳои номбурдаи фаъолият марказҳои методӣ, асосан, вазифаҳои зеринро иҷро мекунанд:

- ташхиси ниёзҳои таълимӣ ва маърифатии китобдорон;

- маслиҳатдиҳӣ ба китобдорон дар ҳалли мушкилоти касбӣ; мусоидат намудан дар интихоби барномаи мушаххаси таълимии китобдорӣ;

- фароҳамоварӣ ва таъмини дастрасӣ ба захираҳои иттилоотӣ-таълимӣ, ки тибқи дархости мушаххаси китобдорон интихоб карда шудаанд.

Ҳамин тавр, мо дар сохтори технологии татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммави се самти асосии зерини амалисозии онро муайян кардем:

1. Ташаккули муҳити инноватсионии китобхона;
2. Ташаккули захираи инноватсионии касбӣ;
3. Роҳандозии хадамоти консалтинг.

Хулоса, ташаккули муҳити инноватсионии китобхона, захираҳои инноватсионии касбӣ ва ба роҳ мондани хадамоти консалтинг имкон фароҳам меоранд, ки яке аз мушкилоти асосӣ - монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ дар китобхона, бартараф карда шуда, китобдорон ба фаъолияти самараноки инноватсионӣ ҷалб карда шаванд ва натиҷаҳои мушаххаси зерин ба даст оянд: дар муҳити китобхона зоҳир гардидани фаъолнокии инноватсионӣ, маҳсулнокии инноватсионӣ ва худтатбиқкунии инноватсионии китобдорон.

## 2.3. Татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо

Дар зербоби 2.3. натиҷаҳои озмоиши таҷрибавӣ оид ба санҷиши нуктаҳои асосии назариявии таҳқиқот инъикос ёфтаанд. Дар заминаи услубҳои илмӣ барномаи озмоиши таҷрибавӣ ва дурустии интихоби меъёрҳо, инчунин, нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии раванди амалисозии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст.

Озмоиши таҷрибавии амалисозии амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ имкон медиҳад, ки моҳият ва ҷанбаҳои гуногуни раванди таъмини инноватсионии фаъолияти китобхонаҳои мазкур дар шароити ғайриодӣ (озмоишӣ) бо истифодаи услубҳои гуногуни таҳқиқотӣ марҳила ба марҳила озмуда шуда, ҷавҳари он муайян гардад ва барои татбиқи амсилаи номбурда дар амалияи китобдорӣ тавсияҳои илман асоснок пешниҳод гардад.

Аз ҷониби дигар, барои муайян кардани сатҳи самаранокии раванди дар амал татбиқ намудани амсилаи консептуалӣ, ки ҷавҳари онро ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ташкил медиҳад, бояд зарурати истифодаи услубҳои статистикии коркарди натиҷаҳои таҳқиқот, ки ба мақсади он (таҳқиқот) комилан мувофиқанд, асоснок карда шаванд.

Ба сифати пойгоҳи таҳқиқоти озмоишӣ муассисаҳои давлатии «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи М. Миршакар« (КДБҶ ба номи М. Миршакар), Китобхонаи марказии шаҳрии ба номи А. Лоҳутӣ, китобхонаҳои вилоятӣ дар Суғд, Хатлон, ВМКБ, инчунин, системаи марказонидашудаи китобхонаҳои ноҳияҳои Восеъ, Дӯстӣ, Панҷ, Норак, Файзобод, Рӯдакӣ, Мастчоҳ, Кӯҳистони Мастчоҳ ва Роштқалъа интихоб гардиданд. Дар ҷараёни таҳқиқот 205 нафар китобдорон, 33 нафар кормандони (методистони) марказҳои методӣ иштирок доштанд. Дар таҳқиқоти озмоишӣ ба сифати коршиносон омӯзгорони кафедраи китобхонашиносӣ ва библиографишиносии Муассисаи давлатии таълимии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода» (ДФСТ ба номи М. Турсунзода) ва кормандони Пажуҳишгоҳи фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (ПИТФИ) ширкат варзиданд.

Барои собит намудани воқеияти нуктаҳои асосии назариявӣ, ки дар диссертатсияи пешниҳод шудаанд, инчунин, муайян намудани муҳити инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, сатҳи омодагии китобдорон

ба фаъолияти инноватсионӣ, дараҷаи фарҳанги инноватсионии онон, монеҳои асосии фаъолияти инноватсионӣ дар ҷараёни озмоиши таҷрибавӣ аз маҷмуи услубҳои илмӣ (ташхисӣ) истифода бурда шуд. Услубҳои илмии ташхис аз пурсиш (хаттӣ ва шифоҳӣ), таҳлили мавод оид ба фаъолияти инноватсионии китобхонаҳо ва марказҳои методии сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, харитаи ташхис, мушоҳидаи илмӣ, мусоҳиба, худбаҳодиҳӣ, тестҳо, хулосаи экспертӣ, методҳои омории таҳлили маълумот ва нишондиҳандаҳои шуморавӣ иборат буд. Тамоми услубҳои раванди озмоиши таҷрибавӣ (ташхис) ба шароити таҳқиқот мутобиқ гардонида шуда, тибқи марҳилаҳои асосии озмоиши таҷрибавӣ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда шуданд: назариявӣ-ҷустуҷӯйӣ, муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда, тавсифӣ (хотимавӣ-ҷамъбастӣ).

Дар ҷараёни марҳилаи назариявӣ-ҷустӯҷӯйӣ меъёрҳои арзёбии сатҳи ташаккули омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ, фарҳанги инноватсионии онҳо, муҳити инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, вазъи муосири таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, имкониятҳои кадрӣ, моддию техникӣ ва илмию эҷодии марказҳои бузурги методӣ, инчунин, монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ муайян карда шуданд.

Дар ду марҳилаи минбаъда (муқарраркунанда, ташаккулдиҳанда) методикаи таҳқиқоти озмоишӣ мутобиқ гардонида шуда, дар марҳилаи ниҳоӣ (тавсифӣ (хотимавӣ-ҷамъбастӣ) натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ-таҷрибавӣ мураттаб сохта шуданд.

Бо мақсади фарогирии ҷанбаҳои муҳимтарин ва самтҳои афзалиятноки фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ, муайян намудани афкору андеша ва муносибати китобдорон, инчунин, кормандони марказҳои методӣ оид ба масъалаҳои мазкур се пурсишнома, аз ҷумла ду пурсишнома барои китобдорон ва як пурсишнома барои кормандони марказҳои методӣ тартиб дода шуд.

Барои муайян намудани сатҳи ибтидоии омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ва монеаҳои раванди фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш пурсиши сотсиологӣ гузаронида шуд.

Дар марҳилаи муқарраркунандаи озмоиш нишондиҳандаҳои зерини фаъолияти инноватсионии китобдорон баҳогузорӣ шуданд:

- мавҷудияти ангеза (ҳавасмандӣ) нисбат фаъолияти инноватсионӣ;
- сатҳи омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ;
- арзёбии монеаҳо дар фаъолияти инноватсионии китобдорон;
- сатҳи қаноатмандӣ аз муҳити инноватсионии китобхона;
- сатҳи таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ.

Бо ин мақсад, тавассути пурсишнома мо ба китобдорон ба саволҳои «Оё шумо барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода ҳастед?», «Оид ба инноватсияҳои китобдорӣ чиро медонед?», «Инноватсияҳои китобдориро дар фаъолияти хеш чӣ гуна истифода мебаред?», «Шумо инноватсияҳои китобдориро бо кадом мақсад истифода мебаред?», «Барои омӯзиш, коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ ба шумо чӣ халал мерасонад?», муроҷиат намудем. Тавре ки аллакай зикр гардид, дар таҳқиқоти озмоишӣ 205 нафар китобдорон, 33 нафар кормандони (методистони) марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ иштирок доштанд.

Дар маҷмуъ, 58, 8 фоизи китобдорон иброз намуданд, ки онҳо барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода ҳастанд, 18 фоиз ҷавоб додаанд, ки барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода нестанд, 23,2 фоизи боқимонда мавқеи худро ҷиҳати аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ муайян карда натавонистанд. Тафсилоти муфассали ҷавоби китобдорон дар ҷадвали 4 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 4.**

**Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи «Оё шумо барои аз худ кардани навгониҳои китобдорӣ омода ҳастед?» (ба ҳисоби фоиз)**

| № | Варианти ҷавобҳо | Ба ҳисоби фоиз |
|---|---|---|
| 1. | Ҳа | 58,8 |
| 2. | Не | 18 |
| 3. | Дар ҷавоб додан душворӣ мекашам | 23,2 |

Илова бар ин, бо мақсади муайян намудани сатҳи ибтидоии омодагии китобдорон ба фаъолияти инновастсионӣ дар заминаи пойгоҳҳои озмоишӣ, яъне китобхонаҳои оммавии шаҳру ноҳияҳои таҳқиқот гузаронида шуд. Яке аз мақсадҳои асосии ташкилу баргузории таҳқиқоти озмоишии муқарраркунанда ин муайян намудани сатҳи ибтидоии омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ буд, ки он тавассути саволу супоришҳои махсус бо истифода аз методҳои фаъоли таълим озмуда шуд. Тафсилоти натиҷаҳои таҳқиқот то озмоиш ва баъд аз озмоиш дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ дар ҷадвали 5 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 5.**

**Сатҳи ибтидоии омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ (то озмоиш ва баъди озмоиш ба ҳисоби фоиз)**

| т/р | Сатҳи омодагии китобдор ба фаъолияти инноватсионӣ | Гурӯҳи назоратӣ | | Гурӯҳи озмоишӣ | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | То озмоиш | Баъди озмоиш | То озмоиш | Баъди озмоиш |
| 1 | Баланд | 0,10% | 0,18% | 0,11% | 0,41% |
| 2 | Миёна | 0,30% | 0,38% | 0,34% | 0,49% |
| 3 | Паст | 0,60% | 0,44% | 0,55% | 0,10% |

Тавре ки аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти озмоишӣ дар гурӯҳҳои назаоратӣ ва озмоишӣ бармеояд (ҷадвали 5), баъд аз гузаронидани кори

таҷрибавӣ, агар дар гурӯҳи назоратӣ шумораи китобдорони сатҳи омодагиашон ба фаъолияти инноватсионӣ баланд ҳамагӣ 0,10 фоизро ташкил диҳад, пас, ҳамин ишондиҳанда дар гурӯҳи озмоишӣ 41 фоиз мебошад, Яъне, фарқи нишондиҳандаҳои мазкур дар натиҷаи гузаронидани кори таҷрибавӣ дар гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ ба 30 фоиз баробар шудааст.

Дар таҳқиқоти озмоишӣ нишондиҳандаи муҳим ин *кам шудани шумораи китобдоронест*, ки сатҳи омодагиашон ба фаъолияти инноватсионӣ паст аст. Ноил шудан ба чунин нишондиҳанда дар натиҷаи ташкил ва гузаронидани корҳои озмоишӣ бо гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ муяссар гардид. Таҳлили натиҷаи корҳои озмоишӣ нишон медиҳад, ки, агар шумораи китобдорони сатҳи омодагиашон ба фаъолияти инноватсионӣ дар гурӯҳи назоратӣ 44 фоизро ташкил диҳад, пас, ҳамин нишондиҳанда дар гурӯҳи озмоишӣ ба 10 фоиз расида, аз натиҷаи мусбати корҳои таҷрибавӣ шаҳодат медиҳад.

Мавриди зикр аст, ки яке аз нишондиҳандаҳои муҳим дар ҳама гуна намудҳои фаъолият, аз ҷумла дар фаъолияти инноватсионӣ ин худбаҳодиҳӣ мебошад. Зеро натиҷаи худбаҳодиҳӣ (ба шарте ки он воқеъбинона, холисона ва беғраз бошад) ин нишондиҳандаи воқеии дарки моҳияти масъала ба шумор меравад.

Бо дарназардошти муҳиммияти нишондиҳандаи мазкур ҷиҳати муайян намудани мавқеи китобдорон дар фаъолияти рӯзмарра мо дар ду марҳила – сараввал, соли 2021 ва сипас, соли 2022, яъне пас аз ташкил ва гузаронидани силсилаи корҳои таҷрибавӣ ба китобдорон (бо ҷалби намояндагони гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ) бо саволи «Шумо худро ба кадом категорияи зерини китобдорон мансуб медонед?», мурочиат намудем, ки тафсилоти он дар ҷадвали 6 оварда шудааст.

**Ҷадвали 6.**

**Таснифоти китобдорон тибқи аломати мавқеи онҳо дар фаъолияти рӯзмарраи китобхона (дар заминаи натиҷаи худбаҳодиҳӣ ба мавқеи хеш)**

| р/т | Мавқеъ | Соли 2022 | Соли 2021 |
|---|---|---|---|
| 1 | Пешсафон | 25,5% | 8% |
| 2 | Қаноатмандон | 33% | 49,9% |
| 3 | Анъанапарастон | 15% | 21,5% |
| 4 | Шубҳадорон | 4,4% | 12,1% |
| 5 | Навоварон | 22,1% | 8,5% |

Аз натиҷаи таҳлили ҷадвали мазкур маълум мегардад, ки китобдорон бо шарофати ширкат дар машғулиятҳои раванди корҳои таҷрибавӣ ва худомӯзӣ, инчунин, дарки моҳияти фаъолияти инноватсионӣ тадриҷан аз уҳдаи муайян намудани мавқеи хеш дар фаъолияти рӯзмарраи китобхона баромада метавонанд, ҳамзамон, вазъият дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ аз ҷиҳати татбиқи равандҳои инноватсионӣ тадриҷан рӯ ба беҳбудӣ меорад. Зеро тақрибан дар тули як сол шумораи китобдороне, ки худро ба қатори пешсафон мансуб медонанд, 17,5 фоиз ва ба қатори навоварон мансуб медонанд, 13,6 фоиз афзуда, теъдоди китобдороне, ки худро ба қатори қаноатмандон нисбат медиҳанд, 16, 9 фоиз ва мутаносибан ба қатори анъанапарастон – 6,5 фоиз ва шубҳадорон – 7,7 фоиз коҳиш ёфтааст.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқот бори дигар афзалияти истифодаи методҳои фаъоли таълим, худомӯзию худтаҳлилкунӣ ва худбаҳодиҳиро дар раванди ташаккули салоҳиятнокии инноватсионии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ собит намуд.

Илова бар ин, раванди таҳқиқот ***омилҳои** асосии* сатҳи пасти омодагии китобдорон ба фаъолияти инноватсиониро муайян намуд, ки дар байни онҳо ***монеаҳои*** ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мавқеи назаррас доранд. Барои мушаххас намудани монеаҳои асосии раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мо ба китобдорон бо саволҳои «Агар дар фаъолияти хеш аз инноватсияҳои китобдорӣ истифода набаред, сабаб чист?», муроҷиат кардем. Натиҷаи ҷавобҳо собит намуд, ки 1,2 фоизи китобдорон барои истифодаи инноватсияҳои китобдорӣ вақт надоранд, 26, 3

фоизи китобдорон тарзи анъанавии фаъолияти китобхонаро афзалтар меҳисобанд, 22, 1 фоиз иброз доштанд, ки китобхонаашон ба шабакаи интернет пайваст нест, 15, 2 фоиз ҳанӯз инноватикаи китобдориро наомӯхтаанд, ба ақидаи 10 фоизи онҳо барои омӯхтан ва ҷорӣ кардани навгониҳои китобдорӣ ҳанӯз низоми устувори ҳавасмандӣ ташаккул наёфтааст, 23, 2 фоиз посух додаанд, ки марказҳои методӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ сари вақт иттилоот паҳн намекунанд, 2 фоизи китобдорон барои истифодаи инноватсияҳои китобдорӣ маҳорату малака надоштани хешро баён кардаанд. Тафсилоти ҷавоби китодорон дар диаграммаи 3 нишон дода шудааст.




**Диаграммаи 3.** Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи **«Агар дар фаъолияти хеш аз инноватсияҳои китобдорӣ истифода набаред, сабаб чист?»** *(ба ҳисоби фоиз)*

Барои ошкор ва мушаххас намудани монеаҳо дар раванди омӯзишу коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ мо ба китобдорон бо саволи «Барои омӯзиш, коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ ба шумо чӣ халал мерасонад?», мурочиат намудем. Мавҷуд набудани талаботи мушаххас оид ба раванд ва натиҷаҳои паҳн намудани таҷрибаи пешқадами китобдориро 10,2 фоизи китобдорон, омодагии нокифояи китобхонаҳо барои

муаррифӣ ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадамро 9, 3 фоиз, омода набудани китобдорон барои паҳн намудани таҷрибаи инноватсионии хешро 23,1 фоиз, нокифоягии дастгирии иттилоотии таҷрибаи пешқадамро 15,3 фоиз ва норасоии таъмини методиро 42, 1 фоизи китобдорон ба сифати монеаи халалрасони раванди омӯзиш, коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ арзёбӣ кардаанд. Тафислоти ҷавоби китобдорон ба саволи мазкур дар диаграммаи 4 оварда шудааст.




**Диаграммаи 4. Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи «Барои омӯзиш, коркард ва ҷорӣ намудани навгониҳои китобдорӣ ба шумо чӣ халал мерасонад?»** ***(ба ҳисоби фоиз).***

Бо мақсади таъмини воқеияти ҳар чи бештари таъсири монеаҳо ба раванди азхудкунӣ, коркард ва ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо, ҳамзамон, ошкор сохтани мавқеи марказҳои методӣ нисбат ба масъалаи мазкур мо бо ҳамин гуна савол ба кормандони марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ низ муроҷиат намудем. Маълум гардид, ки ҷавоби китобдорон ва кормандони марказҳои методӣ оид ба монеаҳои раванди азхудкунӣ, коркард ва ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо *аз ҳамдигар фарқ мекунанд*. Ҳиссаи монеаҳои раванди мазкур дар ҷавоби методистони марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ

чунин аст: пайваст набудани марказҳои методӣ ба шабакаи интернет (25 фоиз), камшумор ва дар баъзе минтақаҳо мавҷуд набудани сарварон, навоварон дар байни китобдорон (10, 9 фоиз), мавҷуд набудани донишҳои зарурии назариявӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ (30, 1 фоиз), сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ (20 фоиз), мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ (14 фоиз). Ҷавоби кормандони марказҳои методӣ ба таври муфассал дар ҷадвали 7 инъикос ёфтааст.

**Ҷадвали 7.**

**Тақсимоти ҷавоби кормандони марказҳои методии соҳаи китобдорӣ ба саволи «Барои азхудкунӣ, коркард ва ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо кадом монеаҳо вуҷуд доранд?» (Панҷ монеаи ҷиддиро интихоб намуда, ишора кунед) (ба ҳисоби фоиз)**

| № | Варианти ҷавобҳо | Ба ҳисоби фоиз |
|---|---|---|
| 1 | Норасоии вақт | |
| 2 | Мавҷуд набудани стратегияи илман асосноки рушди инноватсионии китобхона дар замони муосир | |
| 3 | Пайваст набудани марказҳои методӣ ба шабакаи интернет | 25 |
| 4 | Камшумор ва дар баъзе минтақаҳо мавҷуд набудани сарварон, навоварон дар байни китобдорон | 10,9 |
| 5 | Ихтилофу мунокиша дар коллективҳои китобдорӣ | |
| 6 | Мавҷуд набудани донишҳои зарурии назариявӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ | 30,1 |
| 7 | Сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ | 20 |
| 8 | Мавҷуд набудан ё рушди нокифояи маҳорату малакаҳои таҳқиқотӣ | |
| 9 | Мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ | 14 |

Фарқи ҷавоби китобдорон аз методистони марказҳои методӣ оид ба монеаҳои раванди азхудкунӣ, коркард ва ҷоринамоии навгониҳо дар фаъолияти китобхонаҳо бори дигар мавҷудияти ихтилофи ҷиддӣ миёни дарки моҳияти инноватсияҳои китобдорӣ, зарурати ҷоринамоии онҳо дар

амалияи китобдорӣ ва вазъи воқеии фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавиро собит месозад.

Бо ибораи дигар, кормандони марказҳои методии сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ, ки яке аз вазифаҳои асосисашон таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо ба шумор меравад, аз сарчашмаҳо ва сатҳи воқеии таъсири монеаҳои мавҷуда ба фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба таври зарурӣ огоҳ нестанд. Чунин вазъият имкон намедиҳад, ки марказҳои методӣ ба китобхонаҳо дар самти вусъати фаъолияти инноватсионӣ ёрии ҳадафмандӣ методӣ расонанд, авлавиятҳои фаъолияти хешро оид ба ин масъала ба таври мушаххас муайян созанд, дурнамои онро аниқ тарҳрезӣ кунанд.

Таҳлили натиҷаи ҷавоби китобдорон ва кормандони марказҳои методӣ моро водор сохт, ки  дар ҷараёни корҳои таҷрибавӣ, бо мақсади арзёбии таъсири воқеии монеаҳои номбурда ба раванди фаъолияти инноватсионӣ  ба китобдорон ва кормандони марказҳои методӣ ҷадвали муаллифии ташхиси монеаи  фаъолияти инноватсиониро тибқи низоми 100-балла барои арзёбӣ пешниҳод кунем.

Натиҷаи таҳлилу ҷамъбасти баҳогузории китобдорон ва кормандони марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ нисбат ба таъсири монеаҳо ба раванди фаъолияти инноватсионӣ ба мо имкон дод, ки дар ҷадвали мазкур сутунчаи навро барои муайян кардани рейтинги монеаҳо илова кунем, ё ба ибораи дигар, мақоми рейтингии монеаҳоро дар таркиби фаъолияти инноватсионии китобдорон муайян созем, ки тафсилоти он дар ҷадвали 8 инъикос ёфтааст.

Ҷадвали муаллифии «Арзёбии таъсири монеаҳо ба фаъолияти инноватсионии китобдорон ва мақоми рейтингии онҳо дар сохтори фаъолияти инноватсионии китобдорон»

*Дастур: Ҳамкасби гиромӣ! Эҳтиромона, хоҳишмандем, тибқи ҷадвали мазкур (дар доираи 100 балл) ба сатҳи таъсири монеаҳо ба фаъолияти*

*инноватсионии китобдорон, аз ҷумла ба ҷараёни татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ баҳогузорӣ кунед. Барои ҳамкориатон, сипосгузорем.*

**Ҷадвали 8.**

| **Номгӯйи монеаҳо** | **Шумораи баллҳо (тибқи ҷадвали 100-балла)** | **Мақоми рейтингии монеа дар сохтори фаъолияти инноватсионии китобдорон *** |
|---|---|---|
| **1** | **2** | **3** |
| Сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ | 99,7 | 1 |
| Нокифоягии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ | 87, 4 | 2 |
| Пайваст набудани китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва марказҳои методӣ ба шабакаи интернет | 79,9 | 3 |
| Зиёд будани шумораи кормандони дорои маълумоти миёнаи умумӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ | 68, 4 | 4 |
| Сатҳи пасти донишҳои назариявии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ | 59,9 | 5 |
| Мавҷуд набудани низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзии китобдорон дар ҷумҳурӣ | 56,8 | 6 |
| Мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ оид ба ташаббускорӣ, навоварӣ ва татбиқи навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ | 49,9 | 7 |
| Камшумор ва дар баъзе минтақаҳо, умуман, мавҷуд набудани сарварон, ташаббускорон ва навоварон дар байни китобдорон (мавҷуд набудани муҳити мусоиди инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ) | 40,8 | 8 |
| Мавҷуд набудани стратегияи илман асосноки рушди инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ дар замони муосир | 38,9 | 9 |
| Рушди нокифояи маҳорату малакаҳои таҳлилию синтетикӣ ва таҳқиқотии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ | 28,8 | 10 |
| ***Эзоҳ:** Сутунчаи 3-юм пас аз таҳлил ва ҷамъбасти ҷавоби китобдорон ва кормандони марказҳои методӣ илова карда шудааст.* | | |

Тавре ки аз таҳлили мундариҷаи ҷадвали 8 бармеояд, барои ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ монеаҳои зерин халал мерасонанд:

сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ (мақоми аввал), нокифоягии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми дуюм), пайваст набудани китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва марказҳои методӣ ба шабакаи интернет (мақоми сеюм), зиёд будани шумораи кормандони дорои маълумоти миёнаи умумӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми чорум), сатҳи пасти донишҳои назариявии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ (мақоми панҷум), мавҷуд набудани низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзии китобдорон дар ҷумҳурӣ (мақоми шашум), мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ оид ба ташаббускорӣ, навоварӣ ва татбиқи навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ (мақоми ҳафтум), камшумор ва дар баъзе минтақаҳо, умуман, мавҷуд набудани сарварон, ташаббускорон ва навоварон дар байни китобдорон (мавҷуд набудани муҳити мусоиди инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ) (мақоми ҳаштум), мавҷуд набудани стратегияи илман асосноки рушди китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ дар замони муосир (мақоми нуҳум), рушди нокифояи маҳорату малакаҳои таҳлилию синтетикӣ ва таҳқиқотии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми даҳум). Мавриди зикр аст, ки монеаҳои мазкур ба ҳам робитаи наздику ногусастанӣ дошта, мавҷудияти яке боиси пайдо шудани монеаҳои дигар ва дар маҷмуъ, ба раванди «ташаккули низоми буҳронӣ» дар фаъолияти инноватсионии китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ мусоидат намудаанд.

Таҳлили вазъи мавҷудаи фаъолияти инноватсионӣ дар китобхонаҳои номбурда бори дигар зарурати татбиқи амалии Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро дар Тоҷикистон собит менамояд.

Яке аз самтҳои муҳимми татбиқи Консепсияи номбурда ин роҳандозии механизмҳои ҳавасмандсозии китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Дар рейтинги монеаҳо (ҷадвали 8) мақоми рейтингӣ мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ оид ба ташаббускорӣ, навоварӣ ва

татбиқи навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ бо 49, 9 балл дар сохтори фаъолияти инноватсионии китобдорон мақоми ҳафтумро ишғол мекунад. Мавриди зикри хос аст, ки мавҷуд набудани низоми ҳавасмандӣ боиси он гардидааст, ки аз байни китобдорон сарварон, ташаббускорон ва навоварон хеле камшумор ва ҳатто, дар баъзе минтақаҳои ҷумҳурӣ тамоман мавҷуд нестанд, ки ин ба пешрафти соҳаи китобдорӣ дар мамлакат таъсири ҷиддӣ расонида, сатҳи ҷолибият ва рақобатпазирии китобхонаҳоро дар байни дигар муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ва иттилоърасони ҷомеа коҳиш медиҳад.

Таҳқиқот нишон дод, ки имрӯз сатҳи ҷорӣ намудани инноватсияҳои китобдорӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ қонеъкунанда нест ва ба беҳбудии ҷиддӣ ниёз дорад.

Ба саволи «Оё дар китобхонаи шумо инноватсияҳои китобдорӣ ҷорӣ шудаанд?» ,танҳо 26, 7 фоизи китобдорон ҷавоби мусбат дода, 44 фоизи онҳо иброз намуданд, ки дар китобхонаашон инноватсияҳои китобдорӣ ҳанӯз ҷорӣ карда нашудаанд. Посухи  29, 3 фоизи китобдорон ба саволи мазкур нигаронкунанда аст, зеро онҳо ҳатто, дар ҷавоб додан душворӣ мекашанд. Ин ҷавоби ҳамон категорияи китобдорон аст, ки ҳанӯз фарқи тарзи анъанавӣ ва инноватсионии фаъолияти китобхонаро муайян карда наметавонанад, ба моҳияти инноватсияҳои китобдорӣ сарфаҳм нарафтаанд, зарурати ҷорӣ намудани навгониҳоро дар фаъолияти китобхона  дарк накардаанд. Тафсилоти вазъият дар диаграммаи 5 инъикос ёфтааст.




**Диаграммаи 5. Тақсимоти ҷавоби китобдорон ба саволи «Оё дар китобхонаи шумо инноватсияҳои китобдорӣ ҷорӣ шудаанд?»** ***(бо ҳисоби фоиз)***

Чунин вазъият ба раванди ташкилу идоракунии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, низоми мавҷудаи таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии китобдорон вобастагии амиқ дорад. Зеро имрӯз дар муассиаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва миёнаи махсус, ки ба тайёркунии мутахассисони соҳаи китобдорӣ машғул ҳастанд, (ба истиснои факултети китобдории Донишкадаи давлатии санъат ва фарҳанги Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода), таълими фанҳое, ки мундариҷаашон фарогири масъалаҳои инноватикаи китобдорӣ, аз ҷумла ташаккули салоҳиятнокии инноватсионӣ ва фарҳанги иттилоотӣ мебошанд, шумораашон ниҳоят маҳдуд аст. Мавриди зикр аст, ки аз ҷониби мо (дар ҳаммуаллифӣ бо С. Шосаидзода) дастури таълимии «Фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхона» (Душанбе, 2021. - 96 с) ва силлабуси фанни таълимии мазкур таҳия гардида, дар ин замина бо пешниҳоди муаллифон ба барномаи таҳсилотӣ аз рӯйи ихтисоси 1-230111-03 - Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (таъмини иттилоотӣ), тахассуси китобдор-китобшинос, мутахассис оид ба иттилоот, дараҷаи академии бакалавр бо муҳлати таҳсили 4-сола аз соли таҳсили 2020-2021 дар курси 4-уми рӯзона ҳамчун фанни интихобӣ дар ҳаҷми 64 соати таълимӣ ва аз соли таҳсили 2021-2022 бо ҳамин теъдоди соатҳо дар курсҳои 4-уми рӯзона ба сифати фанни асосӣ таълим дода мешавад.

Илова бар ин, тибқи нақшаи таълимӣ барои ихтисоси: 1-230111 – Китобхонашиносӣ ва китобшиносӣ (таъмини иттилоотӣ); дараҷаи таҳсилот: бакалавр, касб: китобдор-китобшинос. Мутахассис оид ба иттилоот барои шаклҳои рӯзона ва ғоибонаи таҳсил, ки бо имзои вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, аз соли таҳсили 2020-2021 инҷониб фанни «Инноватикаи китобдорӣ»-ро дар ҳаҷми 3 кредит, ё 48 соати таълимӣ барои донишҷӯёни курсҳои 2-3-уми рӯзона ба сифати фанни интихобӣ ва дар ҳаҷми 1 кредит ё 16 соати таълимӣ донишҷӯёни курсҳои 2-3-юми ғоибона ҳамчун фанни интихобӣ меомӯзанд.

Таҳлили нақшаҳо, махсусан, барномаҳои таълимии силсилаи фанҳои китобхонашиносӣ ва библиографишиносӣ (аз соли таҳсили 2015-2016 инҷониб) нишон дод, ки дар мундариҷаи онҳо мавзуъҳо бахшида ба масъалаҳои иннноватикаи китобдорӣ, фаъолияти инноватсионӣ-методии китобхонаҳо ва таъмини инноватсионию методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ, фаъолияти инноватсионии библиографӣ ба назар намерасанд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки вазъи таъмини кадрӣ дар марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ, ки шумораи умумиашон 10 ададро ташкил медиҳад, чандон қаноатбахш нест. Масалан, имрӯз дар марказҳои номбурда 40 нафар мутахассисон, аз ҷумла 15 нафар бо маълумоти олии китобдорӣ, 16 нафар бо маълумоти олии ғайритахассусӣ, 9 нафар бо маълумоти миёнаи махсус фаъолият доранд. Яъне, дар марказҳои номбурда ҳамагӣ 37,5 фоизи кормандон бо маълумоти олии соҳаи китобдорӣ фаъолият дошта, ин нишондиҳанда дар маркази калонтарини методии сатҳи ҷумҳуриявӣ «Китобхонаи миллӣ»-и Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 30,7 фоиз ва дар Китобхонаи давлатии бачагонаи ҷумҳуриявии ба номи Мирсаид Миршакар, ки маркази илмӣ-методии тамоми китобхонаҳои бачагона ва мактабии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад, 25 фоизро ташкил медиҳад.

Омили дигаре, ки ба вусъати фаъолияти инноватсионии китобдорон монеаи ҷиддӣ эҷод мекунанд, ин таъсири вазъи имрӯзаи низоми такмили ихтисос ва вазнавтайёркунии китобдорон, аз ҷумла китобдорони китобхонаҳои давлати оммавӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Факултети такмили ихтисоси кормандони фарҳанг, санъат ва табъу нашр бо фаромони Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон № 84, аз 08.04.2008 дар доираи татбиқи нишондоди нақшаи чорабиниҳои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр дар солҳои 2007-2008» таъсиси ёфта, дар давоми солҳои 2008- 2022 онро ҳамагӣ 30 нафар китобдорон хатм кардаанд.

## Хулосаҳои боби дуюм

Натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишию таҷрибавии татбиқи амалии Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон фарзияи таҳқиқотро тасдиқ карда, имкон доданд, ки хулосаҳои зерин бароварда шаванд:

1. Таъмини босифат, самаранок ва боэътимоду дарозмуддати рушди инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мавриде муяссар мегардад, ки, агар раванди мазкур дар заминаи консепсияи илман асоснок ба роҳ монда шавад. Таҳия ва татбиқи Консепсия фаъолияти муназзаму босуботи тамоми объектҳо ва субъектҳои таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро барои давраи дарозмуддат (стратегӣ) кафолат медиҳад. Чунин иқдом дар навбати худ ба раванди устувори ҷорӣ намудани инноватсияҳо на танҳо дар фаъолияти китобхонаҳо, балки тамоми субъектҳои раванди таъмини инноватсионӣ-методӣ таъсир расонида, дар маҷмуъ, ба баланд гардидани сатҳу сифати хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба аҳолӣ мусоидат менамояд.

2. Дар ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон ва татбиқи он дар амалияи китобдорӣ муносибати бонизом, синергетикӣ, муҳитӣ ва ба ашахс равонашуда мақоми барҷастаро ишғол карда, дар навбати худ, ҳар кадом ба қонунияти муайян такя мекунад: дар доираи фаҳмиши услуби илмии муносибати бонизом қонунияти инъикоси робита миёни унсурҳои сохторӣ ва ҷузъиёти функсионалии ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ арзёбӣ гардида, муносибати синергетикӣ қонунияти рушди шахсияти китобдорро ҳамчун унсури муҳимми худинкишофёбандаи муҳити инноватсионии китобхона асоснок мекунад. Муносибати муҳитӣ ба қонунияти робита миёни имкониятҳои неруи инноватсионии китобдор ва муҳити инноватсионии китобхона дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ алоқаманд буда, муносибати ба шахс равонашуда ин татбиқи

амалии қонунияти робитаи байни механизмҳои алоқаи тарафайни субъект бо субъект дар раванди рафъи монеаҳои фаъолияти инноватсионии китобдор мебошад. Қонуниятҳои номбурда самтҳои асосии коркарди принсипҳои ташаккули Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавиро, ки меҳвари онро ҷалби китобдорон ба фаъолияти нноватсионӣ ташкил медиҳад, муайян мекунанд.

3. «Ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ» ҳамчун раванди мақсадноки рафъи монеаву мушкилоти фаъолияти инноватсионии китобдор ва бартарафсозиии сабабу омилҳои муқовимат ба фаъолияти инноватсионӣ арзёбӣ гардида, ҳадафи асосии он фаъолгардонии китобдор дар раванди фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Мафҳуми «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ, ин, пеш аз ҳама, ифодаи «монеа», «мушкилот» ва «сад»-ҳои психологиест, ки китобдорро аз ташаббусу эҷодкорӣ, навоварӣ ва ширкати фаъолонаву мақсаднок дар раванди фаъолияти инноватсионӣ бозмедоранд.

4. Татбиқи самарабахши нишондоди Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва таҳияи принсипи ҷалби китобдорон ба фаъолияти китобдорӣ талаб мекунад, ки сабабу омилҳои пайдоиши монеаҳо дар ҳар як марҳилаи фаъолият муайян карда шаванд.

Тибқи амсилаи сохтори динамикии фаъолият, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур коркард ва ба мақсаду вазифаҳои он мутобиқ гардонида шудааст, ҳама гуна фаъолият, асосан, аз чор марҳилаи зерин иборат аст: роҳнамоӣ, барномарезӣ, татбиқи барнома ва назоратӣ-тасҳеҳӣ. Натиҷаи марҳилаи роҳнамоӣ – таҳияи амсилаи иттилоотию арзишӣ ва, муҳимтар аз ҳама, тарҳрезии ҳадафи пешакии фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, талаботи аввалин ҷиҳати рафъи монеа ин сари вақт ва ҳар чи бештар иттиллоъ расонидан ба субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ ва ташаккули арзиши фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Натиҷаи марҳилаи барномарезӣ таҳияи нақшаи амалиётест, ки барои расидан ба мақсад мусоидат мекунад.

Талабот нисбат ба рафъи монеа дар марҳилаи сеюм ин мавҷудияти мақсади мушаххаси фаъолияти инноватсионӣ ва барномаи ноил шудан ба он аст Дар ин марҳила боварӣ ҷиҳати ноил шудан ба мақсад устувортар гардида, вазифаҳое мавриди иҷро қарор мегиранд, ки дар барнома инъикос ёфтаанд. Мувофиқат накардани натиҷаҳои фаъолият нисбат ба талаботе, ки дар барнома инъкиос ёфтаанд, зарурати тай намудани марҳилаи чорумро талаб мекунад. Барои бартараф кардани монеаҳо мавҷудияти малакаҳои худназораткунии субъектҳои фаъолияти инноватсионӣ зарур мебошад.

5. Дар заминаи мақсадгузорӣ, банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандгардонӣ, бамеъёрдарорӣ, баҳисобгирӣ, назорат ва тасҳеҳ принсипҳои зерини педагогии идоракунии раванди ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ татбиқ мегарданд: идоракунӣ, худинкишофёбии касбӣ: худинкишофдиҳӣ, худфаъолиятӣ, рефлексивӣ, фаъолгардонии неруи инноватсионии китобдор дар муҳити инноватсионии китобхона, идоракунии раванди худидоракунии китобдор (субъекти фаъолияти инноватсионӣ).

6. Татбиқи амсилаи консептуалии рушди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳои давлатию оммавӣ дар шароити Тоҷикистон раванди мураккабу тулонӣ, мураттабу идорашаванда ба шумор рафта, дар раванди он марказҳои методии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ оид ба такмили фаъолияти худ бояд силсилаи корҳои ташкилию идоракуниро анҷом диҳанд.

7. Барои ҷалби самараноки китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ омилҳои зерин нақши муҳимро мебозанд: мавҷудияти ангеза (ҳавасмандӣ) нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, сатҳи зарурии омодагӣ ба фаъолияти инноватсионӣ, низоми устувори бартараф намудани монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ, сатҳи қаноатмандии китобдорон аз муҳити инноватсионии китобхона, сатҳу сифати таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳо.

8. Аз ҷиҳати сатҳи таъсир ба фаъолияти инноватсионии китобдорон монеаҳо дар сохтори фаъолияти онҳо мақоми зеринро ишғол мекунанд: сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ (мақоми аввал),

нокифоягии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми дуюм), пайваст набудани китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва марказҳои методӣ ба шабакаи интернет (мақоми сеюм), зиёд будани шумораи кормандони дорои маълумоти миёнаи умумӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми чорум), сатҳи пасти донишҳои назариявии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ (мақоми панҷум), мавҷуд набудани низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзии китобдорон дар ҷумҳурӣ (мақоми шашум), мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ оид ба ташаббускорӣ, навоварӣ ва татбиқи навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ (мақоми ҳафтум), камшумор ва дар баъзе минтақаҳо, умуман, мавҷуд набудани сарварон, ташаббускорон ва навоварон дар байни китобдорон (мавҷуд набудани муҳити мусоиди инноватсионӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ) (мақоми ҳаштум), мавҷуд набудани стратегияи илман асосноки рушди китобхонаҳои давлатию оммавии ҷумҳурӣ дар замони муосир (мақоми нуҳум), рушди нокифояи маҳорату малакаҳои таҳлилию синтетикӣ ва таҳқиқотии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми даҳум). Таъмини методии фаъолияти китобхона ба рафъи ҳамин монеаҳо равона карда мешавад.

9. Муқоисаи натиҷаҳои худбаҳодиҳии китобдорон ба мавқеи хеш дар фаъолияти рӯзмарра ва сатҳи омодагии онҳо (китобдорон) ба фаъолияти инноватсионӣ имкон дод, ки панҷ гурӯҳи зерини китобдорон муайян карда шавад: пешсафон, қаноатмандон, анъанапарастон, шубҳадорон ва навоварон.

10. Фаъолгардонии раванди ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсионӣ аз раванди ташкилу идоракунии фаъолияти онҳо, бартарафсозии монеаҳои фаъолияти инноватсионӣ, роҳандозии низоми ҳавасмандгардонии китобдорон нисбат ба фаъолияти инноватсионӣ, вазъи низоми мавҷудаи таҳсилоти касбӣ, такмили ихтисос ва азнавтайёркунии китобдорон, аз ҷумла худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ, худомӯзӣ ва сатҳу сифати таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои мазкур вобастагии амиқ дорад.

Ҳамин тавр, натиҷаи таҳқиқоти назариявӣ ва озмоишию таҷрибавии мо, собит намуд, ки татбиқи амалии Консепсияи рушди таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон имкон фароҳам меорад, ки сатҳи ҷалби китобдорон ба фаъолияти инноватсионӣ ба маротиб беҳтар гардад. Озмоиши самаранокии амсилаи консептуалии амсилаи рушди таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳо нишон дод, ки заминаи методологӣ, назариявӣ ва технологии татбиқи он ба сатҳу сифати фаъолияти инноватсионӣ таъсири амиқ расонида, натиҷаҳои он ба талаботи ҷомеаи муосири Тоҷикистон нисбат ба китобхонаҳои давлатию оммавӣ пурра ҷавобгӯ буда, он омили таъсирбахши таъмини рушди устувори китобхонаҳои мазкур барои давраи дарозмуддат маҳсуб меёбад.

# ХУЛОСА

## Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқот

Таҳлили назариявии натиҷаҳои таҳқиқот ва омӯзишу ҷамъбасти корҳои озмоишию таҷрибавӣ барои пешниҳоди хулосаҳои зерин имкон фароҳам овbooрданд:

1. Таҳқиқи мавзуи «Таъмини инноватсионӣ-методии китобхона - омили рушди фаъолияти он (дар мисоли китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон)» бояд дар заминаи ҳадафҳои стратегии рушди ҷомеа, ки ба вазифаҳои умдаи ниҳодҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла китобхонаҳои давлатию оммавӣ робитаи ногусастанӣ дорад, роҳандозӣ гардад, зеро ҷомеаи муосири Тоҷикистон имрӯз ба татбиқи неруи инноватсионии китобхонаҳои оммавӣ, ки аз ҷиҳати фарогирии хизматрасонии китобдорӣ-иттилоотӣ ба аҳолӣ нисбат ба дигар намуди китобхонаҳо нуфузи бештар доранд, манфиатдор аст [13-М; 15-М; 19-М].

2. Таҳлили қиёсии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон дар ду давраи таърихӣ (даврони шуравӣ ва истиқлолияти давлатӣ), таҳқиқи асосҳои таърихӣ ва назариявии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти онҳо барои омӯзишу баррасии ҷиҳатҳои мусбат ва манфии таҷрибаи китобхонаҳо номбурда, аз ҷумла марказҳои методии даврони шуравӣ, ташаккули дастгоҳи нави истилоҳотии раванди таъмини инноватсионии китобхонаҳо дар замони муосир ва таъмини ҳамбастагии таҷрибаи муфиди таърихӣ бо дастовардҳо ва консепсияҳои муосири таъмини инноватсионӣ-методии китобхонаҳо имкон фароҳам овард [7-М; 8-М; 10-М; 14-М].

3. Таҳқиқот нишон дод, ки фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва марказҳои методӣ ҳамчун ниҳодҳои кумакрасони онҳо дар ҳар як марҳилаи таърихӣ бо моҳияту мундариҷа, вазифа, самтҳо ва хусусияти хоси хеш фарқ мекунад. Зеро ҳар як марҳилаи таърихӣ рисолат ва вазифаҳои иҷтимоии китобхонаҳоро вобаста ба тамоюлоти ташаккул ва пешрафти ҷомеа муайян карда, ҳамзамон, самтҳои таъмини инноватсионӣ-методии

фаъолияти онҳоро ба ҳадди талаботи иттилоотии афроди ҷомеаи мушаххас мутобиқ мегардонад [8-М;12-М].

4. Муайян карда шуд, ки таъмини ҳамбастагии таҷрибаи таърихӣ бо дастовардҳои муосир дар самти таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ ҳамон вақт самараи дилхоҳ дода метавонад, ки, агар:

- таҷрибаи дар ин самт андӯхтаи китобхонаҳои даврони шуравӣ аз нигоҳи интиқодӣ мутобиқ бо талаботи имрӯза ва хусусиятҳои хоси фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, сипас, ҷорӣ шавад [8-М;10-М];

- дар даврони истиқлолияти давлатӣ фаъолияти марказҳои методӣ мутобиқ ба талаботи ҷомеаи демократӣ роҳандозӣ гардида, коркардҳои илмию методии онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта бошанд;

- кормандони марказҳои методие, ки ҳанӯз дар фаъолияташон ҷанбаи *роҳбарии* методӣ афзалият дорад, тадриҷан зарурати *таъмини* инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳоро дарк карда тавонанд;

- дар марказҳои илмию методии тамоми сатҳҳо (ноҳиявӣ, вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ) ҳамбастагии фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ бо фаъолияти илмию методӣ ва инноватсионӣ таъмин карда шавад [9-М];

5. Таҳқиқи назариявии китобхона ба сифати объекти таъмини инноватсионӣ-методӣ нишон дод, ки:

- дар самти асосноксозии истилоҳоти марбут ба фаъолияти инноватсионӣ-методӣ миёни муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи китобдорӣ то имрӯз ақидаи ягона вуҷуд надорад [7-М; 11-М];

- пайдоиш ва ташаккули мафҳумҳои «роҳбарии методӣ», «дастури методӣ», «коркарди методӣ» дар даврони шуравӣ, аксаран, боиси эҷоди монеа дар роҳи ташаббускорӣ, навҷӯйӣ ва навоварӣ дар соҳаи китобдорӣ гардида буд [11-М;19-М].

6. Тавассути баррасии ҳамаҷонибаи илмӣ мундариҷаву моҳияти мафҳумҳои барои низоми таъмини илмӣ-методӣ хос ва муҳим: «роҳбарии

методӣ», «ёрии методӣ», «дастури методӣ»,«машварати методӣ», «таъмини инноватсионӣ-методӣ», «навгонӣ», «инноватсия», «таҷрибаи пешқадам» аз ҷиҳати илмӣ асоснок гардида, ҳудуди семантикии онҳо муайян ва доираи истифодабарии онҳо дар соҳаи китобдорӣ муқаррар карда шуданд [11-М;19-М].

7. Исбот карда шуд, ки мафҳуми «таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ» падидаи мураккаби гуногунҷанба буда, заминаи муҳимми дастгирӣ барои таъмини раванди такмили сатҳу сифати хизматрасонии китобдорию иттилоотӣ ба аҳолӣ ва вобаста ба он мусоидат ба ҷалби ҳар чи бештари шаҳрвандон ба хониш ва китобхона мебошад [13-М].

8. Раванди таҳқиқ доираи семантикии мафҳуми калидии таҳқиқот «инноватсияи китобдорӣ»-ро ба таври зерин муайян кард:

- ғоя, методика, лоиҳаи асил, ғайристандартии аз қоидаву анъанаҳо ва шаклҳои мавҷудаи кор берун; муносибати нав нисбат ба мундариҷа, ташкили хизматрасонии китобдорӣ, технология ва идоракунии китобхона; таъмини рушди китобхона, баланд бардоштани сатҳи сифат ва самаранокии фаъолияти он: воридоти унсурҳои нав ва технологияҳо, ки ба равандҳои фаъолияти китобхона таъсири мусбат мерасонад.

9. Таҳқиқоти озмоишию таҷрибавӣ монеаҳои асосии раванди ҷалби китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ ба фаъолияти инноватсиониро ошкор намуд, ки онҳо дар сохтори фаъолияти инноватсионӣ мақоми зеринро ишғол мекунанд: сатҳи пасти иттилоърасонӣ оид ба навгониҳои китобдорӣ (мақоми аввал); нокифоягии таъмини инноватсионӣ-методии фаъолияти китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми дуюм) пайваст набудани китобхонаҳои давлатию оммавӣ ва марказҳои методии сатҳи ноҳиявӣ ба шабакаи интернет (мақоми сеюм); зиёд будани шумораи кормандони дорои маълумоти миёнаи умумӣ дар китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми чорум); сатҳи пасти донишҳои назариявии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ оид ба инноватикаи китобдорӣ (мақоми панҷум); мавҷуд

набудани низоми устувори такмили ихтисос ва бозомӯзии китобдорон дар ҷумҳурӣ (мақоми шашум); мавҷуд набудани низоми устувори ҳавасмандӣ оид ба ташаббускорӣ, навоварӣ ва татбиқи навгониҳо дар соҳаи китобдорӣ (мақоми ҳафтум); камшумор ва дар баъзе минтақаҳоии ҷумҳурӣ мавҷуд набудани сарварон, ташаббускорон ва навоварон дар байни китобдорон (мақоми ҳаштум); мавҷуд набудани стратегияи илман асосноки рушди китобхона ҳамчун низоми иҷтимоӣ дар замони муосир (мақоми нуҳум); рушди нокифояи маҳорату малакаҳои таҳлилию синтетикӣ ва таҳқиқотии китобдорони китобхонаҳои давлатию оммавӣ (мақоми даҳум).

